**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО**

**ВБД 811:378.141**
**ТКБ 81.2+74.58**
**М54**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**САФАРОВА ФИРУЗА МАДАБИДОВНА**

# МЕТОДИКАИ АРЗЁБИИ ДОНИШИ ХАТТИИ ДОВТАЛАБОН ДАР АСОСИ НАТИҶАИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – КОРИ ХАТТӢ (ЭССЕ)

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

Роҳбари илмӣ: Каримов Назрулло Салимович,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО............................................................................................3**

**МУҚАДДИМА ...........................................................................................4**

**БОБИ 1. НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ИСТИФОДАИ КОРИ ХАТТӢ ДАР АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН..............19**

1.1. Ҷанбаҳои педагогию психологии таҳияи кори хаттӣ: таснифоти корҳои хаттӣ ........19
1.2. Эссе – воситаи арзёбии дониш ва салоҳиятҳои хонандагон........................................36
1.3. Тафовут ва монандиҳои асосии иншо ва эссе ............................................................43
Хулосаи боби 1 ....................................................................................................................49

**БОБИ 2. КОРИ ХАТТӢ (ЭССЕ) ДАР НИЗОМИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ .........................................................52**

2.1. Асосҳои назариявии ворид намудани кори хаттӣ ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ..................................................................................................52
2.2. Озмоиши абзори кори хаттӣ дар солҳои 2011-2013 ......................................................56
2.3. Озмоиши абзор ва тартиби навиштани кори хаттӣ (эссе) дар солҳои 2016-2017............76
Хулосаи боби 2 ....................................................................................................................100

**БОБИ 3. ТЕХНОЛОГИЯИ АРЗЁБИИ ДАРАҶАИ ДОНИШ ВА МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ДОВТАЛАБОН АЗ РӮЙИ НАТИҶАҲОИ КОРИ ХАТТӢ (ЭССЕ).................................................................................103**

3.1. Талаботи навиштан ва меъёри холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии соли 2018..........................................................................103
3.2. Методикаи арзёбии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар имтиҳони кори хаттӣ (эссе).................................................................................................................................112
3.3. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ.............................................................................................................................132
3.4. Таҳлили омилҳои ба натиҷаи дастовардҳои таълимии довталабон таъсиррасон.....140
Хулосаи боби 3 ....................................................................................................................150

**ХУЛОСА...................................................................................................153**

Тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.......................................................155

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ........................................ 158**

**РӮЙХАТИ МАВОДИ ЧОПШУДАИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ, КИ НУКТАҲОИ АСОСИИ РИСОЛА ДАР ОНҲО ДАРҶ ГАРДИДААНД...................................................................................................175**

**ЗАМИМАҲО ........................................................................................... 179**

## ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| ВМИ ҶТ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДДТТ | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| ИМД | Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ |
| ИҶШС | Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ |
| ИЯД | Имтиҳони ягонаи давлатӣ |
| ММТ | Муассисаи давлатии “Маркази миллии тестӣ” |
| ММТНПҶТ | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МНС | Маводди назоратию санҷишӣ |
| МТТМК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| МТТОК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ |
| МТТМОК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ |
| МТУ | Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ |
| МТМУ | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| ШИБХ | Шумораи имконпазири бештарини холҳо |

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Имрӯз дар замони пешрафти илму техника истифодаи усулҳои нави таълим ва технологияҳои пешқадам яке аз омилҳои асосии баланд гардидани сатҳу сифати таҳсилоти ҳар кишвар гардидааст. Вобаста ба ин рушди низоми таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва омода намудани мутахассисони кордону ба бозори меҳнат ҷавобгӯй яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот, тайёр кардани мутахассисони баландихтисосу соҳибмаърифат ва ба талаботи бозори меҳнати имрӯза ҷавобгӯйро пайваста таъкид менамоянд ва барои амалӣ гардидани нақшаҳои муҳим дар ин самт дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари Давлат ва татбиқи барномаҳои банақшагирифташуда дар соҳаи маориф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии самараноки рушди соҳаро таъмин мекунад ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро тасдиқ [1; 2; 3; 5; 6; 7] ва иҷрои онҳоро таъмин менамояд. Дар аксари ин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар баробари рушди соҳаи маориф ба як қатор масъалаҳои муҳим низ таваҷҷуҳ шудааст, аз ҷумла ташкили механизмҳои баланд бардоштани сифати омӯзиши забони давлатӣ [7], дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои давлатии таҳсилот [2], дар мактабҳои миёнаи ҳамагонии таҳсилашон ба забонҳои ғайридавлатӣ ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои забон ва адабиёти тоҷик – «омӯзиши ин фанҳо аз муҳити хонаводагӣ сар карда, то зинаҳои охирини маълумот дар асоси маводди асил, мероси purарзиши адибони гузаштаю муосир» [1], рушд додани салоҳиятҳои иртиботии хонандагон, ки онҳо «воситаҳои нутқи гуфтугӯйӣ ва навиштро бо забони тоҷикӣ ... барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда дар вазъияти аниқи иҷтимоӣ истифода бурда тавонанд, фикру

андеша ва нуктаи назари худро мувофиқи меъёри забони адабӣ ва одоби муомила баён намоянд» [5].

Вобаста ба ин масъалаҳои муҳим дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба забони давлатӣ қарорҳои дахлдор қабул мегарданд ва риояи онҳо бечунучаро сурат мегиранд. Чунончи дар «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» зикр гардидааст: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди забони тоҷикӣ як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намуд, ки дар кишвар барои ҳифзи забони давлатӣ ва забонҳои дигар фазои мусоид ба вуҷуд меоранд. Тадбирҳои мазкур дар роҳи гиромидошту арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ нақши муҳим мебозанд» [177].

Дигар аз масъалаҳои муҳим, ки дар ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рӯйи онҳо таъкид мешавад, дастрасии баробари шаҳрвандон ба таҳсилот, арзёбии объективонаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон аст. Бо мақсади арзёбии объективонаи дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон ва таъмини дастрасии баробар ва иштирок дар таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014, № 138 дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» (ММТ) Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММТНПҶТ) таъсис дода шуд.

ММТНПҶТ, ки аз соли 2014 барои дохил шудани довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК)-и ҷумҳурӣ низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД)-ро ба роҳ монд, бо истифода аз усули муосири санҷиши тестӣ ва навиштани кори хаттӣ дар шакли эссе яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа – арзёбии одилонаю объективонаи дастовардҳои таълимии довталабонро мавриди татбиқ қарор дод.

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми низоми таҳсилоти Тоҷикистон – арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати баёни андеша)-и довталабон аз фанни забони тоҷикӣ дар асоси натиҷаҳои бахши кори хаттии ИМД ба МТТМОК, ки соли 2018 баргузор гардид, бахшида шудааст.

Масъалаи ворид намудани кори хаттӣ ба низоми ИМД ба МТТОК-и ҷумҳурӣ бо мақсади арзёбии объективонаи дастовардҳои таълимии довталабон ҳанӯз соли 2011 ба миён омада буд. Барои муайян намудани шакли кори хаттӣ дар ИМД дар давоми солҳои 2011-2013 ММТ чанд маротиба навиштани кори хаттӣ, аз ҷумла диктант ва иншоро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ)-и ҷумҳурӣ озмоиш кард. Натиҷаи озмоишҳо дар Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ ҶТ) баррасӣ гардид. Аз рӯйи ин натиҷаҳо қарор карда шуд, ки кори хаттӣ аз забони тоҷикӣ дар маҷмуи фанҳои имтиҳонии низоми ИМД дар шакли эссе (иншои мухтасар) дохил карда шавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (МТУ)-и ҷумҳурӣ забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик аз фанҳои муҳимми таълимӣ ба ҳисоб меравconfigured. Вале то ба имрӯз масъалаҳои арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати андешаронии хонандагони МТУ-и ҷумҳурӣ ва нуқсонҳои ҷойдошта дар таълими ин фанҳо ба таври мушаххас ва густарда мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Агар санҷишҳое шуда бошад ҳам, (бо гирифтани диктант, нақли хаттӣ ва иншо), танҳо дар доираи чанд муассисаи таълимии таҳсилоти умумии ягон шаҳр ва ноҳия анҷом гирифтаанд, ки натиҷаи онҳо дастраси ҷомеа нашудааст. Инчунин вуҷуд доштани омилҳои таъсиррасон дар ин гуна санҷишҳо, субъективизм дар баҳогузорӣ ба корҳои хатии донишомӯзон, дастрасии нобаробари хонандагон ва довталабон ба имтиҳон, илман асоснок набудани абзори санҷиш, воқеӣ (объективӣ) набудани натиҷаи ин санҷиш ва имтиҳонҳоро нишон медиҳанд.

Методҳои анъанавии арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати андешаронии хонандагон бо навиштани диктант, нақли хаттӣ ва иншо, ки имрӯз дар МТУ-и Тоҷикистон истифода мешаванд, ба талаботи меъёрҳои арзёбии воқеии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и хонандагон мувофиқ нестанд. Бо гузаронидани санҷиш ва имтиҳонҳое, ки дар онҳо омили инсонӣ таъсир доранд, аз ҷумла, субъективизм дар баҳогузорӣ ба корҳои хаттии донишомӯзон ва дастрасии нобаробари донишомӯзон ба

санҷиш ва ё имтиҳон вуҷуд дорад, инчунин воситаҳои санҷиш илман асоснок нестанд, дараҷаи воқеии дониши хаттӣ, малака ва маҳорати баёни андеша ва дараҷаи ҷаҳонбинии донишомӯзонро наметавон дақиқ ва объективона муайян намуд.

Таҳлили методҳои арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати донишомӯзон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот, озмоишҳои кори хаттӣ (диктант ва иншои мухтасар) ва натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) аз забони тоҷикӣ дар ИМД ба МТТМОК якчанд норасоиҳо ва ихтилофҳо дар баҳогузорӣ-арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати донишомӯзонро ошкор намуданд, аз ҷумла:

− аз тарафи омӯзгорони фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик риоя нагардидани меъёри баҳогузорӣ ба корҳои хаттии хонандагон, ки ВМИ ҶТ тасдиқ намудааст;

− вуҷуд доштани омилҳои инсонӣ дар раванди гузаронидан ва санҷиши корҳои хаттӣ, номувофиқатиҳо дар баҳогузорӣ, илман асоснок набудани абзорҳои арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати хонандагон;

− мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтани сифати таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ-и ҷумҳурӣ ва сабабҳои паст будани дараҷаи дониши хаттӣ ва рушд накардани тафаккури интиқодии хонандагон;

− мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтани корҳои хаттӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва истифодаи он ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии дониши хаттии донишомӯзон;

− мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтани низоми арзёбии дониши хаттии хонандагон, якхела набудани низоми ягонаи арзёбӣ – меъёри баҳогузорӣ ба кори хаттӣ – эссеи навиштаи хонандагон дар МТУ.

Бо дар назар гирифтани ин ихтилофу норасоиҳо ва омилҳои ба раванди арзёбии саводнокӣ ва дониши хаттии донишомӯзон ва натиҷаҳои ба он таъсиррасон, инчунин ҷорӣ намудани низоми ИМД дар Тоҷикистон, ки дар асоси маҷмуи принсипҳои адолату шаффофӣ ва дастрасии баробар [85, с. 12-13] сурат мегирад ва низ авалин маротиба дар Тоҷикистон тавассути ММТНПҶТ

воситаи илман асосноки арзёбии дониши хаттии донишомӯзон – кори хаттӣ (эссе) ва меъёри ягонаи холгузорӣ ба он таҳия гардид, ки ҳамчун абзори боэътимод дар ИМД-и соли 2018 истифода шуд ва дар натиҷа дараҷаи воқеии дониши хаттӣ, малака ва маҳорати баёни андеша ва дараҷаи ҷаҳонбинии довталабон, инчунин сатҳу сифати таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТУ-и кишвар муайян гардид, масъалаи мазкур мавриди таҳқиқи мо қарор гирифт.

Мубрамии мавзуъ ва то ба имрӯз мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтани ин масъала, моҳияти назариявӣ ва зарурати амалии он мавзуи диссертатсияро муайян намуд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Навиштани кори хаттӣ, аз ҷумла диктант, нақли хаттӣ, иншо, эссе, маъруза, реферат дар ҳамаи МТМУ яке аз муҳимтарин воситаҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва довталабон, бахусус, дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати баён карда тавонистани андеша ба шумор меравад.

Ҷанбаҳои муҳимми психологию физиологӣ ва педагогии истифодаи кори хаттӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ва таснифоти кори хаттӣ, методикаи арзёбии дониш ва салоҳиятҳои хонандагон ба воситаи тест ва корҳои хаттӣ ҳамеша мавриди омӯзишу таҳқиқи мутахассисони соҳа будааст. Ин масъалаҳо дар таҳқиқоти донишмандони шинохтаи соҳа, ба монанди: М. Қозиҷонов [57; 58], М. Қурбонов [59], М. Лутфуллоев [62; 63; 64], С, Тағоев [64], С. Шербоев [115; 116], Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов [72], А. Мулло [74], А. Абдуллоев [9], А. Азиз [12], А.И. Аминов [13], М. Афғонов [22], А. Аҳмад [23], Б. Боронов [29], М.Н. Зиёев, У.С. Эрматова, А.Б. Алиев, Б.Ф. Зоолишоева [40], Ф.К. Олимова [40; 80], Ш.Тағоев, А. Мирзоев [91], Ш.И. Ҳакимова [155], З.Б. Абдуллоева [162], М. Сафаров [198], М. Аҳмадов [131], Ҷ. Азимов, А. Фазлиддинзода [128], У. Тоир [93], Л. Крокер, Ҷ. Алгина [56], П. Андерсен, Ҷ. Морган [21], В.С. Ким [48], В.И. Звонников [37; 38], М.Б. Челишкова [108; 109], С.П. Мамай [69], Н.Ф. Ефремова [36], Н.В. Носачёва [197], Т.О. Скиргайло [168] ва дигарон мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд.

Дар бораи эссе ҳамчун як шакли кори хаттӣ ва арзёбии дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон ба воситаи ин шакли кори хаттӣ метавон навиштаҳои арзишманди донишмандоне чун Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев [34], Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров [75], Ф. Олимова [80], З. Тошбоева [94], Ф. Ниёзов [77; 78; 79; 94], Қ.Ш. Тӯраҳасанов, С.Ҳ. Қурбонов [95], Х. Ҷумъазода [110], М. Афғонов [22], М. Шодиев, Ҷ. Азимов [158], А.Л. Дмитровский [9], В.И. Звонников, М.Б. Челишкова [37; 38], А.И. Тюнин, Л.П. Алексеева [97], Е.В. Бузалская [132], А.Л. Дмитровский [134; 135; 136], В.М. Учакина [169], К.А. Затсепин [164], Н. Брилёнова [178], О.С. Лиситсина [191], С.В. Майорова [192] ва С.А. Тютюнова [200] ва дигаронро зикр намуд.

Бо вуҷуди ин доир ба ворид намудани эссе ҳамчун як шакли кори хаттӣ ба низоми таҳсилот ва истифодаи он дар МТУ-и кишвар ва арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ба воситаи ин шакли кори хаттӣ, инчунин аввалин маротиба истифода гардидани кори хаттӣ (эссе) дар имтиҳонҳои дохилшавӣ ба МТТМОК-и Тоҷикистон ва арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи меъёри ягона ва илман асонок таҳқиқоти илмӣ сурат нагирифтааст. Ин масъалаи муҳим бори аввал дар Тоҷикистон аз тарафи диссертант мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқот бевосита ба мақсад ва вазифаҳои асосии ММТНПҶТ ба барномаҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон (ДДТТ) ба номи Абуалӣ ибни Сино, ба принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [2], «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], «Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» [5], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [6] робита дорад. Мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот, гузаронидани пажӯҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ бо истифодаи воситаҳо ва методҳои муосири

арзёбии дониш ва техникаю технологияҳои пешрафта яке аз вазифҳои асосии ММТНПҶТ ба ҳисоб меравaнд. Гузаронидани корҳои илмӣ ва илмию методӣ, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ дар илм ва истеҳсолот, ҷорӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар аз бандҳои муҳимми барномаҳои илмию таҳқиқотии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино мебошанд. Бунёди заминаи меъёрию методӣ ва инфрасохтори низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот, таҳия ва татбиқи низоми самаранок ва механизмҳои институтсионалии арзёбии сифати таълим (дар ҳамаи зинаҳо) дар асоси муносибати босалоҳият, таҳияи чорчӯбаҳои миллии арзёбии сифати таҳсилот, арзёбии сатҳи омодагии хонандагон ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи се самт: натиҷаҳои шахсӣ, натиҷаҳои фаъолияти муназзам ва натиҷаҳои фаннӣ, ки ҳамзамон арзёбии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо ва омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй аз масъалаҳои муҳимме ҳастанд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда таъкид шудаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии таҳияи кори хаттӣ (эссе) ҳамчун воситаи объективонаи арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ва арзёбии дараҷаи саводнокӣ ва нутқи хаттӣ, ҷаҳонбинӣ, маҳорати андешаронию хулосабарорӣ ва баёни дурусту мураттаби фикри довталабон (хатмкунандагони МТМУ)-и дар ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдошта аз рӯйи  меъёри ягона ва илман асоснокгардида мебошад. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар асоси назарияи ба илм асосёфта ва дар таҷрибаи амалӣ санҷидашудаи кори хаттӣ (эссе) дар ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуданд:

− таҳқиқ ва баррасии навъҳои кори хаттӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, аз ҷумла диктант, нақли хаттӣ, иншо, реферат ва эссе дар МТМУ, ки

ҳамчун абзори арзёбии дониши хаттии хонандагон истифода мешавад;

- асоснок кардани фарқ ва умумияти байни иншо ва эссе;
- баррасии раванди таҳияи меъёрҳои хол (баҳо)-гузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) аз фанни забони тоҷикӣ, ки дар ИМД истифода шуд;
- муайян намудани дараҷаи дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик бо истифода аз абзори илман асоснок.

**Объекти таҳқиқот.** Кори хаттӣ (эссе) аз фанни забони тоҷикӣ ва меъёри хол (баҳо)-гузорӣ ба эссе, ки дар ИМД-и соли 2018 истифода шуд ва натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз имтиҳони кори хаттӣ (эссе) объекти таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқот.** Ҷанбаҳои педагогию психологии кори хаттӣ: иншо ва эссе, раванди таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ, методикаи арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати довталабон дар асоси имтиҳони кори хаттӣ (эссе) предмети таҳқиқот маҳсуб меёбад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Арзёбии объективона ва шаффофу одилонаи дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и хонандагони МТМУ ва довталабон дар ИМД сабаби баланд гардидани дараҷаи дониш ва салоҳиятҳои хонандагон ва беҳтар шудани сифати таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ мегардад, ба шарте ки:

1) дар барномаҳои таълимии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик мавзуи иншонигорӣ ва эссенависӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми маводди омӯзишӣ ворид карда шавад;

2) иншо ва эссе, ҳамчун воситаи муҳимми назорат ва арзёбии саводнокӣ ва қобилияти эҷодии хонандагон ба таври дуруст истифода шавад;

3) меъёри ягонаи баҳо (хол)-гузорӣ ба кори хаттӣ (иншо, эссе) дар асоси талабот дуруст таҳия ва татбиқ карда шаванд;

4) ҳангоми санҷиш ба кори хаттӣ (иншо, эссе)-и хонанда (довталаб) ба саводнокӣ, услуби баён, мустақилӣ, муҳокимарониҳои шахсии ӯ, на аз рӯйи назари шахсии санҷишгар ва ё падидаи муайян, балки аз рӯйи талаботи меъёрҳои баҳо (холгузорӣ) дурусту воқеӣ баҳо (хол) дода шавад;

5) дар курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва адабиёти тоҷик вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим тарзи дурусти баҳо (хол)-гузорӣ ба иншо ва эссе аз рӯйи меъёри ягона омӯзонида шавад;

6) нишондиҳандаҳои пасти натиҷаҳои кори хаттӣ (эссе)-и довталабон дар ИМД-и соли 2018-ро бояд дар сатҳи МТУ, мақомоти маҳаллии идоракунии соҳаи маориф дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо бо иштироки мутахассисону омӯзгорон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, дар асоси баррасиҳо қарорҳои ҷанбаи илмию амалидошта қабул карда шаванд.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар ду марҳала, дар МТУ-и шаҳру ноҳияҳои интихобгардида ва ММТНПҶТ гузаронида шудааст.

***Марҳалаи аввал*** (солҳои 2011-2017) омӯзишу таҳлили адабиёти махсуси илмию методӣ ва озмоишҳоро дар бар мегирад, ки бо мақсади муқаррар намудани дараҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур амалӣ гардид. Дар ин давра асосҳои назарӣ ва самтҳои асосии таҳқиқот муайян карда шуданд: мақсадҳо, вазифаҳо муайян ва воситаҳои арзёбӣ, меъёрҳои баҳогузорӣ таҳия гардиданд. Дар асоси адабиёти илмию методӣ воситаҳои арзёбӣ ва меъёрҳои баҳогузории таҳияшуда дар байни хонандагони МТМУ-и ҷумҳурӣ озмуда (апробатсия) шуданд. Бо мақсади таҳқиқи масъалаи коршоямии воситаҳои арзёбӣ ва омодагии довталабон ба қисми хаттии ИМД ба МТТОК солҳои 2017-2018 озмоиш гузаронида шуд.

***Дар марҳалаи дуюм*** (2018-2024) аз рӯйи воситаҳои арзёбии таҳия ва озмудашуда соли 2018 дар ИМД ба МТТМОК имтиҳони кори хаттӣ (эссе) гузаронида шуд. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) дар солҳои 2019-2024 маводди илмӣ мувофиқи мавзуи таҳқиқот омода гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** методҳои назариявӣ ва амалиеро дар бар мегирад, ки ба объект ва предмети кор мувофиқанд, аз ҷумла:

− омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмию методӣ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда, таҳлили барномаҳои таълимии забон ва адабиёти тоҷик ва дастурҳои методӣ;

– таҳқиқи санҷишҳои педагогӣ тавассути корҳои хаттӣ, таҷрибаҳои озмоишии муқарраркунанда, ҷустуҷӯиву пилотӣ, мушоҳидаҳои илмӣ, таҳлили пурраи сифати воситаҳои арзёбӣ, гузаронидани имтиҳони кори хаттӣ (эссе), таҳлили муқоисавии натиҷаҳои бадастомада;

– ташхис ва таҳлили маълумоти бадастомада ба воситаи метод ва технологияи нав.

**Сарчашмаи маълумот.** Маълумоти дар таҳқиқот дарҷшуда аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҲҶТ, «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб», «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Барномаи имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик», стандарт ва барномаҳои таълимии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТУ, инчунин аз асарҳои илмию методии донишмандони варзидаи ватанию хориҷӣ дар соҳаи педагогика, тестология, методикаи таълиму тарбия ва ғайра сарчашма мегирад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро далелҳои асосноки илмӣ, ки дар натиҷаи имтиҳони кори хаттӣ (эссе) – яке аз усулҳои аз назари технологӣ пешрафта, боэътимод ва объективонаи арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Бартарӣ ва боэътимодии ин усули арзёбӣ дар илман асоснок будани абзори санҷиш – кори хаттӣ (эссе), ки боэътимодии он дар асоси озмоишҳо муайян карда шудааст ва низ боэътимодии арзёбӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити якхела барои имтиҳонсупорандагон, арзёбии одилона ва объективонаи натиҷаҳо дар асоси талаботу меъёрҳои ягона ва илман асоснокшуда зоҳир мегардад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи пойгоҳҳои таҷрибавию озмоишӣ ва иттилоотии МТУ-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил дод, аз ҷумла:

дар шаҳри Душанбе: Мактаби байналмилалии президентӣ, МТМУ-и №34, МТМУ-и №54 ба номи Лоиқ Шералӣ, МТМУ-и №56, МТМУ-и №86, гимназияи №74, МТМУ-и №87 ба номи Шодӣ Ҳаниф, МТМУ-и №24, МТМУ-и №42, МТМУ-и №72 ба номи Гулчеҳра Сулаймонӣ, МТМУ-и №16 ба номи И.Е. Душкин, МТМУ-и №71 ба номи Юсуф Акобиров, МТМУ-и №100;

дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ШНТҶ): МТМУ-и №1 ба номи Х. Абдулхайрови шаҳраки Ғарм;

шаҳри Хуҷанд: Гимназияи № 4, Гимназияи №24 ба номи Бобоҷон Ғафуров, МТМУ-и №5, МТМУ-и №19, МТМУ-и №23 ба номи Абулқосими Фирдавсӣ;

дар шаҳри Истаравшан: МТМУ-и №5, МТМУ-и №1 ба номи А. М. Горкий;

дар шаҳри Конибодом: Гимназияи № 1 ба номи Эҳсонбой Бозоров, МТМУ-и №2;

дар шаҳри Панҷакент: МТМУ-и №71;

дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров: Гимназияи №1 ба номи Абдурасул Нозиров, Муассисаи давлатии «Мактаби махсусгардонидашудаи хонандагони болаёқат»;

дар шаҳри Бохтар: МТМУ-и №3, МТМУ-и №6 ба номи Лоиқ Шералӣ, МТМУ-и №9, МТМУ-и №11, МТМУ-и №12 ба номи Анварбек Ҳамидов;

дар ноҳияи Кушониён: МТМУ-и №1;

дар шаҳри Кӯлоб: МТМУ-и №1 ба номи В.П. Чкалов, МТМУ-и №6 ба номи Д. Назаров, МТМУ-и №50 ба номи Ашӯр Сафар, МТМУ-и №51 ба номи Худоёр Раҷабов;

дар ноҳияи Данғара: МТМУ-и №2, МТМУ-и №4;

дар ноҳияи Восеъ: МТМУ-и №1, МТМУ-и №10;

дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ: МТМУ-и №2, МТМУ-и №10;

дар ноҳияи Шаҳритус: МТМУ-и №1, МТМУ-и №4;

дар шаҳри Хоруғ: Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат».

Натиҷаи таҳқиқот дар асоси кори хаттӣ (ээсе)-и 14 875 нафар довталаб, ки дар ИМД-и соли 2018 иштирок намуда, кори хаттӣ (эссе)-ро бо забони

тоҷикӣ навиштанд, бароварда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар таҳқиқот ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии навиштани кори хаттӣ (эссе) дар ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои он, ки бо истифодаи методи дақиқи арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати довталабон ба даст омад, таҳлил карда шуд. Дар асоси таҳлилу баррасиҳо бори аввал дар Тоҷикистон:

– методикаи илман асосноки истифодаи кори хаттӣ (эссе) аз забони тоҷикӣ дар ИМД ба МТТМОК- и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид;

– сифати дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати довталабон аз забони тоҷикӣ бо усулҳои нав таҳлил гардида, минбаъд қобили истифода будани ин усулҳо муайян карда шуд;

– аз рӯйи талаботи низоми ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва навиштани эссе дар муассисаҳои таълимӣ барои омӯзгорон ва хонандагони МТМУ дастурамали “Эссе: тавсияҳои методӣ доир ба навишт, санҷиш ва холгузории он” таҳия гардид;

– дараҷаи донишу малакаҳои хаттӣ, қобилияти эҷодкорона ва мустақилона баён намудани фикр ба забони тоҷикӣ ба воситаи абзори дақиқ ва боэътимоди илмӣ ва бо усулу меъёрҳои нав арзёбӣ карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии таҳия ва истифодаи меъёрҳои арзёбии кори хаттӣ (эссе) аз забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар арзёбиҳои педагогӣ ва низоми ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– мувофиқ ё қобили истифода будани меъёрҳои холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе), ки дар асоси стандарт ва барномаҳои таълимии забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ва талаботи низоми ИМД таҳия шудаанд;

– усулҳои арзёбии донишу малакаҳои хаттӣ, қобилияти мустақилона ва эҷодкорона баён намудани андешаи довталабон;

– баррасии дастовардҳои таълимии хонандагони МТМУ ба воситаи кори хаттӣ (эссе) ва роҳҳои баланд бардоштани дараҷаи донишу малакаҳои хаттӣ ва рушди тафаккур ва ҷаҳонбинии донишомӯзон.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– ҷанбаҳои педагогию психологии корҳои хаттӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик муайян карда шуд;

– асосҳои назариявӣ ва амалии эссе ҳамчун воситаи муайян кардани дониши хаттӣ ва малакаю салоҳиятҳои хонандагон таҳқиқ карда шуд, инчунин фарқ ва умумияти байни эссе ва иншо нишон дода шуд;

– асосҳои назариявии ворид намудани кори хаттӣ (эссе) ба низоми ИМД муайян карда шуд;

– талаботи навиштан ва меъёрҳои холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) таҳия гардид, ки ҳамчун воситаи дақиқи арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю салоҳиятҳои донишомӯзон дар муассисаҳои таълимӣ истифода мешавад;

– натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди низоми арзёбиҳои дақиқу объективонаи дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд;

– натиҷаҳои таҳқиқ дар таҳияи дастурамали "Эссе: тавсияҳои методӣ доир ба навишт, санҷиш ва холгузории он" [9-М; 10-М] мусоидат намуд;

– натиҷаҳои таҳқиқ барои беҳтар гардидани таълими фанҳои забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва адабиёти тоҷик дар МТМУ ва беҳтар гардидани сифати таҳсилот мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дурустӣ ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳо бо истифодаи методҳое, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, дар асоси озмоишҳои пайдарпай ва таҷрибаи амалӣ дар раванди ИМД ба МТТМОК тасдиқ гардиданд. Дар мақолаҳои илмии диссертант ва маърузаҳои ӯ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ низ ба боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот таъкид шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Вобаста ба масъалаи ворид намудани кори хаттӣ (эссе) ба низоми ИМД бо мақсади «муайян ва арзёбӣ кардани нутқи

хаттии довталабон, маҳорати андешаронӣ, хулосабарорӣ, баёни дуруст ва мураттаби фикри онҳо» [85, с. 61] ва дар ин замина рушд додани нутқи хаттии хонандагон ва «мусоидат кардан барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, аз ҷумла беҳтар кардани донишу саводи онҳо аз фанни забони тоҷикӣ (давлатӣ)» [85, с. 8] диссертант дар ҳайати гурӯҳи кории ММТ оид ба татбиқи кори хаттӣ дар низоми ИМД дар давоми солҳои 2011-2013 дар озмоиши кори хаттӣ – навиштани диктант ва иншои мухтасар (эссе), инчунин дар давоми солҳои 2016-2017 дар озмоиши кори хаттӣ (эссе) ва соли 2018 дар имтиҳони кори хаттӣ (эссе) ҳамчун роҳбари гурӯҳи санҷишгарони кори хатии довталабон иштирок намуда, дар ин замина доир ба тарзи навиштан ва санҷишу холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) дар таҳияи санадҳои меъёрии «Дастури методӣ оид ба навиштани кори хаттӣ (эссе)» (2013), «Тавсияҳои методӣ оид ба навиштани кори хаттӣ (эссе)» (2016), «Тавсияҳои методӣ оид ба навишт, санҷиш ва холгузории кори хаттӣ (эссе)» (2017), «Тавсияҳои методӣ оид ба навишт, санҷиш ва холгузории кори хаттӣ (эссе)» (2018) саҳм гузошт, ки барои омода шудани хатмкунандагони МТМУ ба имтиҳони кори хаттӣ (эссе) ёрӣ расонд. Инчунин, пас аз эълони натиҷаҳои имтиҳони кори хаттии соли 2018 ва вобаста ба ин ба тасвиб расидани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.08.2018, №16/31 дар бораи аз 1-уми сентябри соли 2018 дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷорӣ намудани низоми таълими эссе диссертант дар ҳаммуаллифӣ бо гурӯҳи мутахассисон дастури «Эссе: тавсияҳои методӣ оид ба навишт, санҷиш ва холгузории он (Дастур барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ)» (2022) ва бо таҳриру иловаҳо «Эссе: тавсияҳои методӣ оид ба навишт, санҷиш ва холгузории он (Дастур барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ)» (2025)-ро ба чоп расонд, ки омӯзгорони фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар омӯзонидани тарзи навиштани эссе ба хонандагон ва арзёбии дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати онҳо ба ин дастур такя мекунанд.

Бори аввал дар ҷумҳурӣ аз тарафи дисертант бо истифода аз методикаи нави арзёбӣ таҳлили натиҷаҳои дастовардҳои таълимӣ (дониши хаттӣ ва малакаю маҳоратҳо)-и довталабон гузаронида, дараҷаи дониши хаттӣ ва рушди тафаккур ва ҷаҳонбинии довталабон муайян карда шуд. Диссертант аз соли 2011 инҷониб ҳамчун аъзои гурӯҳи кории ММТНПҶТ дар таҳия ва такмили меъёрҳои холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) бевосита ширкат дошта, дар маҷмуъ 14 дастуру мақолаҳои илмию методиро дар ин самт ба нашр расонидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, семинарҳо, маҷлисҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).** Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар кафедраи забони тоҷикии ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Нахустин тавсияҳои таълимию методӣ ва илмии диссертант ҳанӯз аз соли 2011 то соли 2025 дар шакли тавсияҳои методӣ доир ба имлои забони тоҷикӣ, саволу масъалаҳои тестӣ барои довталабони МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарзи навиштани эссе, санҷиш ва холгузорӣ ба онро мувофиқи талабот дар ИМД нашр намудааст. «Тавсияҳои методӣ оид ба навишт, санҷиш ва холгузории кори хаттӣ (эссе)» дар давоми солҳои 2017-2025 бо таҳриру такмил ба чоп расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи диссертатсия инчунин дар ду конференсияи байналмилалӣ ва як конференсияи ҷумҳуриявӣ бо гузориши илмӣ муаррифӣ гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Диссертант аз рӯйи мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА), 4 мақола аз маводди конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва 6 дастури методиро ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда (205 номгӯй) ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 59 расм, 21 ҷадвал ва 2 замимаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ИСТИФОДАИ КОРИ ХАТТӢ ДАР АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН

## 1.1. Ҷанбаҳои педагогию психологии таҳияи кори хаттӣ: таснифоти корҳои хаттӣ

Кори хаттӣ дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ яке аз муҳимтарин воситаҳои арзёбии дастоварҳои таълимӣ, бахусус дониши хаттии хонанда (дуруст баён карда тавонистани мазмун ва дар ин замина риояи меъёри забон, қоидаҳои навишт ва мутобиқи услуб истифода бурдани воситаҳои забонӣ) ба шумор меравад.

Кори хаттӣ, яъне навиштани калимаю ҷумлаҳо, навиштани номи ашё, навиштани ҳикоя, нақл ва ниҳоят  ба таври хаттӣ баён намудани андеша аст, ки ба хонандагон ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ омӯзонида мешавад. Ҷанбаи муҳимми психологию физиологӣ ва педагогии навиштанро мутахассисони соҳа М.Н. Зиёев, Ф.К. Олимова, У.С. Эрматова, А.Б. Алиев ва Б.Ф. Зоолишоева дуруст қайд намудаанд, ки «Хат (навиштан) дар таълими синфҳои ибтидоӣ яке аз малакаҳои асосӣ мебошад. Малакаест, ки дар асоси он малакаҳои дигар инкишоф меёбанд. Аз ин рӯ, хонандае, ки малакаҳои навиштанро аз худ намекунад, дар омӯзиши на танҳо забон, балки дигар фанҳо низ ақиб мемонад.

Худи ҷараёни навиштан аз ҷиҳати равонӣ ва физиологӣ мураккаб аст. Ҳангоми навиштан системаи асаб, узвҳои биноӣ, шунавоӣ (бахусус дар имло) ва бисёр мушакҳои бадан якҷоя фаъолият менамоянд.

Ин маънӣ дар ашъори гузаштагони мо низ қайд шудааст:

Набиштан зи гуфтан муҳимтар шинос,<br>
Ба гоҳи навиштан ба ҷо ор ҳуш (Масъуди Саъд)» [40, с. 31]

Дуруст аст, ки дар асоси малакаи навиштан зина ба зина дар синфҳои болоӣ дигар малакаю маҳоратҳо низ рушд мекунанд, аз ҷумла, «қобилият ва маҳорати корбасти дуруст ва бамавқеи воҳидҳои забонӣ дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ» [75, с. 21], яъне корбурди забон дар муошират: «қобилияти истифодаи забон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, муоширати расмии коргузорӣ ва

ниҳоят илмӣ» [75, с. 27]. Аз нигоҳи педагогӣ ва психологӣ ташаккули ин гуна салоҳият – корбурди забон дар муошират ба маънои том чун салоҳияти мубодилаи матнҳо фаҳмида мешавад, ки чор салоҳияти асосии зеринро дар бар мегирад:

-- дарки матнҳо;

-- баҳодиҳӣ ба матнҳо;

-- тағйир додани матнҳо;

-- таҳия (эҷод)-и матнҳо [75 с. 28].

Рушд додани салоҳиятҳо дар Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал зикр шудааст: «Забономӯзии кӯдакону наврасон ва ҷавонон дар тамоми зинаҳои маълумот ба таълими сухандонию суханшиносию суханварӣ бояд омезиш ёбад. Тарзҳои гуногуни баён амалан омӯзонида шаванд. Мактабиён услуби расмӣ-коргузориро комилан фарогир бошанд, имлои забони тоҷикиро риоя намоянд... » [1].

Муҳаққиқ Сатторова Х.Х. низ муҳиммияти дарсҳои забони модариро на танҳо дар фаро гирфтани маълумот дар бораи орфография, орфоэпия, морфология, синтаксис ва аломатҳои китобат, инчунин, дар мустаҳкам намудани малакаю маҳорти гуфторӣ ва грамматикӣ, қобилияти шунидан ва пурсидан дар ҳолатҳои гуногуни гуфторӣ, қобилияти баён намудан ва асоснок кардани нуқтаи назари худ ва фарқ намудани ахбори дуруст аз нодуруст, қобилияти расонидани таассуроти худ ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ, қобилияти мустақилона кор кардан бо иттилооти гуногун ва дарк кардани он ва ғайраҳо медонад [167, с. 4].

Доир ба ҷанбаҳои педагогию психологии таҳияи корҳои хатттӣ ва таснифоти онҳо донишмандони ватанию хориҷӣ, ба монанди С. Шербоев [115; 116], Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов [72], А. Мулло [74], Ф. Шарифзода [112; 113; 114], А. Абдуллоев [9], А. Азиз [12], А.И. Аминов [13], М. Афғонов [22], А. Аҳмад [23], Б. Боронов [29], М.Н. Зиёев, Ф.К. Олимова, У.С. Эрматова, А.Б. Алиев ва Б.Ф. Зоолишоева [40], В.Н. Мешеряков [71], Ш.Тағоев, А.Мирзоев [91], С.А. Ташликов [92], У. Тоир [93], А.И. Тюнин [97], М. Аҳмадов

[131] ва Т.О. Скиргайло [168] асару мақолаҳои ҷолиб навиштаанд ва таҳқиқот анҷом додаанд.

Доир ба ҷанбаҳои дидактикии инкишофи нутқи хаттию шифоҳӣ ва салоҳиятҳои хонандагон корҳои донишмандон ба мисли: С. Аминов, С. Набиева, А. Самадов, С. Бойбобоева [17; 18], С. Анварӣ, Қ. Мухторӣ, С. Набиева, С. Бойбобоева, З. Тошбоева, Ф. Мирзоёров [20], Р. Давлатова [32], М. Қозиҷонов [57], М. Қурбонов [59], М. Лутфуллоев [62; 63], Т. Миров, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов [72], А. Мулло [74], Ф. Олимова [80], С.Х. Хӯҷақулов [101], С. Ҳоҷиев [107], Ф. Шарифзода [112; 113; 114], С. Шербоев [115; 116], Б. Шогунбек, Б. Имомназаров [117], С. Амонӣ [130], Ш.Р. Исрофилниё, М. Султонмамадова [143], Ғ. Қурбонов [144], Ф. Мирзоёров [145], Қ. Мухторӣ [146], М.Н. Тиллохоҷаева [151], Б. Умарова [153], Ф. Шарифзода, Х.М. Сабуров [146], О.Х. Қосимов [165] ва Х.Х. Сатторова [167] арзишманданд.

Сухандонию суханшиносию суханварӣ, баёни шифоҳию хаттии андеша, таҳия (эҷод)-и матни хуби хаттӣ (нақл, мақола, иншо) салоҳиятҳои муҳим ба шумор мераванд, ки онҳоро бояд аз худ намуду рушд дод. Бинобар ин барои арзёбии дониши хаттӣ ва салоҳиятҳои забонии донишомӯзон кори хаттӣ яке аз воситаҳои муҳим ва объективӣ ба ҳисоб меравад.

Дар санадҳои меъёрӣ [26, с. 5; 4, с. 139; 27, с. 10] кори хаттӣ аз забони давлатӣ, забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик асосан ба диктант, нақли хаттӣ ва иншо тақсимбандӣ шудааст. Реферат ҳам як намуди кори хаттӣ аст, ки солҳои охир дар муассисаҳои таълимӣ барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагону донишҷӯён ба таври васеъ истифода мешавад.

Диктантро донишманди тоҷик Б. Боронов ба нақли қавл аз М. Лутфуллоев «имло» номидааст [29, с. 8]. Он яке аз навъҳои асосии санҷиши дониш доир ба имло ва аломатҳои китобат ба ҳисоб меравад, ки ба навиштаи Б. Боронов «дар шакли паҳншудаи машқҳои имлоӣ-грамматикӣ буда, баҳри ифодаи графикии талаффузи калима ва ҷумлаҳо мебошад» [29, с. 9].

Муаллифони «Матнҳои диктант (барои донишҷӯёни курсҳои I-II)» диктантро яке аз воситаҳои муҳимми инкишофи нутқи хаттии донишҷӯ

донистаанд, ки мақсади гузаронидани он баланд бардоштани савияи дониши хаттӣ мебошад [33, с. 3].

Бо дар назар гирифтани хусусиятҳои равонӣ ва синнусолии хонандагон, чунонки дар санади меъёрии «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» зикр шудааст, «барои гузаронидани диктант матнҳое истифода мешаванд, ки ба меъёри забони адабӣ ҷавобгӯ ва аз лиҳози мазмун ба хонандагон дастрасанд» [4, с. 145]. Ҳамчунин ба навиштаи М. Набиева ва С. Орифова «интихоби матн барои диктант вобаста ба мавзуъ ва гузоштани талабот баҳри инкишофи нутқи хаттии хонанда аҳаммияти калон дорад. Матне, ки пешакӣ барои гузаронидани диктант интихоб мешавад, бояд барои хонанда фаҳмо, аз ҷиҳати мазмун ва хел ҷолиби диққат, талабаро аз ҳаёти воқеӣ воқиф созад, бештар хусусияти тарбиявӣ доштаи бошад» [76, с. 3].

Вобаста ба мақсади арзёбӣ диктантро ба санҷишӣ (барои санҷиши дониши хонандагон аз рӯйи мавзуи муайян) ва ҷамъбастӣ (барои санҷиши дониши хонандагон аз рӯйи ҳамаи мавзуъҳои омӯхташуда дар охири чоряк ва ё соли хониш) тақсим намудаанд [4, с. 146]. Аммо М. Афғонов ва Б. Боронов навиштаанд [22, с. 3; 29, с. 10], ки диктант (имло) ба ду навъи асосӣ ё гурӯҳ тақсим мешавад:

1) диктант (имло)-и таълимӣ (таъкидӣ, шарҳӣ, эзоҳӣ, луғавӣ, интихобӣ, эҷодӣ, озод, хомӯш (бесадо));

2) диктант (имло)-и таълимӣ.

Ба навиштаи Б. Боронов «имлои таълимӣ ҳамчун машқ дар ҳар як дарси забони модарӣ гузаронида шуда, хусусияти омӯзишӣ (таълимӣ) дорад. Муаллим аз ин хели имлоҳо дар вақти фаҳмондани мавзуи нав, такрору мустаҳкамкунӣ ва ё ҳосил намудани маҳорату малакаҳо истифода мебарад. Одатан барои имлои таълимӣ матнҳои хурд-хурди аҳаммияти таълимиву тарбиявидоштаро интихоб намуда, дар давоми 5-7 дақиқа мегузаронем. Муаллим метавонад ба ин гуна имлоҳо баҳо нагузорад» [29, с. 14].

Имлои санҷишӣ асосан баъд аз анҷом ёфтани мавзуъҳои калон гузаронида (гирифта) мешавад. Тарзи гузаронидани онро Б. Боронов ин гуна

нишон додааст: «муаллим диққати хонандагонро ба мақсади дарс ҷалб карда, матнро аз аввал то ба охир равон, ифоданок ва бурро мехонад. Баъд калимаҳоеро, ки муаллим имлояшонро ба бачаҳо ҳанӯз наомӯзондааст, дар лавҳаи синф менависад. Ҳамин ки имло навишта шуд, бори дигар матнро мехонад ва таъкид менамояд, ки ба иҷрои супориши дар охири матн додашуда мегузарем» [29, с. 10]. М. Афғонов низ дуруст навиштааст, ки: «Омӯзгор бояд матнро возеҳу бурро хонад ва ба шогирдони сустхон алоҳида эътибор диҳад. Дар охир омӯзгор матнро такроран аз аввал то охир мехонад» [22, с. 4]. Ҳамин гуна тарзи навиштани диктантро донишмандон А.У. Давронов, Ф.Қ. Зикриёев ва дигарон низ зикр кардаанд: «Хондани матни диктант роҳу равиши худро дорад. Муаллим ҳар як ҷумларо алоҳида бо суръати на чандон тез ва бурро мехонад. Ҷумларо ба тақтеъҳо, ҳиссаҳои алоҳидаи алоқаманд, ибораҳои ду-се калимагӣ ҷудо кардан лозим. Муаллим набояд хониши яккалимагӣ кунад, зеро чунин шеваи кор барои инкишофи забономӯзии хонандагон ва донишҷӯён таъсири манфӣ дорад. Аз тарзи хондани мантн ва баёни фикр шунаванда хели ҷумларо муайян карда метавонад ва дар охири он аломати китобатро мегузорад. Дар ҷараёни навишти диктант бояд ба он муяссар гашт, ки донишҷӯ шакли беғалати навишти калимаҳоро бештар ёд гирад» [33, с. 3-4].

Дар санади меъёрии «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» таъкид шудааст, ки: «Диктанте, ки ҳадафи он санҷиши дониши хонандагон аз рӯйи мавзуи муайян бошад, бояд орфограммаҳои асосии мавзуъро фаро бигирад ва ҳамчунин малакаи пештар ҳосилкардаи ононро мустаҳкам намояд. Тавассути диктанти ҷамъбастӣ, ки дар охири чоряк ва ё соли таҳсил сурат мегирад, маъмулан дониши хонандагон аз тамоми мавзуъҳои омӯхташуда санҷида мешавад. Барои диктантҳои санҷишӣ матнеро бояд интихоб кард, ки дорои миқдори зарурии ҳар як намуди орфограмма ва пунктограмма (онҳо дар 2-3 маврид вомехӯранд) бошад» [4, с. 146].

Мувофиқи санадҳои меъёрӣ [4; 26; 27] ва дар асоси меъёрҳои муайяншудаи баҳогузорӣ ба диктант (имло)-и санҷишӣ як баҳо гузошта мешавад. Ба навиштаи М. Афғонов [22, с. 5] тибқи барномаи таълимӣ ҳангоми

баҳогузорӣ ба диктанти санҷишӣ аз рӯйи адади 5-балла меъёрҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст:

1. Баҳои «5» ба диктанте гузошта мешавад, ки ягон ғалат надорад;

2. Баҳои «4» ба диктанте гузошта мешавад, ки 1-2 ғалат дорад;

3. Баҳои «3» ба диктанте гузошта мешавад, ки 3-4 ғалат дорад;

4. Баҳои «2» ба диктанте гузошта мешавад, ки то 7 ғалат дорад;

5. Баҳои «1» ба диктанте гузошта мешавад, ки аз 7 ғалат зиёд дорад.

Мувофиқи санади меъёрии «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» ба диктантҳое, ки супоришҳои иловагӣ (фонетикӣ, имлоӣ, луғавӣ, грамматикӣ) доранд, ду баҳо гузошта мешавад.

Ҳангоми баҳогузорӣ ба супоришҳои иловагӣ аз рӯйи тавсияҳои зерин амал кардан лозим аст:

Баҳои «5»: агар ҳамаи супориш дуруст иҷро шуда бошад;

Баҳои «4»: агар 3/4 қисми супориш дуруст иҷро шуда бошад;

Баҳои «3»: агар қисми супориши дуруст иҷрошуда 1/2-ро ташкил диҳад;

Баҳои «2»: аз нисф зиёди супориш иҷро нашуда бошад;

Баҳои «1»: супориш тамоман иҷро нашуда бошад [4, с. 148].

Дуруст аст, ки ҳадафи омӯзгор аз чунин супоришҳои иловагӣ дар диктант санҷиши дониши грамматикӣ, луғавӣ ва инкишофи нутқи хонандагон аст. Ба навиштаи Б. Боронов «супоришҳои луғавӣ такмил додани захираи луғати бачаҳоро дар назар дошта, кор бо калимаҳои сермаъно, муқобилмаъно, ҳаммаъно ва ғайраро дар бар мегиранд...

Имло бояд дар вақташ санҷида ва ҳаматарафа таҳлил карда шавад.

Яъне бачаҳо бояд хатоҳо ва сабабҳои рӯй додани онҳоро фаҳманд. Бо вуҷуди ин, мо ин амалро таҳлили кори хаттӣ намегӯем, балки санҷиши дониш, маҳорат ва малака ё салоҳияти хонандагон меномем. Дар ин гуна дарсҳо дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар асоси кор бо калимаҳое, ки хонандагон дар имлои онҳо ба ғалатҳо роҳ додаанд, мустаҳкам карда мешаванд» [29, с. 5-6].

Нақли хаттӣ яке аз шаклҳои дигари санҷиши дониш ва малакаю маҳорати хонандагон аст. Хонанда дар навиштани кори хаттӣ нисбат ба диктант як дараҷа фикр мекунад ва заҳмат мекашад, то ки муваффақ гардад.

Ин нуктаро мутахассисон чунин баён кардаанд: «Нақли хаттӣ дар ташаккули маҳорату малакаи хонанда нақши муайян дошта, имконият медиҳад, ки ӯ фикрашро возеҳу муназзам ифода намояд» [22, с. 4-5].

Дар ҳақиқат, нақли хаттӣ яке аз воситаҳои хеле самарабахши корҳои хаттӣ ба шумор меравад, ки фикррони ва нутқи хонанда алоқамандона инкишоф меёбад. Нақли хаттӣ аз як тараф хотира ва тафаккури хонандагонро инкишоф диҳад, инчунин боиси афзун гардидани захираи луғавии онҳо мегардад.

Нақли хаттӣ барои аз худ кардани имло, дуруст кор фармудани аломатҳои китобат, бой кардани захираи луғавӣ ва мустақилона фикр рондани хонанда аҳаммияти калон дорад. Нақли хаттӣ беҳтарин воситаи аз диктант ба иншо гузаштан аст.

Нақли хаттӣ байни диктант ва иншо мақом гирифтааст. Нақли хаттӣ қабул, дарк, пешниҳоди муҳтавои матн ва хусусиятҳои адабию услубии он мебошад.

Донишманди рус Т.М. Балихина нақли хаттиро (1) як навъи машқи хаттӣ медонад, «барои рушди нутқи хонандагон дар асоси намуна, нақли хаттии асари шунидашуда ё хондашуда (озодона – нақл бо суханони худ ва ё ба матн наздик); (2) тести таркибии нутқ, ки барои санҷидани маҳорат дар якчанд намуди фаъолияти нутқ нигаронида шудааст: а) гӯш кардан – навиштан; б) хондан – навиштан» (25, с. 24-25).

Нақли хаттӣ на танҳо тафаккури хонандагонро инкишоф дода, боиси афзун гардидани захираи луғавии онҳо мегардад, инчунин имкон медиҳад, ки хонандагон тартиб додани нақша (план)-ро ёд гиранд. Нақша қолаби муайяни матни нақли хаттист, барои мураттаб баён намудани фикр ёрӣ мерасонад. Хонандагон бо сохтани нақша ба тартиб даровардани фикри худ, пайдарҳам

ифода кардани мақсад, фарқ кардани қисми асосӣ ва дуюмдараҷагии асар, фаҳмидани ғояву идеяи асарро ёд мегиранд.

Инчунин бояд қайд кард, ки нақли хаттӣ аз навъҳои маъмул ва серистифодаи дарси адабиёт буда, саводнокӣ, шеваи гуфтор, муназзамӣ ва мантиқии каломро устувор месозад, малакаҳои навишт ва нутқи хаттию даҳонии хонандагонро такмил медиҳад.

Хонанда ба шарте нақли хаттӣ навишта метавонад, ки фаъолиятҳои зеринро иҷро кунад:

1. Бодиққат матнро гӯш кардан;
2. Нақл кардани мазмуни матн;
3. Ба қисмҳо ҷудо кардани матн;
4. Ба ҳар қисм сарлавҳа гузоштан;
5. Тартиб додани нақша;
6. Навиштани нақл;
7. Зебо, беғалат ва покиза навиштан.

Вобаста ба хусусияти матн ва ҳаҷми нақл ва инчунин хусусиятҳои синнусолӣ ва рушди педагогию психологии донишомӯзон мутахассисон ва олимони соҳа якчанд навъи нақли хаттиро номбар кардаанд, аз ҷумла, мухтасар, муфассал, ҳикоягӣ, тасвирӣ ва таҳлилӣ. Доир ба ҳар яке аз ин навъҳои нақли хаттӣ донишмандон Ф. Олимова [80], М. Афғонов [22], Ш. Тағоев, А. Мирзоев [91], А. Мулло [74] ва Б. Боронов [29] ба таври муфассал маълумот додаанд. Ҳамаи ин навъҳои нақли хаттӣ замина фароҳам меоранд, ки захираи луғавии хонанда бой ва тафаккураш рушд ёбад, «хонанда фикрашро мустақилона дарҷ намояд, малакаҳои навишт, хониши бошуурона, тавлиди андеша, мушоҳидакорӣ ва шарҳи далел ва санадҳоро тақвият мебахшад» [74, с. 336].

Ҳар навъи нақли хаттӣ хусусияти худро дорад. Махсусан, нақли хаттии ҳикоягӣ фикрҳои хонандагонро ба тартиб медарорад, онҳоро ба пешниҳоди пайиҳами ҳодисаву воқеаҳо водор менамояд, ба инкишофи малакаи муайян намудани сабаби пайдоиши ҳодиса, ҷудо кардани ахбори асосӣ аз дуюмдараҷа,

тасвири композитсия ва ақидаи асар мусоидат мекунад. Дар нақли хаттии тасвирӣ хонандагон пас аз хондани матн хусусиятҳои ашёро ба хотир оварда, онҳоро бо ҳам алоқаманд мекунанд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳамаи ахбороти аз матн гирифтаашонро дар як ҷо ҷамъ оваранд ва ҳангоми навиштани нақли хаттӣ аз он истифода бурда тавонанд. Нақли хаттии таҳлилӣ малакаи таҳлил кардан ва хулоса бароварданро аз хонандагон талаб мекунад. Ба инкишофи андешаронии мантиқии хонандагон, маҳорати ҷустану пайдо намудани сабабу натиҷа, барои исботи фикри худ ва муайян намудани ҳадафи асосии матн ёрӣ мерасонад. Дар ин навъи нақли хаттӣ хонанда ҳамчун мунаққиди адабӣ низ фаъолият мекунад. Барои хонанда имконият пайдо мегардад, ки андешаи худро оид ба ҳодисаю воқеаҳои дар матн буда, баён намуда, мавқеи муаллифро таҳлил кунад.

Мувофиқи санадҳои меъёрие, ки ВМИ ҶТ тасдиқ намудааст [4; 26], меъёри баҳо ба нақли хаттӣ чун диктант аст, фақат фарқ дар он аст, ки ба ҳар як нақли хаттӣ ду баҳо гузошта мешавад: яке барои мазмун ва тарзи баён, дигаре барои савод. Ин ҳар ду баҳо ба фанни забони тоҷикӣ тааллуқ дорад (ба истиснои ҳолатҳое, ки дониши хонанда аз фанни адабиёти тоҷик санҷида мешавад). Меъёри баҳо ба мазмуни нақли хаттӣ чунин аст:

- мутобиқати баён ба мақсад ва мавзуи асосӣ;
- тавзеҳи пурраи мавзуъ;
- асоснокии баён;
- саҳеҳияти мавод;
- муназзамии баён.

Дар мавриди баҳогузорӣ ба нақлҳои хаттӣ қоидаҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

1. Гуногуннавъии калимаҳо ва сохти грамматикии ифодаи нутқ;
2. Риояи услуби ягона ва возеҳияти баён;
3. Микдор ва хусусияти ғалатҳо [22, с. 6].

Талаботи асосии баҳогузорӣ ба нақли хаттиро ба таври муфассал донишмандон, Ш. Тағоев ва А. Мирзоев дар “Маҷмуаи диктант ва нақли

хаттӣ: Барои синфҳои V-IX” [91, с. 251-252] ва М. Афғонов дар китоби “Диктант ва нақли хаттӣ (барои синфҳои 5-11)” [22, с. 6-8] шарҳ додаанд.

Иншо як шакли муҳимми дигари кори хаттӣ барои санҷиши нутқи хаттӣ, яъне дараҷаи саводнокӣ ва қобилияти дурусту ботартиб баён намудани фикр мебошад.

Иншо дар луғатҳо ба маъноҳои гуногун, аз ҷумла, (1) эҷод кардан, офаридан, сохтан; (2) навиштан; (3) суханпардозӣ ва навиштани фасеҳу балеғ; навиштаҳои суханпардозонаи девонӣ (дар замони пеш) [98, с. 553] ва низ ҳамчун жанри адабӣ ва мусиқӣ [201, с. 645] шарҳ дода шудааст. Вале ҳамчун кори санҷишӣ дар муассисаҳои таълимӣ иншоро навъи кори хаттӣ медонанд, ки талаба дар мавзуи аз тарафи муаллим додашуда менависад [98, с. 553]. Дар луғати тафсирии академик Д.Н. Ушаков иншо як навъи машқи мактабии дуруст баён намудани фикр дар мавзуи додашуда маънидод шудааст [201, с. 645].

Ҳамаи мутахассисони соҳаи илму маориф иншоро кори эҷодии хонанда оид ба мавзуи мушаххас медонанд, ки бо тасвир, нақл, мулоҳиза ва таҳлили матни адабӣ (мазмуну мундариҷа) ва тавсифи (муқоисавии) образҳои бадеӣ навишта шудааст [9; 12; 13; 23; 29; 58; 59; 71; 74; 87; 92; 93; 95; 161; 168; 179; 181; 183; 194; 205]. Иншои мактабиро ифодакунандаи фикри эҷодӣ ва мустақили хонанда ҳисобидан мумкин аст, чунки ташкил ва гузаронидани он нисбат ба нақли хаттӣ душвортар мебошад. Дар иншо олами ботинии хонанда ифода мегардад. Аз иншо дараҷаи дониши доштаи хонанда, маҳорат ва ҷаҳонбинии вай, муносибати ӯ ба ҳаёт, тарзи андешаронию ҳалли масъалаҳо ва хулосабарӣ фаҳмида мешавад.

Аз байни дигар намудҳои кори хаттии санҷишӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба иншо аз он ҷиҳат диққати махсус медиҳанд, ки иншо нишондиҳандаи дараҷаи дониши хаттӣ, инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ, натиҷаи фаъолияти таълимӣ, доираи ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои хонандагон аст.

Навиштани иншо дар муассисаҳои таълимӣ ҳам аз он ҷиҳат муҳим аст, ки аз рӯйи он омӯзгор раванди инкишофи хонанда, пешрафти дониш ва

инкишофи ҷаҳонбинии ӯ, тарзи муносибати ӯ ба ҳаётро назорат ва пайгирӣ мекунад. Инчунин ин шакли кори хаттӣ дар раванди таълим барои пурратар ва васеътар намудани маводди таълим ва ҳаматарафаю дақиқ омӯхтану муносибати  таҳлилию танқидӣ расонидан ба он ёрӣ мерасонад. Ба ибораи дигар, иншо ба муаллим имкон медиҳад, то фаҳмад чӣ андоза  мавзуи таълимиро хонанда аз худ кардааст, далелҳои забониро ҳангоми ифодаи фикр чӣ гуна истифода бурдааст, тарзи ифодааш чӣ тарз аст, саводаш ба талабот ҷавобгӯ мебошад ё не.

Бо зиёд навиштани иншо захираи луғавии хонандагон бой мегардад, онҳо тарзи дуруст ва бамаврид истифода бурдани калимаҳо, тарзи ибора ва ҷумласозиро меомӯзанд. Аз ҷиҳати имло ва услуб дуруст навиштани калимаҳо ва истифодаи воситаҳои грамматикӣ, аз ҷиҳати мантиқ пай дар пай ва ботартиб баён кардани фикр аз талаботи асосии иншонависӣ мебошад. Ҳамчунин иншо дар ташаккул ёфтани шахсияти хонанда, дар рушди ҷаҳони маънавии ӯ, ба худшиносӣ, муносибати ӯ ба тамоми олами гирду атроф: ба одамон, ба забони модарии худ, ба мероси моддию маънавии халқи худ ва халқу миллатҳои дигар, инчунин, ба гуфтору рафтори худу атрофиён нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, навиштани иншо дар муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ ба нақша ва барномаи таълимӣ ворид карда мешавад.

Иншо яке аз намуди машғулиятҳои инкишофи нутқи хаттии хонандагон ба ҳисоб рафта, кори басе душвор ва зарур мебошад. Аҳаммияти навишти иншо дар инкишофи маҳорати эҷодии хонанда хеле бузург аст. Иншо талабагонро  ба кори фикрии эҷодӣ ворид намуда, кӯшиши мустақилона кор карданро ба вуҷуд меорад. Аз дигар тараф, аҳаммияти иншонависӣ дар тарбияи зебопарастии хонандагон калон аст, вай онҳоро водор менамояд, ки ба масъалаҳои муҳимми асари бадеӣ дурусттару дақиқтар сарфаҳм раванд, назокат ва нафосати онро дарк карда тавонанд.

Дар санадҳои меъёрии давлатии Русия, аз ҷумла, меъёрҳо ва роҳҳои баҳогузорӣ ба дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагон аз фанҳои забони русӣ ва забони модарӣ мувофиқи талаботи Стандарти давлатии федералии

таҳсилоти асосии умумӣ низ иншоро чун нақли хаттӣ шакли асосии санҷиши қобилияти дуруст ва ботартиб баён намудани фикр, дараҷаи рушди нутқи хонандагон дониста шудааст [186].

Доир ба иншо ва навъ (жанр)-ҳои он, ки хонандагону донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва олӣ менависанд, таҳқиқоти зиёде сурат гирифта ва навиштаҳое ҳам ба нашр расидааст [9; 12; 13; 23; 29; 58; 59; 71; 74; 87; 92; 93; 95; 131; 138; 161; 168; 179; 181; 183; 194; 205].

Хонандагон метавонанд, ба ин навишта ва таҳқиқот таваҷҷуҳ намоянд. Мо танҳо ба ин нукта ишора менамоем, ки дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон хонандагон ба ҷойи навиштани иншои хонагӣ ва иншои синфӣ, асосан вобаста ба мавзуъ иншои озод ва иншо дар доираи мавзуъҳои барномаи таълимӣ менависанд. Иншои озод ва иншо дар доираи мавзуъҳои барномаи таълимӣ бо ҳам алоқаманданд, чунки мавзуъҳои иншои озод бештар аз мавзуъҳои дар дарс омӯхташуда интихоб карда мешаванд.

Ҳангоми таснифоти иншо ба ду хели он аз рӯйи мавқеи таълиф – синфӣ ва хонагӣ ва дар асоси услуби таълифашон дар синфҳои 8-11 асосан ба се навъи он – а) иншои адабӣ; б) иншои публитсистӣ; в) иншои эҷодӣ бояд ишора намуд. Дар бораи иншои адабӣ чунин гуфтан мумкин аст, ки иншоҳое, ки дар доираи мавзуъҳои барномавӣ ва ба хотири ҷамъбаст ва мустаҳкам кардани донишҳои ҳосилшуда навишта мешаванд, ба навъи иншои адабӣ дохил ҳастанд. Барои навиштани иншо дар мавзуъҳои барномавӣ аз эҷодиёти шоиру нависандагон асосан мавзуъҳои дорои хусусиятҳои барҷастаи тарбиявӣ ва аз ҷиҳати ғоя баланд интихоб мегарданд.

А. Аминов ва З. Воҳидов ҳам вобаста ба ин мавзуъ дуруст зикр намудаанд: «Дар таҷрибаи мактаб ду хели асосии иншонависиро мушоҳида кардан мумкин аст: а) иншои адабӣ; б) иншои ғайриадабӣ (баъзан ин гуна иншоро иншои озод ё худ эҷодӣ ҳам мегӯянд» [13, с. 4]. Ҳамин методистон чор шакли иншои хонандагони синфҳои болоиро нишон додаанд: 1) иншои адабӣ-бадеӣ (иншое, ки ба таҳлили асари бадеӣ асос ёфта бошад), 2) иншои адабӣ-эҷодӣ (иншоҳое, ки ба таҳлили умумии асарҳои бадеӣ бахшида шуда

бошанд, чунончи, дар мавзуи «Муносибати ман ба ғазалиёти Ҳофиз»), 3) иншо дар мавзуи хусусиятҳои асари бадеӣ (иншое, ки ба масъалаҳои услуб, жанру хусусиятҳои бадеӣ, зебоӣ ва мавқеи санъату воситаҳои бадеи асар бахшида шудааст, чунончи дар мавзуи «Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Рӯдакӣ»), 4) иншо-инссенировка (ба шакли инссенировка даровардани порчаҳои алоҳидаи асарҳои бадеӣ) [13, с. 4].

Аммо аз рӯйи тарзи баёни фикр ҳамаи намудҳои иншоро ба иншои нақлӣ, иншои тасвирӣ ва иншои муҳокимавӣ ҷудо мекунанд, ки шарҳи ҳар кадоми инҳо аз доираи кори мо берун аст.

Муаллимон метавонанд, дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик бештар ба хонандагон навиштани иншои тасвирӣ, иншо аз рӯйи расм, иншои озодро супориш диҳанд.

Дар баробари ин иншоро аз рӯйи мазмун ба иншо дар мавзуи адабӣ ва иншо дар мавзуи озод ва аз рӯйи сарчашмаи иҷро ба иншо аз ҳаёти шахсии хонандагон, ё дар бораи шахсони алоҳида, иншо дар асоси мушоҳидаҳои шахсии хонандагон ва иншо аз рӯйи расм ҷудо намудан мумкин аст.

Бештари донишмандон ҳам иншоро ба намудҳои зерин ҷудо менамоянд:

1) иншо аз рӯйи тасвир;
2) иншо аз рӯйи нақл;
3) иншо дар мавзуи озод;
4) эссе (иншои кӯтоҳ).

Бояд гуфт, ки ин тақсимот то андозае нисбӣ аст. Ҳангоми навиштани иншо хонанда метавонад, дар баёни фикри худ хусусиятҳои гуногунро пайдарҳам ифода намояд.

Дар раванди таълим амалан ба се гурӯҳи кори хаттӣ – иншо бартарӣ дода шудааст:

1) иншо бар асоси асари адабӣ;
2) иншои ба истилоҳ «мавзуи озод»;
3) иншои вобаста ба нақди адабӣ.

Ҳар гурӯҳ хусусиятҳои ба худ хосро дорад ва мавзуъҳо вобаста ба талабот пешниҳод карда мешаванд. Дар гурӯҳи якум омӯзгор метавонад, мавзуъҳоеро пешниҳод намояд, ки барои кушодани хусусиятҳои образи бадеӣ (симоҳои асар) ва таҳлили мазмуну мундариҷаи асари адабӣ равона шудааст. Барои гурӯҳи дуюм мавзуъҳои проблемавиеро пешниҳод менамоянд, ки дорои хусусияти таҳлилианд. Мавзуи иншоҳои гурӯҳи сеюм бештар ба донишҳои адабиётшиносӣ алоқамандӣ доранд, чун жанри асари бадеӣ, нақши санъатҳои бадеӣ дар кушодани ғояи асосии ягон асар, маҳорати шоирӣ ё нависандагии муаллифи асари бадеӣ ва монанди инҳо.

Ба довталабон ҳангоми супоридани имтиҳони дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ навиштани иншоро дар жанрҳои тақриз, мақолаи адабию танқидӣ, мақолаи илмӣ, очерк, рӯзнома, мактуб, мусоҳиба, эссе ва ғайраҳо пешниҳод намудан мумкин аст. Навиштани иншо дар жанрҳои номбурда танҳо дар он вақт ба иншо хусусияти фардӣ мебахшад ва натиҷаи хуб медиҳад, ки хонанда (довталаб) доир ба кори хаттӣ тасаввурот дошта бошад. Навиштани як иншои хуб аз хонанда дониш ва малакаю маҳорати ботартиб ва дуруст баён кардани фикрро талаб мекунад.

Донишманди тоҷик А. Мулло низ дар китоби арзишманди «Методикаи таълими адабиёти тоҷик» дар ҷавоб ба саволи “Оё иншо зарур аст?” дар бораи аҳаммияти имтиҳони иншо нуктаҳои ҷолиб навиштааст ва ба таври муфассал тартибу талаботи навиштани иншои хубро шарҳ додааст [74, с. 327-336].

Ба иншо низ чун дигар намуди корҳои хатии хонандагон ва довталабон аз рӯйи меъёрҳои муайян баҳогузорӣ (холгузорӣ) мешавад. Дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ» [4] навишта шудааст:

Ба мазмуни нақлу иншо аз рӯйи меъёри зерин баҳо гузошта мешавад:

- мувофиқати баён ба мавзуъ;
- шарҳи пурраи мавзуъ;
- далелнокии баён;
- дурустии маводди ҳақиқӣ;
- мураттабии баён.

Ҳангоми баҳогузорӣ ба иншо меъёрҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад:

- рангорангии луғат ва сохти грамматикии нутқ;
- ягонагии услуб ва ифоданокии нутқ;
- теъдоди ғалатҳо.

Ба саводнокӣ аз рӯйи миқдори ғалатҳои имлоӣ, китобат ва грамматикӣ баҳо гузошта мешавад.

Дар эзоҳ таъкид шудааст, ки ҳангоми баҳо додан ба иншо мустақилият, муҳокимарониҳои шахсии хонанда ба ҳисоб гирифта мешавад. Мавҷудияти фикрҳои ҷолибу тоза ва татбиқи амалии онҳо дар иншо имкон медиҳад, ки баҳо 1 хол баланд карда шавад [4, с. 149-150].

Дар ҳама гуна санадҳои меъёрии баҳогузорӣ ба кори хаттӣ [4; 26; 27; 186, 187, 188, 189; 190] навишта шудааст, ки ба иншо аз рӯйи (а) мазмуну мундариҷа ва услуби баён ва (б) саводнокии хонанда баҳо гузошта мешавад. Дар яке аз ин санадҳо [186] як нуктаи муҳим таъкид шудааст, ки дар баҳогузорӣ ба иншо аз адабиёт бояд меъёрҳои зерин дар доираи барномаи таълимӣ бар асос гирифта шавад:

– фаҳмиш ва дарки дурусти мавзуъ, амиқ ва мукаммал будани баёни мавзуъ, баёни дурусти маълумот ва далелҳо, шарҳи дурусти ҳодисаҳо ва рафтори симоҳо бар асоси мазмуни идеявию мавзуии асар, исботи нуктаҳои асосӣ, истифодаи маводде, ки барои кушодани мавзуъ зарур ва муҳим аст, маҳорати баровардани хулоса ва ҷамъбаст кардан, саҳеҳии иқтибосҳо ва қобилияти ба маврид истифода кардани онҳо дар матни иншо;

– мавҷудияти нақша дар иншоҳои омӯзишӣ;

– мутаносибии қисмҳои иншо, робитаи мантиқии қисмҳо ва пайванди фикр дар гузариш аз як қисм ба қисми дигар;

– дақиқии баён ва рангоранги луғат, қобилияти истифодаи санъатҳои бадеӣ.

Ба иншо ва дигар намудҳои кори хаттӣ аз рӯйи малака, маҳорат ва дониши хонандагон баҳо гузошта мешавад. Дар ҳолате ки ба корҳои хаттӣ

хонандагон баҳои дурусту воқеӣ гузошта мешавад, ин натиҷа онҳоро рӯҳбаланд ва ҳавасманд мегардонад. Омӯзгор ҳангоми санҷиши корҳои хаттӣ бояд қоидаҳои зеринро риоя намояд:

1. Ҳангоми тафтиш ба зери аломатҳои китобати нодаркор ва ғалат гузошташуда хат кашида, ба ҷойи онҳо аломатҳои даркориро нависад;

2. Дар зери ғалатҳои имлоӣ хат кашида, дар ҳошия ишораи онро гузорад, то худи хонанда аз он натиҷагирӣ намояд;

3. Дар рафти санҷиши корҳои хаттӣ ҷумлаи услубан нодурустро зераш хатти мавҷнок кашида, аломати ғалати услубиро дар ҳошия бо аломатҳои муайян ишора намояд;

4. Ҳангоми санҷиши ҳама гуна корҳои хаттӣ навъи ғалатҳо – имлоӣ, аломати китобат ва услубиро муайян карда, дар ҳошия нишон диҳад;

5. Аз сабаби он ки диктанти санҷишӣ аз рӯйи диктаи муаллим навишта мешавад, дар он ғалати услубӣ вуҷуд надорад. Омӯзгор танҳо ғалатҳои имлоӣ ва аломати китобатро дар ҳошия нишон медиҳад;

6. Ба тафтишгар зарур аст, ки барои баҳо гузоштан дар нақлҳои хаттӣ ва иншо миқдори ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубиро ба назар гирифта, аз рӯйи меъёр баҳогузорӣ намояд.

7. Омӯзгор ба ҳамаи корҳои санҷидашуда баҳои воқеӣ гузошта, ба хонандагон ғалатҳояшонро бояд фаҳмонад ва баҳои онҳоро дар журнали синфӣ гузорад.

Аз ин рӯ, чунин хулоса мегардад, ки нақли хаттӣ ва иншо воситаи муҳим ва арзишманди донишомӯзӣ, такмили истеъдод, балоғати калом, тақвияти фикр ва хотира, ба низом даровардани баён, равонии нутқ ва умуман ташаккули малакаю маҳорати донишомӯзон ба ҳисоб меравад. Ба воситаи нақли хаттӣ ва иншо маҳорати беғалат ва ботартиб ифода намудани фикр ва низ дараҷаи пешравии нутқи хонандагон санҷида мешавад.

Реферат як намуди кори хаттӣ ба шумор меравад, ки солҳои охир дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ барои арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагону донишҷӯён ба таври васеъ

истифода мешавад. Навиштани реферат, ҳамчун жанри илмӣ, барои рушд додани нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон ба барномаи таълимии забони тоҷикии  муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ низ ворид карда шудааст. Бинобар ин имрӯзҳо аз хонандагони мактабҳои миёна таълифи реферат аз тарафи омӯзгорони фанҳои гуногун талаб карда мешавад. Таҳияи реферат кори инфиродии таҳлилию эҷодии хонанда ба ҳисоб меравад.

Ба навиштаи муаллифи «Дастури методӣ оид ба навиштани рефератҳо, эссе» [196] реферат (аз калимаи лотинии refero – хабар медиҳам) дар шакли хаттӣ нақли мухтасари мундариҷаи осори илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот аст.

Реферат ин кори мустақилонаи илмию таҳқиқотии донишомӯз буда, дар он муаллиф моҳияти масъалаи мавриди омӯзишро шарҳ медиҳад, нуқтаҳои назари гуногунро баён мекунад, хулоса мебарорад ва натиҷагирӣ мекунад.

Интихоби мавзуи реферат аз ҷониби омӯзгор дар доираи фанҳои омӯхташаванда бо дарназардошти шавқу ҳаваси донишомӯзон сурат мегирад. Пеш аз интихоби мавзуъ барои як реферат донишомӯзро зарур аст, ки шавқу ҳаваси худро ба назар бигирад, муайян кунад, ки рӯйи кадом масъала кор кардан мехоҳад ва онро бояд амиқтар биомӯзад.

Мақсад аз навишти реферат он аст, ки донишомӯзон дар интихоб, омӯхтан, гирдоварӣ ва таҳлил намудани сарчашмаҳои адабию илмӣ малакаҳои мустақилона кор карданро пайдо кунанд.

Рефератро кории хаттии марбут ба адабиёт донистан мумкин аст, ки дар баробари дигар корҳои хаттӣ дар таълими адабиёт мавқеи муҳим ва арзиши зиёд дошта, дар инкишофи тафаккур, ҷаҳонбинӣ, нутқи шифоҳию хаттӣ ва дараҷаи саводнокии хонандагон нақши созанда дорад.

Раванди омода намудан ва навиштани  реферат, эссе бояд чанд зинаро дар бар гирад. Ҳангоми навиштани реферат хонанда вазифадор аст, ки талаботи навишти онро ба назар гирад ва риоя намояд, аз ҷумла:

1) доир ба мавзуи интихобгардида адабиётро ҷамъоварӣ намуда ва бо сарчашмаҳо ба пуррагӣ шинос гардад;
2) нақшаи рефератро дуруст таҳия намояд;

3) адабиёт ва сарчашмаҳои ҷамъоваришударо бодиққат омӯзад;
4) матни рефератро мувофиқ ба нақша нависад;
5) реферати таҳияшударо мураттаб созад ва ороиш диҳад.

Дар баҳогузорӣ ба реферат низ бояд меъёрҳои зерин ба асос гирифта шаванд:

- мувофиқати мундариҷа ба мавзуъ;
- истифодаи дуруст ва пурраи адабиёт ва сарчашмаҳо;
- мутобиқати мураттабсозӣ ва ороиши реферат ба талабот.

Мувофиқи талаботи Стандарти давлатии федералии таҳсилоти асосии умумӣ [186] меъёри баҳо ба рефератро ҳамчун як матни яклухти муаллифӣ, навгонӣ ё тозагӣ дар матн, асоснокии интихоби сарчашма, дараҷаи кушодани моҳияти мавзуъ, риояи талаботи ба сурати расмӣ даровարданро муайян менамояд. Дар навбати худ ҳар як меъёр талаботе дорад, ки риояи онҳо ҳатмист. Шарҳи муфассали ин талабот дар санади боло ва «Дастури методӣ оид ба навиштани рефератҳо, эссе» [196] муфассал оварда шудааст.

## 1.2. Эссе – воситаи арзёбии дониш ва салоҳиятҳои хонандагон

Солҳои охир дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар баробари диктант, нақли хаттӣ, иншо ва реферат эссе низ ҳамчун муҳимтарин воситаи арзёбии дастовардҳои таълимӣ, бахусус дониши хаттии хонандагону донишҷӯён, истифода мешавад.

Дар бораи эссе ҳамчун як шакли кори хаттӣ ва арзёбии дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон ба воситаи ин шакли кори хаттӣ донишмандон дастуру мақолаҳои зиёде навиштаанд. Аз ҷумла, метавон навиштаҳои ҷолибу арзишманди донишмандон Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев [34], Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров [75], Ф. Олимова [80], З. Тошбоева, Ф. Ниёзов [94], Қ.Ш. Тӯраҳасанов, С.Ҳ. Қурбонов [96], Х. Ҷумъазода [110], М. Афғонов [22], М. Шодиев, Ҷ. Азимов [158], Т.М. Балихина [25], А.Л. Дмитровский [35], В.И. Звонников, М.Б. Челишкова [37], А.И. Тюнин, Л.П. Алексеева [97], Е.В. Бузалская [132], А.Л. Дмитровский [134; 135; 136], В.М. Учакина [154;

169], К.А. Засепин [164], Н. Брилёнова [178], О.С. Лиситсина [191], С.В. Майорова [192], С.А. Тютюнова [200] ва дигаронро зикр намуд.

Мувофиқи адабиёт ва дастурҳои дастрас эссе муҳокимаронии нисбатан озоди донишомӯз дар мавзуи додашуда аст. Ин намуди кори хаттӣ ба илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ (фалсафа, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ) низ хос аст.

Эссеро жанри мувофиқ барои баёни андешаҳои шахсӣ, як жанри махсуси адабӣ, жанре, ки дар шакли пулитсистӣ (очерк), рӯзноманигорӣ, бадеӣ, илмӣ-оммавӣ, академӣ ва расмӣ-коргузорӣ гуфтан мумкин аст. Эссе ба ҳикояи хурде низ монанд аст, ки дар он таассуроти шахсӣ нисбат ба чизҳои дидаю шунида ифода меёбад. Эссеро як навъи очерк ё мақола ва гоҳе онро иншои мухтасар (кӯтоҳ) низ гуфтаанд. Ҳангоми навиштани ин гуна иншои мухтасар муаллиф дар баёни фикр озод аст: ӯ андешаи худро доир ба мавзуи пешниҳодшуда мухтасар ва асоснок (бо далел), вале дар ҳаҷми муайян баён мекунад. Дар эссе ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои шахсии эссенавис доир ба ягон мавзуи иҷтимоӣ ва ё фарҳангию таърихӣ инъикос меёбад. Дар эссе мавзуъ ва масъалаи баррасишаванда мушаххас аст. Дар он ягон асар, рӯйдод ва ё шахсияти касе муфассал мавриди мулоҳизаю муҳокима қарор намегирад. Эссенавис доир ба мавзуи пешниҳодшуда андешаашро бо як тартиби муайян дар як сарсухани кӯтоҳ, мулоҳизарониҳои мухтасар бо далел ва хулоса баён менамояд. Ба ин восита доираи андеша ва ҷаҳонбинӣ, маҳорати баррасии мустақилонаи масъала ва хулосабарорӣ, дуруст ва мураттаб баён кардани фикр ва дараҷаи саводнокии эссенавис санҷида мешавад.

Ҳадаф аз навиштани эссе се нуктаи муҳимро нишон додан аст:

1. Ташаккули малакаҳои тафаккури мустақили эҷодӣ;

2. Ташаккули малакаҳои далеловарӣ ва дар баробар (муқобил)-и ҳам қарор додани онҳо ҳангоми таҳлили вазъият;

3. Омӯзиши мухтасарбаёнӣ ва пайдарпай изҳор намудани андешаи худ.

Иҷрои чунин намуди кори хаттӣ аз донишомӯзон қобилияти таҳлили мавод, мулоҳизаронӣ дар мавзуъҳои додашуда ва мухтасар баён намудани андешаи худро талаб мекунад.

Навиштани эссе асосан шомили ду омили муҳим аст:

1) инкишофи нутқи хаттӣ;

2) инкишофи малакаҳои таҳлил.

Имрӯзҳо жанри эссе ҳамчун супориш, ки бояд барои ба низом даровардани талабот ба дониши хонандагон, инчунин беҳтар намудани сифати назорати донишҳои азхуднамудаи онҳо ёрӣ расонад, бештар пешниҳод мешавад. Мақсади эссе рушд додани малакаҳое, монанди тафаккури мустақили эҷодӣ ва навиштани андешаҳои худ мебошад.

Донишманди тестшинос Т.М. Балихина эссе ва иншоро яке аз кори хаттии эҷодӣ донистааст: ба таври хаттӣ дуруст баён намудани андеша ва назари худ. Ин шакли кори хаттӣ барои арзёбии малакаю маҳорати хонандагон, аз ҷумла, нақл ё қисса намудан, тавсиф кардан, шарҳ додан, таҳлил намудан воситаи хубест [25, с. 78, 113].

Эссеро яке аз навъҳои очерк гуфтан мумкин аст, зеро дар маркази диққати он на як падидаи ҳаётӣ, ки онро аз очерки маъмулӣ фарқ мекунонад, балки таҳлили як масъалаи адабӣ-таҳқиқӣ, таърихӣ, эстетикӣ, фалсафӣ мебошад. Нақши асосиро дар эссе на бозгӯйи факту далелҳо, балки тасвири таассурот, фикру андешаҳои ҷолиб мебозад. Жанри эссе фардияти дарки масъала, созмондиҳии озоди фикрӣ, суханони боҳикмат ва образнокро дар назар дорад... Навиштани иншо дар жанри эссе аз нависанда донишмандӣ, майл ба андеша, асолати тафаккур ва осонии баёнро талаб мекунад. Эссе дар мавзуи озод бояд навишта шавад ва дар меҳвари он проблемма ё масъалаи мушкилест, ки ба таври возеҳ ҳал мегардад.

Таҳлили маълумоти оморӣ оид ба масъалаи мавриди омӯзиш, таҳлили маводди воситаҳои ахбори омма, таҳлили муфассали мушкилоти пешниҳодшуда бо тавзеҳоти муфассал, интихоб ва таҳлили батафсили

мисолҳо, ки мушкилоти таҳқиқшаванда ва монанди инҳоро нишон медиҳанд низ дар шакли эссе пешниҳод кардан мумкин аст.

Ҳангоми навиштани эссе (иншои мухтасар) масъалаи муҳим он аст, ки хонандагон мавзуъро дарк кунанд, ба он ҷавоб диҳанд, доир ба ин ё он масъала андешаи худро баён намояд, нуқтаи назарашонро исбот кунанд.

Институти байналмилалии арзёбии дастовардҳо дар соҳаи маориф (CITO)-и Шоҳигарии Нидерландия дар таснифоти саволу масъалаҳои тест кори хаттӣ, бахусус, иншоро як шакли саволи кушодаи тест донистааст [68, с. 115]. Дар санадҳои меъёрии баҳо (холгузорӣ)- арзёбии мустақили беруна (ЗНО)-и Ҷумҳурии Украина ва дар имтиҳони ягонаи давлатӣ (ЕГЭ)-и Федератсияи Русия низ ин шакли кори хаттиро ба саволи кушодаи тест бо ҷавоби муфассал мансуб донистаанд [187; 188; 189; 190].

Саволу масъалаҳои тестро ба ду намуд тақсим намудан мумкин аст: объективӣ, ки дар он имтиҳонсупоранда (санҷидашаванда) аз вариант (гузина)-ҳои пешниҳодшудаи ҷавоби саволу масъала дурусташро интихоб менамояд ва субъективӣ, ки дар он худи имтиҳонсупоранда (санҷидашаванда) ба саволу масъала ҷавоби озод менависад ва эссе ба намуди дуюм мансуб мебошад.

Донишмани рус С.П. Мамай дар баробари баршуморидани бартариҳо ва норасоиҳои чунин шакли саволу масъалаҳои тести субъективӣ [69, с. 45], менависад, ки эссе боз ба намудҳои мухтасар ва муфассал тақсим мешавад. Намунаи эссеи (1) мухтасар ва (2) муфассалро ин тавр пешниҳод намудааст:

**1.** Мақомоти асосии ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Свердловро номбар кунед (5 дақиқа, 3 балл).

**2.** Фарқи байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Свердловро шарҳ диҳед. Дар ҷавоби Шумо бояд нуктаҳои зерин дарҷ шавад:

а) ном ва сохтори онҳо;

б) фаъолиятҳои асосӣ;

в) имконияти таъсиргузорӣ ба ҳамдигар (12 дақиқа, 6 хол) [69, с. 44].

Ба андешаи ӯ эссеи муфассал, нисбат ба мухтасар ҷавоби дақиқтарро бо тақсим кардан, ба бандҳои алоҳида талаб мекунад. Вале дар ҳар ду намуд ҳам

вақт барои навиштани ҷавоб ва шумораи имконпазири бештарини хол ба ҷавоби дуруст бояд пешакӣ муайян бошад [69, с. 45].

Ҳамчунин ӯ бартарӣ (ҷиҳатҳои мусбат) ва норасоиҳо (ҷиҳатҳои манфӣ)-и эссеро баррасӣ намудааст.

Бартариҳо:

- саволашро зуд ва осон метавон таҳия намуд;
- имкон медиҳад, то хонандагон (донишҷӯён)-и дараҷаи омодагӣ ва тафаккури интиқодиашон баланд санҷида ва муайян карда шаванд.

Норасоиҳо:

- имкон намедиҳад, то ҳаҷми бештари маводди таълим санҷида шавад;
- боэътимодии баланди натиҷаҳои санҷишро таъмин намекунад;
- барои санҷиш ва ҳисоби натиҷаҳо вақти зиёдро талаб мекунад, [69, с. 45].

Эссеро яке аз шаклҳои саволу масъалаи тести кушода бо ҷавоби озодона сохташуда ва ё бо ҷавоби муфассал ҳисобидан мумкин аст, чунки ба воситаи он малакаҳои амалии азхуднамудаи хонанда арзёбӣ карда мешавад. Норасоии эссеро дар душвории автоматикунонии ҳисоби баллҳо медонанд.

Пру Андерсон ва Ҷорҷ Морган ҳам, он ҷо ки дар бораи бартариҳо ва маҳдудиятҳои саволу масъалаҳои тест менависанд, бартарии эссе – саволу масъалаи кушода бо ҷавоби муфассалро дар он донистаанд, ки:

1) хонандагон метавонанд, дараҷа ва умқи фаҳмишашонро аз маводди таълимӣ (омӯхташуда) нишон диҳанд;

2) имкон дорад домана (диапазон)-и фаҳмиши мавод санҷида шавад.

Вале норасоиҳои онро аз рӯйи ду масъала нишон додаанд:

1) маҳдудияти домана (диапазон)-и натиҷаҳои омӯзиш, ки саволу масъала ба он нигаронида шудааст;

2) омода намудани санҷишгарон ва андешидани тадбирҳои зарурӣ барои назорати сифати санҷиш, ки вақт ва маблағи зиёдро талаб мекунад [21, с. 44].

Н. Ефремова вақте дар бораи маводди давраҳои аввали ИЯД-и Русия маълумот медиҳад, менависад, ки дар маводди имтиҳон – маводди назоратию

санҷишӣ (МНС) эссе яке аз қисми супоришҳо ба ҳисоб меравад: эссе ё саволу масъала бо ҷавоби озодона сохташуда ва ё бо ҷавоби муфассал [36, с. 65].

Эссе ё саволу масъала бо ҷавоби озодона сохташуда ва ё бо ҷавоби муфассал яке аз усулҳо ва воситаҳои муассири назорат аст, ки ба воситаи он қобилияти эҷодӣ ва дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон арзёбӣ карда мешавад.

В.И. Звонников ва М.Б. Челишкова баҳогузорӣ ба эссеи хонандагонро аз рӯйи се масъала мумкин донистаанд [38, с. 100-101]:

– бо нақшаи одии баҳогузорӣ, ки дар интихоби меъёр ба мундариҷаи ҷавоби хонандагон диққат дода мешавад;

– бо нақшаи мураккаби баҳогузорӣ, ки дар он мундариҷаи ҷавоб, сифати пешниҳоди матн, пуррагӣ ва услуби нигориши он ва дигар меъёрҳое, ки таҳиякунандаи саволу масъала зарур медонад, ба назар гирифта мешавад;

– бо усули рейтингӣ бо дар назар гирифтани маҷмуи холҳо, ки бо ҷамъи холҳои алоҳидаи гузоштаи санҷишгарон барои пуррагии ҷавоб.

Аз таҳлили нуқтаи назари донишмандони тестшинос метавон ба чунин натиҷа расид, ки дар холгузорӣ ба эссе гоҳо мушкилот пеш меояд. Яке аз ин мушкилотро дар таҳияи истинод – намунаи ягонаи ҷавоб ва ё меъёр, ки ҳамаи гузина (вариант)-ҳои ҷавобро ба назар бигирад, метавон дид. Дигар аз мушкилот, агар дақиқ назар кунем, назари шахсии ҳар санҷишгар ба ин ё он падида ё воқеа аст. Вале новобаста ба ин мушкилот ҳар санҷишгар вазифадор аст, ки ба ҷавоби донишомӯз на аз рӯйи ин ё он нуқтаи назар, балки мувофиқи ҳамон меъёри муайяншуда баҳо (хол) гузорад.

Бо дар назар гирифтани ҳамин мушкилиҳо бар ин натиҷа мерасем, ки барои санҷиш ва баҳо (хол)-гузорӣ ба ин шакли супориш бо ҷавоби муфассал дастури санҷиш бояд дақиқ бошад, санҷишгарон бояд ҳаматарафа омода карда шаванд, онҳо бояд мутахассисони воқеӣ ва пухтакор бошанд ва ҳамзамон барои ба даст овардани маълумоти дурусту воқеӣ зарур аст, ки санҷиши дубора ба роҳ монда шавад.

Бо вуҷуди ин ҳама нуктаи назарҳо донишманди рус А.Н. Майоров, бинобар ҷавобгӯ набудани эссе (иншо) ба талаботи таҳияи тест ва мавҷуд будани субъективият дар санҷиш ва холгузорӣ, онро ба саволу масъалаи тест мансуб намедонад [68, с. 106-116].

Саволу масъалаи тест гуфта он воҳиди сохториро мегӯянд, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад:

- шакли мантиқии баёни фикр;
- дурустии шакл;
- кӯтоҳӣ;
- мавҷудияти ҷойи муайян барои ҷавоб;
- дуруст ҷойгиркунии унсурҳои саволу масъала;
- ягонагии тартиби баҳодиҳии ҷавобҳо;
- ягонагии дастур барои ҳамаи тестсупорандагон;
- мувофиқати дастурҳо ба шакл ва мундариҷаи саволу масъала;
- коркарди технологӣ.

Аммо эссе на ба ҳамаи ин талабот ҷавобгӯ аст. Бинобар ин эссе (иншо)-ро на ҳамчун як шакли саволу масъалаҳои тест, балки як супориши алоҳида барои санҷиши дониши хаттӣ ва малакаю маҳорати эҷодии хонандагон (донишҷӯён) истифода мешавад.

Эссе низ чун иншо аз рӯйи меъёри муайян баҳогузорӣ мешавад: ба мазмуну мундариҷаи эссе, саводнокии эссенавис ва дақиқии баён. Дар баҳо (хол)-гузорӣ ба мазмуну мундариҷаи эссеи хонанда асосан меъёрҳои зеринро ба назар мегиранд:

- мувофиқати мазмун ба мавзуъ;
- асоснокӣ, равшанӣ ва мухтасарбаёнӣ;
- мустақилият дар иҷрои кор (будани мавқеи инфиродии муаллиф);
- мувофиқат ба талаботи расмӣ.

Ва ё:

- амиқ кушодани мавзуъ ва боэътиомдии таҳлилҳо;
- овардани далелҳо;

- ягонагии сохторӣ ва мантиқӣ;
- рангорангии нутқ (баён).

Аммо аз рӯйи меъёрҳои саводнокӣ ва дақиқии баён (нутқ):

- риояи қоидаҳои имло;
- риояи қоидаҳои аломатҳои китобат;
- риояи меъёрҳои грамматика;
- риояи меъёрҳои нутқ ва услуб.

Дар қисматҳои минбаъдаи диссертатсия дар бораи меъёри баҳо (холгузорӣ) ба эссе маълумоти муфассал дода мешавад. Вале бояд гуфт, ки иншо ва эссе  дар баробари дигар шаклҳои кори хаттӣ аз муҳимтарин абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва салоҳиятҳо)-и хонандагон ба ҳисоб мераванд.

## 1.3. Тафовут ва монандиҳои асосии иншо ва эссе

Барои омӯзгорону хонандагони мо калимаи иншо шиносу маълум аст. Дар раванди таҳсил хонандагон дар мавзуъҳои гуногун иншо менависанд ва омӯзгорон ба воситаи ин намуди санҷиш донишу маҳорати шогирдонро мефаҳманд. Аммо калимаи фаронсавии эссе дар ҳамин чанд соли охир ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ, бахусус, корбурди он дар байни омӯзгорону хонандагон  ба туфайли талаботи ИМД ба МТТМОК ворид гашт.

Иншо ва эссе дар баробари дигар шаклҳои кори хаттӣ – диктант, нақли хаттӣ, реферат аз муҳимтарин абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва салоҳиятҳо)-и хонандагон ба ҳисоб мераванд. Дар вақти навиштани иншо ва эссе донишомӯзон аз ҷиҳати имло ва услуб дуруст навиштани калимаҳо ва истифодаи воситаҳои грамматикии забон, аз ҷиҳати мантиқ пай дар пай ва ботартиб баён кардани фикрро донанд. Инчунин иншо ва эссе дар ташаккул ёфтани шахсияти хонанда, дар рушди ҷаҳонбинӣ ва худшиносии ӯ нақши муҳим дорад. Дар байни ин ду шакли кори хаттӣ фарқият ва умумиятҳое вуҷуд дорад, ки донистани онҳо барои ҳар омӯзгор ва хонанда зарур аст.

Бо мақсади возеҳу мушаххас нишон додани тафовутҳои асосии иншо аз эссе ва монандии онҳо, бахусус, тафовути он эссее, ки дар ИМД истифода шуд ва имрӯз ҳам дар муассисаҳои таълимии кишвар омӯзонида мешавад, зарур донистем, ки онро дар қолаби ҷадвал (ҷадвали 1) манзур намоем. Чунин як ҷадвалро мо дар дастури методии «Методическое пособие рекомендации по написанию эссе. Итоговая аттестация выпускников школ» [195] низ дида метавонем.

**Ҷадвали 1. Тафовут ва монандиҳои иншо ва эссе**

| Матлаб | Эссе | Иншо |
|---|---|---|
| Аз кадом фан менависанд | Ба ғайр аз фанҳои забон ва адабиёт аз фанҳо ё илмҳои тамоюли иҷтимоию гуманитарӣ, чунончи, таърих, фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, равоншиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, ахлоқ ва ғайра низ менависанд. | Асосан аз забон ва адабиёт менависанд. |
| Тавсиф | Навъе аз жанри очерк ва ё кори эҷодиест, ки дар он муаллиф андешаҳои шахсии худро оид ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ: иҷтимоӣ, ахлоқӣ, илмӣ, фарҳангӣ дар асоси далелҳо иброз медорад.<br>Дар эссе тасаввурот ё таассуроти шахсии муаллиф дар бораи ягон мавзуъ (масъала, воқеа, падида...) баён карда мешавад. | Кори эҷодӣ оид ба мавзуи мушаххас, ки бо тасвир, нақл, мулоҳиза ва таҳлили матни адабӣ (мазмуну мундариҷа) ва тавсифи (муқоисавии) образҳои бадеӣ навишта шудааст. |
| Мақсад ва вазифа | Мақсади эссе эҷоди матни бадеӣ-публисистӣ аст, ки андешаи шахсии муаллифро инъикос намуда, хонандаро водор месозад, ки бо ӯ ҳамфикр шавад ва ё ақидаи ӯро рад намояд. Мақсади эссенавис он нест, ки ҷавобҳои мушаххасу тайёрро ба хонанда пешниҳод кунад ва ё ӯро омӯзонад, баръакс хонанда бояд баъди мутолиаи эссе дар асоси дарку эҳсоси худ мавзуи навро бо нигоҳи тоза таҳлил намояд.<br>Миқдори далелҳо дар эссе нисбат ба иншо бояд бештар бошад.<br>Муаллиф далелҳоро на танҳо аз адабиёти бадеӣ, балки аз ҳаёти ҷамъиятӣ низ оварда метавонад. | Мундариҷаи иншоро асосан андешаҳои маъмул ва ё таҳлили асар (ҳикоя, роман, повест, достон ва ғ.) ташкил медиҳад ва мақсадҳои зеринро **дорад:**<br>- рушди нутқи хаттии хонандагон;<br>- такмили маҳорати мулоҳизаронии мустақилона;<br>- кор бо матнҳо (ё унсурҳо, далелҳо, тасвирҳо, воқеаҳои алоҳида аз матн) ва таҳлил карда тавонистани асарҳои бадеӣ;<br>- муайян намудани муносибатҳои сабабу натиҷа ва ғайра. |

**Ҷадвали 1. Тафовут ва монандиҳои иншо ва эссе (давомаш)**

| | | |
|---|---|---|
| Тарзи баррасии мавзуъ | Нигоҳи субъективии муаллиф.<br>Барои навиштани эссе ба муаллиф донистани моҳияти масъала (проблема)-и гузошташуда ва дарки аҳаммияту зарари он барои ҷамъият ва назари хоси худро доштан дар ин боб зарур аст. | Таҳлили воқеӣ (асари бадеӣ, образҳои асар).<br>Барои навиштани иншо муаллифро донистани мазмуни асари бадеӣ ё маълумот доштан дар бораи шахсият ё мавзуи мавриди назар ва ақидаи баъзе аз намояндагони нақди адабӣ кофист. |
| Сохтор | Сохтори эссе озод буда, нақша ё шакли муайяне надорад. Сохтори он комилан ба мавзуъ ва фаҳмишу майли муаллиф вобаста аст. Ӯ метавонад таълифи эссеро аз баррасии масъала ва ё баръакс, аз тарзи ҳалли он оғоз намуда, бо далелҳои қотеъ муфассал таҳлил намояд.<br>Бахши хотимавии эссе дорои хулоса набуда ҳам метавонад. | Иншо сохтори мушаххас дорад**:**<br>- бахши муқаддимавӣ – баёни масъала;<br>- бахши асосӣ – таҳлил;<br>- бахши хотимавӣ – хулоса. |
| Услуби баён | Имкон медиҳад, то эссенавис бо истифодаи воситаҳои таъсирбахши луғавию фразеологӣ, санъатҳои маънавӣ ва лафзии сухан (тавсиф, маҷоз, ташбеҳ, муболиға, таҷнис), зарбулмасалу мақол ва афоризмҳо, савол ва нидои риторикӣ, ибораву ҷумлаҳои ҳамвазну ҳамқофия ва монанди инҳо маҳорати эҷодиашро нишон диҳад. Эссе бояд бо услубе эҷод шавад, ки сухан дар он эътимодбахш, пуртаъсир, дақиқ, возеҳ бошад.<br>Сухан дар эссе аз номи шахси якум аст. | Забони иншо сода аст (суханбозиро намепазирад): бештар бо истифодаи калимаю ибораҳои сода (ва бо обуранги бадеии камтар) ва бо баёни дақиқ мавзуъ кушода мешавад.<br>Дар иншо сухан аз номи шахси сеюм оварда мешавад. |

**Ҷадвали 1. Тафовут ва монандиҳои иншо ва эссе (давомаш)**

| | | |
|---|---|---|
| Боз чанд нукта | Барои нависандаи эссе доираи назар (ҷаҳонбинӣ)-и фарох, донишу маълумоти васеъ дар атрофи мавзуъ ва то андозае истеъдоди эҷод лозим аст.<br>Дар эссе бояд бо назари қотеона хонанда (мухотаб)-ро ба андеша ва ӯро ҳатто бо сароҳату ҳадафрасии суханаш ба вокуниши эҳсосмандона водор кунад.<br>Дар навиштани эссе аз муаллиф тахайюл ва озодии назар, фикри наву андешаи тоза талаб карда мешавад. Ақидаи шахсии худро гуфтан, фардият ва “ман”-и хешро нишон додани муаллиф ҷиҳати барҷастаи эссе аст. | Дар иншо мушаххас будани нақша, дақиқ будани ҳадаф аз рӯи мавзуи муайян ва дур нарафтани андешаҳо аз он зарур аст.<br>Иншо посухи мушаххаси иншонавис ба масъалаи матраҳшуда ва ақидаи устувори ӯро талаб мекунад. |
| Ҳаҷм | Эссе то 2000 калима ва ҳатто бештар аз онро фаро гирифта метавонад, аммо ҳаҷми эссеи мактаббачагон ва довталабон (дар ИМД) калон нест. Матни он кӯтоҳ − 1-2 саҳифа (150 то 250 калима) иборат аст. Мавзуи эссе фароху бузург буда наметавонад, балки хурду маҳдуд аст, бинобар ин дар он имкони ягон масъаларо ба таври хеле васеъ ва доманадору муфассал тавсифу таҳлил кардан нест. Ин аст ки масалан, на таҳлили ғоявии ягон повесту роман ё образҳои он, балки ягон ҷиҳат/унсур/бахши барҷаста ва муҳимми масъала ва ё ягон хусусияти хос ва асосии шахсияти бадеие (образе) метавонад мавзуи баҳси эссе шавад. | Ҳаҷми иншо калонтар аст: матни иборат аз 250 – 500 калима (5-6 саҳифа) ва зиёда аз он барои пурра кушодани мавзуъ. |

**Ҷадвали 1. Тафовут ва монандиҳои иншо ва эссе (давомаш)**

<table>
<tr><td rowspan="2">Тарзи пешниҳоди мавзуъ</td><td>Қорӣ-ишкамба: бандаи пул ё сарфакор?</td><td>Таҳлили образҳои қиссаи “Марги судхӯр”-и Садриддин Айнӣ</td></tr>
<tr><td>Чаро Гулбибӣ натавонист аз ҳуқуқҳои худ ҳимоя кунад?</td><td>Таҳлили мундариҷавии повести «Одина»-и Садриддин Айнӣ</td></tr>
<tr><td colspan="3">Монандиҳо</td></tr>
<tr><td colspan="3">Барои навиштани эссе ва иншо хонанда (довталаб) бояд маҳорати эҷодӣ дошта бошад.<br>Дар навиштани иншо ва эссе донистани забони адабӣ (меъёр), риояи услубҳои забон ва қоидаҳои навишт (сарфу наҳв) ҳатмист.<br>Ба воситаи иншо ва эссе дараҷаи саводнокӣ ва нутқи хаттии хонандагон ва довталабон, дараҷаи ҷаҳонбинӣ, маҳорати андешаронию хулосабарорӣ ва баёни дурусту мураттаби фикри онҳо муайян ва арзёбӣ карда мешавад.<br>Ҳар ду ҳам тафаккури интиқодии хонандагонро рушд медиҳад  (ба воситаи таҳлили матни адабӣ, андешаронӣ доир ба ягон масъалаи муҳим ва ғайра).</td></tr>
</table>

## Хулосаи боби 1

Аз баррасиву арзёбии ҳамаҷонибаи назари донишмандони соҳа бармеояд, ки истифодаи кори хаттӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баманфиат буда, аз як тараф ба воситаи он ҷанбаҳои психологию физиологии наврасон рушд дода шавад, аз ҷониби дигар малакаҳои фикрронӣ ва эҷодии хонандагон инкишоф меёбанд.

Инчунин  нуктаи муҳимме, ки дар асоси он навиштани кори хаттӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳатмӣ дониста мешавад, Қонуни ҶТ "Дар бораи маориф" ва Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад.

Аз ин рӯ, истифодаи тамоми навъи кори хаттӣ мувофиқ ба барномаҳои таълимӣ амри ногузир ва муҳим арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, аз рӯйи масъалаҳое, ки дар боби 1 баррасӣ гардиданд, метавон чунин хулоса кард:

− истифодаи корҳои хаттӣ (диктант, нақли хаттӣ, реферат, иншо, эссе) дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ воситаи самарабахши инкишоф додани нутқи хонандагону донишҷӯён ба шумор меравад;

− диктант дар баробари хусусияти омӯзишӣ (таълимӣ) доштан яке аз навъҳои асосии санҷиши дониш доир ба имло ва аломатҳои китобат ба ҳисоб меравад;

− пас аз диктант нақли хаттӣ ва реферат воситаи хеле самарабахши инкишофи нутқи хонандагон аст, ки хотира ва тафаккури хонандагонро рушд дода, боиси бой гардидани захираи луғавии онҳо мегардад;

− нақли хаттӣ барои аз худ кардани имло, дуруст кор фармудани аломатҳои китобат, бой кардани захираи луғавӣ ва мустақилона фикр рондани хонанда аҳаммияти калон дорад ва ҳамзамон аз шаклҳои санҷиши дониш ва малакаю маҳорати хонандагон аст;

− иншо аз шаклҳои муҳимми кори хаттӣ барои санҷиши нутқи хаттӣ – дараҷаи саводнокӣ ва қобилияти дурусту ботартиб баён намудани фикр мебошад;

− дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иншоро дар жанрҳои тақриз, мақолаи адабию танқидӣ, мақолаи илмӣ, очерк, рӯзнома, мактуб, мусоҳиба, эссе ва ғайраҳо навиштан мумкин аст;

− дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ нисбат ба дигар шаклҳои кори хаттӣ, бахусус, диктант ва нақли хаттӣ ба иншо аз он ҷиҳат диққати махсус медиҳанд, ки иншо нишондиҳандаи дараҷаи дониши хаттӣ, инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ, натиҷаи фаъолияти таълимӣ, доираи ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои хонандагон аст;

− иншо дар раванди таълим барои густариши доманаи маводди таълим ва омӯзиши ҳаматарафаю дақиқ ва муносибати таҳлилию танқидӣ ба он ёрӣ мерасонад, инчунин дар ташаккул ёфтани шахсияти хонанда, дар рушди ҷаҳони маънавии ӯ, ба худшиносӣ, муносибати ӯ ба тамоми олами атроф: ба одамон, ба забони модарии худ, ба мероси моддию маънавии халқи худ ва халқу миллатҳои дигар, инчунин ба гуфтору рафтори худу атрофиён нақши муҳим дорад;

− эссе ба мисли иншо аз ҷумлаи кори хаттии эҷодии хонанда аст. Ба таври хаттӣ дуруст баён намудани андеша ё жанри мувофиқ барои баёни андешаҳои шахсист, ки хонанда (донишҷӯ) доир ба мавзуи пешниҳодшуда андешаашро бо як тартиби муайян дар як сарсухани кӯтоҳ, мулоҳизарониҳои мухтасар бо далел ва хулоса баён менамояд;

− навиштани эссе аз хонанда (донишҷӯ) дониши амиқ, майл ба андеша, ва осонии баёнро талаб мекунад;

− эссе ҳамчун иншо як шакли саволи кушодаи тест (намуди субъективӣ, ки дар он худи имтиҳонсупоранда (санҷидашаванда) ба саволу масъала ҷавоби озод менависад) аст, ки ҷавоби муфассалро талаб менамояд;

− эссе дар баробари иншо яке аз муҳимтарин абзорҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон (донишҷӯён) ба ҳисоб меравад;

− эссе бо тафовутҳое, ки аз иншо дорад, бо ин шакли кори хаттӣ дорои умумият низ мебошад. Ба воситаи иншо ва эссе дараҷаи саводнокӣ ва нутқи хаттии хонандагон (донишҷӯён), дараҷаи ҷаҳонбинӣ, маҳорати андешаронию хулосабарорӣ ва баёни дурусту мураттаби фикри онҳо муайян ва арзёбӣ карда мешавад. Ҳар ду намуди кори хаттӣ ба воситаи таҳлили матни адабӣ,

андешаронӣ доир ба ягон масъалаи муҳим ва ғайра тафаккури интиқодии хонандагонро рушд медиҳад;

– баҳои дурусту воқеӣ ба корҳои хаттӣ (диктант, нақли хаттӣ, реферат, иншо, эссе) хонандагонро руҳбаланд ва ҳавасманд мегардонад, бинобар ин зарур аст, ки меъёрҳои баҳогузорӣ аз тарафи омӯзгорон мувофиқи санадҳои меъёрӣ риоя карда шавад.

# БОБИ 2. КОРИ ХАТТӢ (ЭССЕ) ДАР НИЗОМИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ

## 2.1. Асосҳои назариявии ворид намудани кори хаттӣ ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

Таъсиси ММТНПҶТ ва ба роҳ мондани ИМД ба МТТМОК аз муҳимтарин дастовардҳои соҳаи маориф ва илми Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи тоҷик  А.Ф. Нуралиев таъсиси ММТНПҶТ-ро «ҷаҳише бузург дар соҳаи маориф» [148] донистааст. Воқеан, ин падидаи бузург дар соҳаи  маориф як тағйироти куллиро дар низоми имтиҳонҳои қабул ба МТТМОК ва арзёбии дастовардҳои таълимии донишомӯзонро ба вуҷуд овард. Яке аз тағйироти куллӣ дар ин самт «таъмини баробарӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти босифат бо ҷорӣ намудани низоми қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз рӯйи натиҷаҳои санҷиш (тест)-и миллӣ буд» [140].

Таъмини баробарӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, бахусус, ба имтиҳонсупорӣ, дар банди 4 санади меъёрии ҳуқуқии «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шудааст: «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бар асоси принсипҳои зерин ташкил ва баргузор мешаванд: воқеият (объективӣ), шаффофият, адолат, мустақилияти равандҳои баргузории имтиҳонҳо ва таъмини дастёбии баробари довталабон барои имтиҳонсупорӣ» [8].

Бо гузашти чанд сол аз роҳандозии ИМД ҷомеаи Тоҷикистон ба ин низом ва принсипҳои он: воқеият, шаффофият, адолат, мустақилияти равандҳои баргузории имтиҳонҳо эътимод намуданд. Ин масъалаи муҳимро ҳанӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид карда буданд: «Таъсисёбии Маркази миллии тестӣ ва қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар тавассути имтиҳонҳои марказонидашуда дар таъмини сифати таҳсилот дигаргуниҳои мусбат ба миён хоҳад овард. Зеро аҳли ҷомеа, бахусус падару модарон ва хатмкардагони мактабҳо имсол итминон

пайдо карданд, ки сатҳи баланди дониш омили асосӣ ва ягонаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад» [140].

Мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои асосии оинномавии ММТНПҶТ гузаронидани пажуҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ тавассути тестгузаронӣ номида шудааст.

Барои расидан ба мақсадҳои оинномавӣ ва иҷрои вазифаҳои бар уҳда доштааш ММТНПҶТ дар баробари истифодаи усули тестгузаронӣ дар ИМД ба МТТМОК имтиҳони кори хаттиро низ ба роҳ монд. Дар низоми ИМД, ки амалан соли 2014 шуруъ гардид, ҳанӯз соли 2013, пас аз озмоишҳои пай дар пайи кори хаттӣ (навиштани диктант ва иншои мухтасар – эссе) дар солҳои 2011 ва 2012, кори хаттӣ – навиштани иншои мухтасар (эссе) ба забони тоҷикӣ (давлатӣ) барои ҳамаи довталабон (сарфи назар аз забони таҳсил ва ихтисоси интихобнамудаашон) яке аз имтиҳонҳои ҳатмӣ дониста шуд.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро на шаклҳои дигари кори хаттӣ, ба монанди диктант, нақли хаттӣ ва иншо, балки маҳз эссе ҳамчун абзори санҷиши дониши хаттии довталабон дар ин маврид пазируфта шуд? Барои ҷавоб додан ба ин савол танҳо ба яке аз вижагиҳои эссе ишорат кардан кофист: ин вижагӣ бузургҳаҷм набудани эссе аст. Вобаста ба вижагии эссе дар асару мақолаҳои олимон маълумоти муфассал дода шудааст [60, с. 1246-1247; 89; 90; 96; 122; 137; 154; 164; 175; 178; 185; 191; 192; 195; 196; 205].

Бояд зикр кард, ки вобаста ба талаботи навиштани кори хаттӣ вақт барои коркард ва натиҷагирии корҳои довталабон дар низоми ИМД маҳдуд аст, навиштани чунин кори хаттии мухтасар ба талаботи ин низом мувофиқтар ҳисобида шуд.

Бояд ин нуктаро низ зикр намоем, ки ҳатмӣ донистани имтиҳони кори хаттӣ дар низоми ИМД, яъне, ҳамаи довталабон, сарфи назар аз забони таҳсил ва ихтисоси интихобнамудаашон, бояд аз забони тоҷикӣ (давлатӣ) иншо (эссе) нависанд, тасмими муҳим ва саривақтӣ буд.

Чунин тасмим бо ду қонуни муҳим – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» асоснок карда шуд.

Дар моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (бандҳои 1 ва 4) омадааст: «Забони асосии таҳсил дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ мебошад. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омӯзиши забони давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои давлатии таҳсилот ҳатмист» [2].

Азбаски забони тоҷикӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба сифати забони давлатӣ пазируфта шудааст, тамоми санадҳо ва ҳуҷҷатҳо бо ин забон навишта мешавад. Ба роҳбарияти мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ сарфи назар аз миллияташон шахсоне пазируфта мешаванд, ки забони давлатиро хуб донанд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд бо забони тоҷикӣ дуруст суҳбат карда, фикрашро беғалат навишта тавонад.

Ин нукта дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар моддаи 3, банди 2) чунин омадааст: «Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, забони давлатиро донад» [3].

Дар ИМД ба қатори имтиҳонҳои ҳатмӣ ворид намудани кори хаттӣ – навиштани иншои мухтасар (эссе) ба забони давлатӣ (тоҷикӣ) талаби замон буда, тавассути он саводнокӣ ва инкишофи нутқи хаттӣ, маҳорати дуруст ва мураттаб баён кардани фикри довталабон санҷида мешавад.

Дар ин замина зикр кардан низ ба маврид аст, ки Тоҷикистон охирин кишварест, ки ҳам дар байни ҷумҳуриҳои собиқи Шуравӣ ва ҳам дар ҷаҳон, чунин тасмим гирифтааст. Дар ҳамаи кишварҳое, ки ММТНПҶТ таҷрибаи онҳоро омӯхтааст, ба монанди ИМА, Туркия, Нидерландия, Булғористон, ФР, Ҷумҳурии Литва, Ҷумҳурии Украина, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва кишварҳои дигар навиштани иншои мухтасар (эссе) ба забони давлатӣ яке аз имтиҳонҳои ҳатмии дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад. Таҳлили муқоисавии тарҳҳои мавҷудаи имтиҳонҳои дохилшавӣ дар ин мамлакатҳоро С.Ф. Ҷаъфаров дар мақолааш муфассал шарҳ додааст [156].

Ҳамзамон бояд дар ёд дошт, ки дӯст доштани Ватан аз дӯст доштани забони давлатӣ ва фарҳанги миллии кишвар сарчашма мегирад. Аз ин ҷост, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари арзишманди «Забони миллат – ҳастии миллат» навиштаанд: «Забон муҳимтарин унсури бақои миллат буда, оинаи рӯзгори гузаштаву ҳозира ва маҷмуи тафаккуру андешаи халқ ба ҳисоб меравад ва яке аз арзишмандтарин сарчашмаи мероси гузаштагон барои наслҳои оянда арзёбӣ мегардад. [30, с. 9].

Ҳамчунин ба роҳ мондани имтиҳони кори хаттӣ (эссе) аз забони тоҷикӣ дар ИМД маънои нодида гирифтани забони халқу миллатҳои дигари сокини Тоҷикистон ва сарфи назар кардани омӯзиши дигар забонҳоро надорад, чунонки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора кардаанд: «Дӯст доштан ва омӯхтани забони модарӣ ҳаргиз маънои дар доираи забони худ маҳдуд мондан ва аз омӯзиши забонҳои дигар, аз ҷумла, русӣ ва англисӣ, сарфи назар карданро надорад». [30, с. 9].

Вале бо дар назар гирифтани натиҷаҳои озмоиши низоми ИМД дар соли 2013 ва ба ин далел, ки низоми ИМД бори аввал дар ҷумҳурӣ гузаронида мешавад, соли 2014 ворид намудани имтиҳони кори хаттӣ (навиштани эссе) то соли 2018 ба таъхир гузошта шуд.

Бахши хаттии имтиҳон – навиштани эссе барои довталабоне, ки гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм (филология, педагогика ва санъат)-ро интихоб намудаанд, бо супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 ба низоми ИМД ворид карда шуд, ки як навгонии бунёдӣ ба ҳисоб мерафт, ба яке аз ҳадафҳои ММТНПҶТ мувофиқат мекард: «Яке аз ҳадафҳои Марказ мусоидат кардан барои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, беҳтар кардани донишу саводи онҳо аз фанни забони тоҷикӣ (давлатӣ) аст. Бо ин мақсад соли ҷорӣ ба низоми ИМД кори хаттӣ (эссе) дохил карда шуд, ки як навгонии куллӣ ба шумор меравад. Он ҳамчун бахши таркибии қисми А (имтиҳони умумӣ) ҳисоб меёбад» [85, с. 8].

Ба роҳ мондани имтиҳони кори хаттӣ – навиштани эссе барои довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм, ба андешаи мо, тасмими саривақтӣ ва асоснок аст. Зеро дар доираи ин гурӯҳи ихтисосҳо мутахассисоне тайёр карда мешаванд, ки дар оянда

дар самтҳои рӯзноманигории байналмилалӣ ва телевизион, назария ва амалияи тарҷума, кори адабӣ дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, минтақашиносӣ, санъати мусиқӣ, санъати актиёрӣ, режисура, фарҳангшиносӣ, педагогика ва методикаи таълим, омӯзгорӣ, аз ҷумла, омӯзгорони фанҳои забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, синфҳои ибтидоӣ ва монанди инҳо [84, с. 38-48] фаъолият хоҳанд кард. Чунонки медонем, навиштани кори хаттӣ (иншо) барои довталабони ин гурӯҳи ихтисосҳо дар Тоҷикистони Шуравӣ ва солҳои аввали истиқлолият аз имтиҳонҳои муҳимми дохилшавӣ ба МТТОК буд.

## 2.2. Озмоиши абзори кори хаттӣ дар солҳои 2011-2013

Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» (ММТ) бо мақсади муайян намудани шакли имтиҳони хаттии ИМД ва таҳияи санадҳои меъёрӣ – дастури навиштани кори хаттӣ ва меъёри баҳо (холгузорӣ) ба кори хаттӣ, дар давоми солҳои 2011-2013 дар се давр озмоиши корҳои хаттиро гузаронд. Нахуст барои муқоиса аз 1-ум то 5-уми октябри соли 2012 навиштани диктант ва иншои мухтасар (эссе) дар байни хонандагони синфҳои 11-уми 17 муассисаи таълимии шаҳрҳои Душанбе, Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, Қайроққум ва ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Рӯдакӣ озмоиш карда шуд.

Пеш аз гузаронидани озмоиш моҳи июли соли 2011 гурӯҳи корӣ дар ҳайати 10 нафар *(иборат аз омӯзгорони МТМУ, устодони донишгоҳҳо ва мутахассисони МД ММТ)* таъсис дода шуд, ки диссертант низ дар ҳайат шомил гардид. Моҳи августи ҳамон сол барои гурӯҳи корӣ зери назари мушовирони байналмилалӣ семинар оид ба таҳия, озмоиш ва тарзи баҳо гузоштан ба корҳои хаттӣ гузаронида шуд.

Аъзои гурӯҳи корӣ барои озмоиш матни диктант ва мавзуъҳои иншои мухтасар (эссе), инчунин дастур оид ба навиштани иншои мухтасар ва меъёри баҳо ба корҳои хаттиро таҳия намуданд.

Меъёри баҳо ба диктант аз рӯйи он меъёрҳо ва талабот, ки дар «Барномаи таълими забони тоҷикӣ (барои синфҳои V-XI)» [26] дода шудааст, таҳия гардид.

Дар таҳияи меъёри баҳо (холгузорӣ) ба иншои мухтасар (ээсе) низ талаботи «Барномаи таълими забони тоҷикӣ (барои синфҳои V-XI)» [26] ва «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» [27]  ба назар гирифта шуд (ҷадвалҳои 2-4).

**Ҷадвали 2. Меъёри баҳо (холгузорӣ) ба иншои мухтасар (эссе)**

| № | Меъёр | Холи имконпазир | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 0 | 1 | 2 | 3 |
| 1. | Мувофиқати мазмун ба мавзуъ:<br>➢ *мутобиқати муҳокима ва хулосаҳо ба мавзуъ* | Мазмуни эссе ба мавзуъ мувофиқ нест. | Муҳокима ва хулосаи эссенавис ба мавзуъ наздик аст. | Муҳокима ва хулосаҳои эссенавис ба мавзуъ мувофиқ аст. | Муҳокима ва хулосаҳои эсенавис муфассалу пурра буда, муҳтавои мавзуъро фаро мегирад. |
| 2. | Далелҳои баён (далели адабӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳаётӣ):<br>➢ *истифодаи иқтибос аз асарҳои адабӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва мисолҳо аз ҳаёти шахсӣ* | Дар эссе муаллиф далелҳои қонеъкунанда наовардааст. Далелҳои овардаи муаллиф ба мавзуъ мувофиқ нест. | Муаллиф аз далелҳои адабию ҳаётӣ (як далел) истифода кардааст. | Муаллиф аз далелҳои адабию ҳаётӣ (на камтар аз ду далел) истифода кардааст. Далелҳои овардашуда ба мавзуъ мувофиқ аст. | Муаллиф аз далелҳои адабӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ хуб истифода намуда, андешаҳояшро бо иқтибосҳо тақвият додааст (бо зиёда аз ду-се иқтибос). |
| 3. | Тартиб ва мантиқи баён<br>➢ *риояи пайдарпайии фикр.* | Эссенавис фикрашро бо як низом баён карда наметавонад. | Эссенавис андешаҳояшро ҷо-ҷо бо як низоми муайян баён кардааст. | Эссенавис андешаҳояшро бо тартибу низоми муайян баён кардааст. | Эссенавис андешаҳояшро хеле хуб баён намудааст, мустақилона муҳокимаронӣ карда метавонад. |

**Ҷадвали 2. Меъёри баҳо (холгузорӣ) ба иншои мухтасар (эссе) (давомаш)**

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Хулоса<br>➢ *ҷамъбасти фикр ва хулосаи ниҳоии хонанда* | Дар эссе ҷамъбасти фикр дида намешавад. | Эссенавис дар ҷамъбасти фикраш душворӣ кашад ҳам, хулоса баровaрда метавонад. | Эссенавис аз муҳокимаҳои худ хулосаи дуруст баровaрда, фикрашро асоснок карда метавонад. | Эссенавис муҳокимаронию хулосабарории озодона дорад, фикрашро бо далелҳои хуб ҷамъбаст карда метавонад. |
| | Ҳаҷми эссе | Варақ холӣ ва ё эссе дар ҳаҷми зиёдтар аз ним саҳифа (камтар аз 100 калима) навишта шудааст. | Ҳаҷми эссе аз як саҳифа зиёдтар, дар ҳудуди то 150 калима аст. | Ҳаҷми эссе то яку ним саҳифа, дар ҳудуди то 250 калима аст. | Ҳаҷми эссе бештар аз якуним то ду саҳифа, аз 250 калима зиёдтар аст. |

**Ҷадвали 3. Баҳо (хол)-гузорӣ) аз рӯйи ҳаҷми кори хаттӣ (эссе)**

| **Меъёрҳо/ ғалатҳо** | **Холи имконпазир** | | | |
|---|---|---|---|---|
| Меъёри 1 | 0 | | | |
| Меъёри 2 | 0 | | | |
| Меъёри 3 | 0 | | | |
| Меъёри 4 | 0 | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Имло | 0 | 3 | 4 | 5 |
| Китобат | 0 | 2 | 3 | 4 |
| Услуб | 0 | 1 | 2 | 3 |
| **Ҳаҷми эссе** | **0-100 калима** | **101-150 калима** | **151-250 калима** | **> 251 калима** |
| | **0** | **1** | **2** | **3** |

**Ҷадвали 4. Баҳо (хол)-гузорӣ аз рӯйи миқдори ғалатҳо вобаста ба ҳаҷми кори хаттӣ (эссе)**

**Агар ҳаҷми эссе ба 1 баробар бошад:**

| **Холи имкон-пазир** | **Миқдори ғалатҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | ***имлоӣ*** | ***аломати китобат*** | ***услубӣ*** |
| **3** | 0-1 | | |
| **2** | 2-4 | 0-1 | |
| **1** | 5-7 | 2-4 | 0-1 |
| **0** | 8 .... | 5 .... | 2 ... |

**Агар ҳаҷми эссе ба 2 баробар бошад:**

| **Холи имкон-пазир** | **Миқдори ғалатҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | ***имлоӣ*** | ***аломати китобат*** | ***услубӣ*** |
| **4** | 0-1 | | |
| **3** | 2-4 | 0-1 | |
| **2** | 5-7 | 2-4 | 0-1 |
| **1** | 8-10 | 5-7 | 2-4 |
| **0** | 11 ... | 8 ... | 5 ... |

**Ҷадвали 4. Баҳо (хол)-гузорӣ аз рӯйи миқдори ғалатҳо вобаста ба ҳаҷми кори хаттӣ (эссе) (давомаш)**

**Агар ҳаҷми эссе ба 3 баробар бошад:**

| **Холи имкон-пазир** | **Миқдори ғалатҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | ***имлоӣ*** | ***аломати китобат*** | ***услубӣ*** |
| **5** | 0-1 | | |
| **4** | 2-4 | 0-1 | |
| **3** | 5-7 | 2-4 | 0-1 |
| **2** | 8-10 | 5-7 | 2-4 |
| **1** | 11-12 | 8-10 | 5-7 |
| **0** | 13…. | 11 …. | 8 .... |

Барои санҷишгарони корҳои хаттӣ (эссе) дастурамал низ таҳия карда шуд, ки он бахшҳои (1) тартиби санҷиш ва баҳо (хол)-гузорӣ ба корҳои хаттӣ (эссе) ва (2) тарзи ишора намудани ғалатҳо ва сабти он дар варақаи кори хаттиро дар бар мегирад.

1. **Тартиби санҷиш ва баҳо (хол)-гузорӣ ба корҳои хаттӣ (эссе)**

Кори хаттӣ (эссе) бо тартиби зерин санҷида ва баҳо (хол)-гузорӣ мешавад:

- варақаи тозанависи кори хаттӣ (эссе) аксбардорӣ шуда, нусхаи он дар хазинаи компютер нигоҳ дошта мешавад;
- нусхаи аслии кори хаттӣ (эссе) ба санҷишгарон супорида мешавад;
- ҳар санҷишгар дар катаки махсуси варақаи кори хаттӣ (эссе), ки месанҷад, рамзи худро менависад;
- ҳар кори хаттӣ аз ҷониби ду санҷишгари мустақил дар алоҳидагӣ санҷида мешавад;
- дар сурати фарқ намудани баҳо (хол)-и гузоштаи ду санҷишгар кор ба санҷишгари сеюм дода мешавад;
- ҳангоми санҷиши кори хаттӣ (эссе) ба мазмуну мундариҷа ва ҳаҷми эссе аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда баҳо (хол)-гузорӣ мешавад;

- ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ дар ҳошияи варақ бо аломатҳои шартии махсус ишора шуда, миқдори онҳо дар катаки ғалатҳо навишта мешавад;
- ба саводнокии хонанда аз рӯйи миқдори ғалатҳои содирнамудааш ба воситаи барномаи махсуси компютерӣ баҳо (хол)-гузорӣ мешавад.
- дар баҳо (хол)-гузорӣ ба миқдори ғалатҳо ҳаҷми эссеи навиштаи хонанда ба назар гирифта мешавад:

    1) агар эссеи навиштаи хонанда дар ҳаҷми камтар аз ним саҳифа (камтар аз 100 калима) навишта шуда бошад, ба он аз рӯйи ягон меъёр баҳо (хол) гузошта намешавад;
    2) агар ҳаҷми эссеи навиштаи хонанда аз рӯйи меъёр ба 1, 2 ва 3 баробар бошад, миқдори ғалатҳо низ мувофиқи ин меъёрҳо ба хол баргардонида мешавад.

- миқдори умумии холи бадастовардаи хонанда бо ҷамъи холҳои ҳар меъёр ҳисоб карда мешавад.

2. Тарзи ишора намудани ғалатҳо ва сабти он дар варақаи кори хаттӣ

Ғалатҳои содиршуда бо аломатҳои шартии зерин ишорат мешавад:

- ғалатҳои имлоӣ: дар зери калимаи ғалатнавишташуда як хатти рости кӯтоҳ кашида мешавад. Масалан: *милат, омузгор…* Ғалат дар ҳошияи варақ бо аломати шартии зайл ишорат мешавад: I;
- ғалатҳои аломати китобат: дар зери калимаи ғалатнавишташуда як хатти рости кӯтоҳ кашида мешавад. Масалан: *романи Дохунда; мо хонандагон; вақте, ки.* Ғалат дар ҳошияи варақ бо аломати шартии зайл ишорат мешавад: V;
- ғалатҳои услубӣ (грамматикӣ): дар зери ҷумлаҳое, ки услубан нодурустанд, хатти кӯтоҳи мавҷнок кашида, дар ҳошияи варақ бо аломати шартии зайл ишорат мешавад: ʃ.

Навиштани диктант. Дар озмоиши навиштани диктант аз рӯйи матни «Атри кафан» (иборат аз 200 калима) 5 муассисаи таълимии забони таҳсилаш тоҷикӣ (213 нафар хонанда), 6 муассисаи таълимии забони таҳсилаш русӣ (276 нафар хонанда) ва 6

муассисаи таълимии забони таҳсилаш ӯзбекӣ (228 нафар хонанда) интихоб гардид ва дар маҷмӯъ 717 нафар хонанда иштирок намуд [102].

Интихоби матни диктант, интихоби шумораи хонандагони дар озмоиш иштироknамуда ва меъёри санҷишу холгузорӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок аст. Вобаста ба озмоиши воситаҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон донишмандон бар ин назаранд, ки воситаҳои арзёбӣ пеш аз истифода дар таҳқиқоти асосӣ бояд аз озмоиш гузаронида шаванд. Яке аз талаботи муҳим, чунонки донишманди рус С.П. Мамай менависад, ин аст, ки ҳамаи иштирокчиёни озмоиш бояд як супоришро иҷро намоянд ва кори онҳо аз рӯйи меъёри ягонаи пешакӣ таҳияшуда санҷида шавад [69, с. 20]. Барои муайян намудани сифати воситаи арзёбӣ ва боэътимодии натиҷаҳо шумораи дар озмоиш иштироккунандаҳоро В.А. Векслер беш аз 30 нафар тавсия додааст [31, с. 29]. Аммо ба андешаи В.С. Аванесов барои дақиқ муайян намудани сифати воситаҳои арзёбӣ шумораи ҳар чи бештари хонандагон бояд дар озмоиши онҳо иштирок намоянд [163, с. 15].

Ин андешаҳо дар бораи тест, ки яке аз боэътимодтарин воситаҳои арзёбии дастовардҳои таълимии донишомӯзон ба ҳисоб меравад, гуфта шудааст. Вале ин нуқтаи назарҳоро метавон барои ҳама гуна воситаи арзёбӣ, аз ҷумла, диктант ҳам, ки яке аз шакл ва воситаҳои асосии санҷиши дониш доир ба имло ва аломатҳои китобат ба ҳисоб меравад, татбиқ намуд.

Матни интихобгардида барои диктант дорои 3 исми хос (*Темурмалик, Чиғатой, Консой)*; 3-то калима ва ибораи ташдиддор (*сирри Темурмалик, аммо, кисса)*; 29-то аломати китобат (*нуқта – 8, вергул – 19, хитоб – 1, баён – 1, нохунак – 1)*; 7-то калимаи мураккаб (*Темурмалик, пирмард, содадил, шаҳидшудагон, хунолуд, васиятнома, ватандӯст)* ва 1-то нутқи айнан нақлшуда *(«Эй он ки, мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!»)* буд.

Дар санҷиши диктант, асосан, ду навъи ғалат: *имлоӣ* ва *аломати китобат* ба назар гирифта шуд. Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки бештари хонандагон қоидаҳои имлои забони тоҷикиро дуруст намедонанд, бинобар ин дар навиштани калимаҳо ба ғалатҳои ҷиддӣ роҳ медиҳанд. Аз ҷумла, маълум гардид, ки 584 нафар хонанда (84,5%) дар навиштани диктант 8 ва бештар аз он ғалати имлоӣ дорад. Ҳамагӣ 8 нафар

(1,2%) диктантро бе ғалати имлоӣ навиштаанд, 10 нафар ба 1 (як) ғалат ва 7 нафар ба 2 (ду) ғалат роҳ додаанд. Бояд зикр намуд, ки ин нафарҳо, бо вуҷуди ин ки диктантро бе ғалат ва ё бо 1-4 ғалати имлоӣ навиштаанд, миқдори ғалатҳои аломати китобат дар диктанташон зиёд аст. Ба ин монанд нафароне, ки диктантро бе ғалати аломати китобат навиштаанд, ба ғалатҳои имлоӣ роҳ додаанд.

Бояд таъкид намуд, ки як қисми хонанадагон аз уҳдаи пурра навиштани диктант набаромаданд, аз ҷумла, хонандагони таҳсилашон ба забони тоҷикӣ 27 нафар, хонандагони таҳсилашон ба забони русӣ 57 нафар ва хонандагони таҳсилашон ба забони ӯзбекӣ  56 нафар (расми 1).




Расми 1. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи навиштани кори хаттӣ ё эссе**

Чунонки дар расми 1 дида мешавад, ҳиссаи хонандагоне, ки аз уҳдаи навиштани диктант набаромаданд, мутаносибан 12,68%, 20,65% ва 24,56%-и шумораи умумии хонандагони таҳсилашон бо ин забонҳо мебошад ва дар озмоиш иштирок карданд, ташкил медиҳад.

Пас аз санҷиш (ҳар як диктантро ду нафар омӯзгор санҷид) маълум гардид, ки натиҷаи нишондодаи хонандагон қонеъкунанда нест (расми 2).




Расми 2. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи баҳо ва забони таҳсил**

Чунонки аз натиҷа (расми 2) бармеояд, ҳиссаи хонандагони таҳсилашон бо забони тоҷикӣ, ки аз диктант баҳои «4» ва «5» гирифтаанд, ҳамагӣ 0,94% (2 нафар), хонандагони таҳсилашон бо забони русӣ 1,45% (4 нафар), хонандагони таҳсилашон бо забони ӯзбекӣ 1,75% (4 нафар)-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи хонандагоне, ки баҳои «3» гирифтаанд низ кам аст, аммо ҳиссаи онҳое, ки баҳои «2» гирифтаанд, мутаносибан аз рӯйи забони таҳсил (тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ) 94,84% (202 нафар), 97,10% (268 нафар) ва 97,37% (222 нафар) мебошад. Ин нишондод – хонандагоне, ки баҳои «2» гирифтаанд, 96,51% ё 692 нафар аз шумораи умумии хонандагони дар озмоиш иштирокнамуда аст.

Натиҷаи диктант аз он шаҳодат медиҳад, ки дар аксари МТМУ таълими забони тоҷикӣ (забони давлатӣ) дар ҳолати ташвишовар қарор дорад. Омӯзгорон ба хотири баҳо гирифтани шогирдон ё ба таври сунъӣ баланд намудани рейтинги муассисаи таълимӣ ҳангоми гирифтани корҳои хаттӣ қоида ва талаботи гирифтани диктантро риоя наменамоянд ё онҳоро намедонанд.

Дуруст аст, ки мувофиқи талабот (меъёр) омӯзгор бояд матнро возеҳу бурро хонад ва ба шогирдони сустхон алоҳида эътибор диҳад. Дар охир омӯзгор матнро такроран аз аввал то охир мехонад. Вале, чунонки аз пурсиши хонандагон дар аксари мактабҳои дар озмоиш иштирокнамуда, маълум гардид, қисми зиёди омӯзгорон дар вақти гирифтани диктант ба талабот (меъёр) риоя намекунанд. Он гуна ки хонандагон баён намуданд, омӯзгорон матни диктантро аз 3 то 5 маротиба қироат менамудаанд.

Аввал матнро пурра ва бори дуюм бениҳоят оҳиста – калима ба калима, бори сеюм ҳар як ҷумларо алоҳида мехонанд ва ҳатто бо ҷумлаҳои *«Фикри нав оғоз мешавад»*, *«Фикр тамом шуд»* шогирдонро аз оғоз ва анҷоми ҷумла огоҳ менамоянд. Ин амал сабаби бемасъулиятӣ ва бепарвоии шогирдон гардидааст. Аз ин ҷост, ки ҳангоми мувофиқи меъёр хондани матни диктант бархе аз шогирдон ё калимаҳоро пурра нанавиштанд ё навиштани диктантро то охир идома дода натавонистанд.

Навиштани иншои мухтасар (эссе). Озмоиши иншои мухтасар (эссе) дар се давр баргузор шуд. Дар ду даври аввал, ҳарчанд ки хонандагон дар мавзуъҳои пешниҳодгардида фикрашонро баён намуданд, натиҷаҳо қонеъкунанда набуд.

Дар даври аввал барои навиштани иншои мухтасар 2 мавзуъ интихоб шуд: «Саҳми ман дар рушди Тоҷикистон» ва «Вақт ғанимат аст».

Дар озмоиш аз 17 муассисаи таълимии таҳсилашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ 697 нафар хонанда иштирок намуд. Мувофиқи тартиби муайянгардида аз ду мавзуи пешниҳодшуда хонанда бояд як мавзуъро интихоб намуда, бо риояи имло ва асосҳои дастури забони тоҷикӣ, истифодаи калидвожаҳо, овардани далелҳои адабию таърихӣ ва аз ҳаёти шахсӣ фикрашро дар ҳудуди 300 калима баён менамуд.

Аз натиҷаи санҷиши иншои мухтасар бармеояд, ки аз ду мавзуи пешниҳодшуда 302 нафар хонанда мавзуи якум *(Саҳми ман дар рушди Тоҷикистон)* ва 344 нафар мавзуи дуюм *(Вақт ғанимат аст)*-ро интихоб намудаанд, аммо 41 нафар бинобар дарк накардани мавзуъҳои пешниҳодшуда чизе нанавиштаанд, 10 нафар ҳар ду мавзуъро ба ҳам омехта карда навиштаанд, ки чизе аз он фаҳмида намешавад.

Аз рӯйи чор меъёри баҳо (холгузорӣ) – мувофиқати мазмун ба мавзуъ: *истифодаи калидвожаҳо, мутобиқати муҳокима ва хулосаҳо ба мавзуъ* 24 нафар (3,44%), далелҳои баён: *истифодаи иқтибос аз асарҳои адабӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва аз ҳаёти шахсӣ* 21 нафар (3,01%), тартиб ва мантиқи баён: *риояи пайдарпайии фикр; шарҳи пурраи мавзуъ* 27 нафар (3,87%) ва хулоса: *ҷамъбасти фикр ва хулосаи ниҳоии хонанда* 34 нафар (4,88%) 3-холӣ гирифтанд, ки ин нишондиҳанда қонеъкунанда нест.

Илова бар холгузорӣ ба мазмуни иншо (эссе) чун диктант микдори ғалатҳо низ ба назар гирифта шуд. Аз ҷумла, имло ва аломатҳои китобат (*ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат),* луғат, грамматика ва услуб (*истифодаи бамавриди калимаҳо; истифодаи калимаҳои адабӣ; истифода аз малакаҳои дастури забон; риоя аз*

*имкониятҳои услубии забон)*. Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки бештари хонандагон қоидаҳои имлои забони тоҷикиро дуруст намедонанд, бинобар ин дар навиштани калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳо ба ғалатҳои ҷиддӣ роҳ медиҳанд. Тақсимоти хонандагон аз рӯйи шумораи ғалати имлоӣ дар расми 3 дода шудааст.




Расми 3. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи шумораи ғалати имлоӣ**

Чунонки дар расми 3 дида мешавад, 477 нафар хонанда (68,4%) дар навиштани иншо (эссе) ба 8 ва бештар аз он ва 103 нафар (14,78%) ба 5-7 ғалати имлоӣ роҳ додааст. Ҳамагӣ 63 нафар (9, 04%) иншо (эссе)-ро бе ғалати имлоӣ, 7 нафар (1%) бо 1 ғалат, 15 нафар (2,215%) бо 2 ғалат, 11 нафар (1,58%) бо 3 ғалат ва 21 нафар (3,01%) бо 4 ғалат навиштаанд. Аз ин шумора ҳамагӣ ба иншои навиштаи 117 нафар ё 16,8%-и хонандагони дар озмоиш иштирокнамуда мувофиқи меъёри муқарраргардидаи баҳогузорӣ метавон аз 1 то 3 хол гузошт.

Миқдори хонандагоне, ки ба ғалатҳои аломати китобат ва услубӣ роҳ додаанд, низ зиёд аст. Ҳиссаи онҳое, ки беш аз 8 ғалати аломати китобат ва беш аз 8 ғалати услубӣ содир намудаанд, мутаносибан 42,18% (294 нафар) ва 41,89% (292 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Дар даври дуюми озмоиш, ки аз 3-юм то 8-уми декабри соли 2012 дар байни хонандагони синфи 11-уми МТМУ-и шаҳри Душанбе, ШНТҶ – Ваҳдат, Варзоб, Файзобод, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон – Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ҷалолиддини Румӣ, Данғара, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд – Хуҷанд, Ҷаббор Расулов ва Исфара

гузаронида шуд, ки 904 нафар хонандаи таҳсилашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ иштирок намуданд [102, 122].

Дар ин даври озмоиш низ талабот ва меъёрҳои барои даври якум таҳиягардида истифода шуданд. Тартиби навиштани кори хаттӣ аз рӯйи дастури таҳияшуда ба хонандагон фаҳмонида шуд. Аз рӯйи талабот аз се мавзуи пешниҳодгардида хонанда бояд як мавзуъро интихоб намуда, дар доираи ин мавзуъ мувофиқи меъёрҳои муайян дар ҳудуди 300 калима андешаашро менавишт.

Аз таҳлили натиҷаҳо бармеояд, ки натиҷаи даври дуюми озмоиш аз натиҷаи даври якум нисбатан хубтар аст. Зеро ҳам хонандагони тоҷикзабон ва ҳам хонандагоне, ки ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ таҳсил менамоянд, қоидаҳои навиштро то ҳадде риоя намуда, тавонистанд, аз 5 то 8 хол бигиранд (расми 4).




Расми 4. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол барои қоидаҳои навишти эссе**

Аз маълумоти расми 3 бармеояд, ки аз рӯйи се меъёри қоидаҳои навишт (риояи имло, аломатҳои китобат ва услуби баён) хонандагони забони таҳсилашон тоҷикӣ аз 12 холи имконпазир ба ҳисоби миёна 8 хол, хонандагони забони таҳсилашон русӣ 6 хол ва хонандагони забони таҳсилашон ӯзбекӣ ва қирғизӣ қариб 5 хол гирифтаанд.

Аз рӯйи чор меъёри мазмуну мундариҷа – мувофиқати мазмун ба мавзуъ, далелҳои баён, тартибу мантиқи баён ва хулоса натиҷаи бадастовардаи хонандагони таҳсилашон бо забони тоҷикӣ нисбат ба хонандагони таҳсилашон бо забони русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ беҳтар аст (расми 5).




Расми 5. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол барои мазмун ва мундариҷаи эссе**

Тавре ки аз натиҷаҳо (расми 3) бармеояд, аз 3 холи ҳадди аксари барои ҳар меъёр муайянгардида, холи миёнаи хонандагони таҳсилашон бо забони тоҷикӣ аз рӯйи се меъёри аввал – мувофиқати мазмун ба мавзуъ, далелҳои баён, тартибу мантиқи баён аз 1,1 то 1,6 холро ташикл медиҳад. Холи миёнаи хонандагони таҳсилашон бо забони русӣ танҳо аз рӯйи меъёри якум – мувофиқати мазмун ба мавзуъ аз 1 хол зиёдтар аст. Аз рӯйи дигар меъёрҳо, чун хонандагони таҳсилашон бо забонҳои ӯзбекӣ ва қирғизӣ, аз 1 хол камтар аст.

Чунонки дида мешавад, аз рӯйи меъёри чорум – хулоса холи миёнаи ҳамаи гурӯҳи хонандагон камтар аз 1 хол аст. Ин нишондод аз он дарак медиҳад, ки дар иншо (эссе)-и навиштаи хонандагон ҷамъбасти фикр дида намешавад. Хонандагон дар ҷамъбасти фикрашон душворӣ мекашанд, ба тавре ки мебояд, хулоса бароварда наметавонад.

Аз рӯйи натиҷаҳо маълум гардид, ки ҳамаи гурӯҳи хонандагон меъёри ҳаҷм (меъёри 5)-ро то андозае риоя намудаанд (расми 6).




Расми 6. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи ҳаҷми эссе**

Чунонки дар расми 6 дида мешавад, ҳаҷми иншо (эссе)-и навиштаи хонандагони таҳсилашон бо забони тоҷикӣ ба ҳисоби миёна 3 аст, яъне аз 250 калима зиёдтар, аз 1,5 то 2 саҳифаро ташкил медиҳад. Ҳаҷми эссеи навиштаи хонандагони таҳсилашон бо забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ то якуним саҳифа, дар ҳудуди то 250 калима аст.

Дар даври сеюми озмоиш – навиштани иншои мухтасар (эссе), ки моҳи июни соли 2013 баргузор гардид, 3 811 нафар хонанда иштирок намуд. Аз ин шумора 3 122 нафарро хонандагони забони таҳсилашон тоҷикӣ, 386 нафарро хонандагони забони таҳсилашон русӣ ва 303 нафарро хонандагони забони таҳсилашон ӯзбекӣ ташкил дод [103; 122; 123]

Мувофиқи тартиби муайяншуда барои ҳар гурӯҳи ихтисосҳо 1-вариантӣ кори хаттӣ пешниҳод гардид, ки ҳар вариант се мавзуъро дар бар мегирад. Ин ҷо як нуктаро бояд таъкид намоем, ки дар низоми ИМД ҳамаи ихтисосҳо мувофиқи ба ҳам монанд ва наздик будани фанҳои имтиҳон дар 5 гурӯҳи ихтисосҳо муттаҳид карда шудаанд: 1) табиӣ ва техникӣ, 2) иқтисод ва география, 3) филология, педагогика ва санъат, 4) ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ, 5) тиб, биология ва варзиш

Тарзи навиштан ва санҷишу баҳо (хол)-гузорӣ ба иншои мухтасар (эссе) дар ин даври озмоиш низ дар асоси дастур оид ба навиштани иншои мухтасар ва меъёри баҳо ба корҳои хаттӣ, ки дар ду даври аввали озмоиш истифода шуда буд, ба роҳ монда шуд. Дар раванди озмоиш ҳамаи талабот ба назар гирифта шуд.

Таҳлилҳо нишон дод, ки хонандагон, новобаста аз забони таҳсил, тавонистаанд, ки дар доираи мавзуъҳои пешниҳодшуда андешаҳояшонро нависанд.

Бояд зикр намуд, ки барои навиштани иншои мухтасар, мувофиқи талабот, миқдори калима (ҳаҷм) хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Вобаста ба ин ҳаҷми иншо ба 4

тақсим карда шуд. Таносуби ҳиссаи хонандагон вобаста ба ҳаҷми иншои навиштаашон дар расми 7 дода шудааст.




Расми 7. **Таносуби ҳиссаи хонандагон аз рӯйи ҳаҷми иншо**

Чунонки дида мешавад (расми 7), 51%-и хонандагони таҳсилашон бо забони ӯзбекӣ, 62,8%-и хонандагони таҳсилашон бо забони русӣ ва 82,7%-и хонандагони таҳсилашон бо забони тоҷикӣ тавонистаанд, дар ҳаҷми 151 то 250 ва бештар аз 251 калима иншои мухтасар нависанд, ки ин нишондиҳандаи хуб аст. Вале, ба ҳар сурат, ҳиссаи хонандагони таҳсилашон бо забони тоҷикӣ, ки дар ҳаҷми 3 ва 4 навиштаанд, нисбат ба хонандагони таҳсилашон бо забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ бештар аст.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки масъалаи ташвишовар ҳангоми навиштани кори хаттӣ ба ғалати бисёр роҳ додани хонандагон аст. Ҳиссаи хеле ками хонандагон тавонистаанд, ки кори хаттиро беғалат ва ё бо шумораи камтари ғалатҳо нависанд.

Дар расмҳои 8-10 таносуби ҳиссаи хонандагон аз рӯйи холи гирифтаашон вобаста ба шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ дода шудааст.




Расми 8. **Таносуби чандомад ва ҳиссаи хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумораи ғалатҳои имлоӣ**

Аз нишондодҳои расми 8 бармеояд, ки як қисми хонандагон дар 2 саҳифаи навиштаашон аз 20 то 40 ғалати имлоӣ кардаанд, вале дар иншои навиштаи бештари хонандагон аз 1 то 10 ғалат дида мешавад. Вобаста ба ин аст, ки 31,86%-и хонандагон аз рӯйи ин талабот хол нагирифтаанд. Аз 1 то 3 холро мутаносибан 8,87%, 15,74% ва 17,27%-и иштрокчиён ва 4-5 холи баландтаринро 17,11% ва 9,13% -и хонандагон ба даст овардаанд.




Расми 9. **Таносуби чандомад ва ҳиссаи хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумораи ғалатҳои китобат**

Аз рӯйи талаботи дуюм – бе ғалати китобат навиштан низ, чунонки дар расми 9 дида мешавад, то 10 ва зиёда аз он ғалат доранд. Ҳатто дида мешавад, як қисми хонандагон ба бештар аз 20, то ба 30 ғалат роҳ додаанд. Аз ин ҷост, ки 27,07%-и хонандагон аз рӯйи ин меъёр ягон хол нагирифтаанд. 3-4 холи бештаринро мутаносибан 20,04% ва 10,53 %-и иштирокчиёни озмоиш ба даст овардаанд. 17,94% соҳиби 1 хол ва 23,79% соҳиби 2 хол гардидаанд.




Расми 10. **Таносуби чандомад ва ҳиссаи хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумораи ғалатҳои услубӣ**

Аз нишондодҳои расми 10 бармеояд, ки ҳиссаи хонандагони ба ғалатҳои услубӣ роҳдода камтар аст, бинобар ин аз рӯйи ин меъёр 1 холро 17,75%, 2 холро 41,47% ва 3 холи бештаринро 30,12% гирифтаанд. 10,66% бинобар зиёд будани ғалатҳояшон аз рӯйи меъёр 8 ва зиёда аз он ғалат, ягон хол нагирифтаанд.

Азбаски шумора (ҳисса)-и бештари хонандагони дар озмоиш иштироккнамуда бинобар пурғалат навиштани кори хаттӣ (аз рӯйи ғалатҳои имлоӣ, аломатҳои китобат ва услубӣ) хол нагирифтанд ва ё 1-2 хол гирифтанд (расмҳои 8-10), бо пешниҳоди мушовирони байналмилалӣ аъзои гурӯҳи корӣ ба ин натиҷа расиданд, ки дар имтиҳони кори хаттии соли 2014 ба меъёри холгузорӣ вобаста ба саводнокӣ дигаргунӣ ворид карда шуд. Ин дигаргунӣ дар меъёри холгузорӣ дар **расмҳои 11-15** ба таври возеҳ нишон дода шудааст.




Расми 11. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумори ғалатҳои имлоӣ (дар давраи озмоиш)**

Чунонки дар расми 11 дида мешавад, аз рӯйи меъёрӣ холгузорӣ (ҷадвали 4), агар ҳаҷми иншо (эссе) ба 3 баробар бошад, яъне аз 251 калима зиёд бошад, барои 1 ғалати имлоӣ 5 хол, 2-4 ғалат 4 хол, 5-7 ғалат 3 хол, 8-10 ғалат 2 хол, 11-12 ғалат 1 хол дода мешавад. Агар шумораи ғалатҳо 13 ва аз он зиёд бошад, хол дода намешавад. Аммо пас аз ворид намудани тағйирот ба ин меъёр расми 11 низ тағйир меёбад ва дар чунин шакл тасвир карда мешавад (расми 12):




Расми 12. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумори ғалатҳои имлоӣ (пас аз тағйирот)**

Мувофиқи расми 12 агар ҳаҷми иншо (эссе) ба 3 баробар бошад, барои 1-2 ғалати имлоӣ 5 хол, 3-5 ғалат 4 хол, 6-9 ғалат 3 хол, 10-12 ғалат 2 хол, 13-15 ғалат 1 хол дода мешавад. Агар шумораи ғалатҳо аз 16-то зиёд бошад, хол дода намешавад.




Расми 13. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумораи ғалатҳои китобат (дар давраи озмоиш)**

Мувофиқи расми 13 аз рӯйи меъёрӣ холгузорӣ (ҷадвали 4), агар ҳаҷми иншо (эссе) ба 3 баробар бошад, барои 1 ғалати аломати китобат 4 хол, 2-4 ғалат 3 хол, 5-7 ғалат 2 хол, 8-10 ғалат 1 хол дода мешавад. Агар шумораи ғалатҳо 11 ва аз он зиёд бошад, хол дода намешавад. Аммо пас аз ворид намудани тағйирот ба ин меъёр расми 13 дар чунин шакл тасвир карда мешавад (расми 14):




Расми 14. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумораи ғалатҳои китобат (пас аз тағйирот)**

Мувофиқи расми 14 агар ҳаҷми иншо (эссе) ба 3 баробар бошад, барои 1-2 ғалати аломати китобат 4 хол, 3-5 ғалат 3 хол, 6-9 ғалат 2 хол, 10-12 ғалат 1 хол дода мешавад. Агар шумораи ғалатҳо 13-то ва аз ин зиёд бошад, хол дода намешавад.

Аммо меъёри холгузорӣ аз рӯйи ғалатҳои услубӣ бетағйир гузошта шуд (расми 15).




Расми 15. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол вобаста ба шумори ғалатҳои услубӣ**

Мувофиқи нишондоди расми 15 ба саводи хонанда барои 1 ғалати услубӣ 3 хол, барои 2-4 ғалат 2 хол, барои 5-7 ғалат 1 хол дода мешавад. Барои роҳ додан ба 8-то ва аз ин бештар ғалат хол дода намешавад.

Чунонки аз мушоҳидаҳо дар рафти озмоишҳо (навиштани диктант ва иншои мухтасар – эссе) ва аз натиҷаи санҷиши корҳои хаттӣ бармеояд, дараҷаи дониши хонандагон аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ (луғат, савтиёт, сарфу наҳв)

қонеъкунанда нест. Хонандагон ба ғалатҳои имлоӣ, аломатҳои китобат ва услубӣ зиёд роҳ медиҳанд, калимаю ифодаҳои гуфтугӯйиро бемаврид истифода мекунанд. Азбаски хонандагон асари бадеӣ кам мехонанд ва ё умуман намехонанд, дар иборасозӣ, ҷумлабандӣ ва муҳокимаю хулосабарорӣ, овардани далелҳо – иқтибос аз асарҳои адабӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар бой набудани таркиби луғавиашон ва ё надонистани маънои бисёр вожаҳои серистеъмоли тоҷикӣ, ба ғалатҳои имлоию услубӣ роҳ медиҳанд. Баъзе ҷумлаҳо услубан хароб буда, ҳатто дар онҳо мувофиқати мубтадо ба хабар дида намешавад.

Натиҷаи озмоиши диктант нишон дод, ки нутқи хаттӣ (навишторӣ)-и хонандагони МТМУ-и кишвар хеле бад аст. Хонандагоне, ки дониши хуби забонӣ доранд, ангуштшуморанд. Чун бештари хонандагон қоидаҳои имлои забони тоҷикиро дуруст намедонанд, дар навиштани калимаҳо (аз ҷумла, калимаҳои серистеъмоле ба монанди *Хуҷанд, хуҷандиён, Темурмалик, зиёдтар, васиятнома* ва ғ.) ба ғалатҳои ҷиддӣ роҳ медиҳанд. Чанде аз хонандагон, ҳатто калимаҳоеро, ки ҳангоми навиштани диктант (ҳамчун калимаҳои душвор) дар тахтаи синф навишта шуданд (ба монанди *тазъиқ* ва *маъмурон*), ғалат навиштаанд.

Азбаски дар ИМД аз принсипҳои асосӣ таъмини дастрасии баробар ва шаффофияти раванди имтиҳон ва арзёбии натиҷаҳо дониста мешавад, ба чанд далел диктант ҳамчун шакли имтиҳони хаттӣ пазируфта нашуд, вале навиштани иншои мухтасар (эссе) пазируфта шуд [102]:

1. Айни замон дар ҳеҷ кишвари ҷаҳон диктант ҳамчун воситаи баҳогузории одилона ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон дар имтиҳонҳои дохилшавӣ пазируфта нест.

2. Дар навиштани диктант, ҳамзамон, дар якчанд синфхонаи имтиҳонӣ меъёри ягонаи қироати матн риоя намешавад. Дар як синфхона омӯзгори диктантгиранда матнро оҳиста-оҳиста, калима ба калима мехонад ва ҳамаи довталабон диктантро хуб менависанд, аммо дар синфхонаи дигар омӯзгор талаботи қироати матнро риоя мекунад, ки бештари имтиҳонсупорандагон (чунонки дар озмоиш дида шуд) диктантро навишта наметавонанд. Ин тарзи қабули имтиҳон мухолифи принсипҳои дастрасии баробар (фароҳам овардани шароити якхела барои ҳамаи довталабон) ва арзёбии одилонаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аст.

3. Дар матни интихобмешудаи диктант мумкин аст, ки калимаҳои мураккаб, чун *“мушкилосонкункасон”, “гӯйзанах”, “мӯймиён”* ва калимаҳои дигаре ба монанди “*тазъиқ*” ва “*маъмурон*” (чун дар озмоиш) вуҷуд дошта бошанд, ки довталаби русзабон ё ӯзбекзабон ин калимаҳоро бори аввал мешунавад. Дар сурати мавҷуд будани чунин калимаҳо дар матни диктант довталабон дар як синфхонаи имтиҳонӣ ҳатман ба ғалатҳо роҳ медиҳанд, аммо дар дигар сифхонаи имтиҳонӣ, ки матни диктант чунин калимаҳоро надорад, довталабон беғалат менависанд. Дар ин маврид низ принсипҳои дастрасии баробар ва арзёбии одилонаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон риоя намегарданд.

4. Дар навиштани иншои мухтасар (эссе) ба довталаб имкон дода мешавад, ки фикрашро доир ба мавзуи пешниҳодшуда, бо истифода аз калима ва ибораҳои медонистааш, кӯтоҳ ва дуруст баён намояд.

5. Яке аз вижагиҳои эссе дорои ҳаҷми калон набудани он аст. Азбаски вақт барои коркард ва натиҷагирии корҳои довталабон дар низоми ИМД маҳдуд аст, интихоби чунин кори хаттии мухтасар ҳамчун имтиҳони хаттӣ ба мақсад мувофиқтар мебошад.

## 2.3. Озмоиши абзор ва тартиби навиштани кори хаттӣ (эссе) дар солҳои 2016-2017

1-уми сентябри соли 2015 ҳангоми сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён доштанд, ки аз соли 2018-ум кори хаттӣ аз забони тоҷикӣ дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ҷорӣ карда мешавад. Вобаста ба ин Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳоро таҳия кард.

Мувофиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба ворид кардани кори хаттӣ (эссе) ба низоми ИМД соли 2016 меъёри холгузорӣ ба эссе [104] ва соли 2017 ҳамаи масъалаҳои марбут ба имтиҳони кори хаттӣ озмуда шуд [105]. Дар ин замина меъёри холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе), ки соли 2012 таҳия ва соли 2013 ба он тағйирот ворид карда шуда буд, бозбинӣ ва такмил дода шуд [89, с. 19-20, 104; 105].

Дар давоми солҳои 2016 ва 2017 масъалаҳои зерини марбут ба кори хаттӣ (эссе) мавриди озмоиш ва арзёбӣ қарор дода шуданд:

1) коршоямии меъёри холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе);

2) дуруст ба роҳ мондани масъалаи омода намудани омӯзгороне, ки ба санҷиши кори хаттӣ (эссе) ҷалб мешаванд;

3) бо шумораи камтари санҷишгарон ба роҳ мондани санҷиш ва назорати раванди санҷиш (таъмини бехатарӣ ҳангоми интиқоли мавод аз ММТНПҶТ ба марказҳои санҷиш ва аз он ҷо ба ММТНПҶТ);

4) ташкили марказҳои санҷиши кори хаттӣ (эссе) ва тартиби ба роҳ мондани кор дар он марказҳо;

5) сари вақт ворид намудани маълумот ва таҳлилу натиҷагирӣ тавассути технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ ва ба довталабон дастрас намудани натиҷаҳои имтиҳон.

Барои омода намудани хонандагон ба озмоиши кори хаттӣ (эссе) ба ҳар муассисаи таълимии интихобшуда дар шаҳру ноҳияҳо китобчаи «Тавсияҳо оид ба навиштани кори хаттӣ (эссе)» [89], ки дар он тарзи навиштан ва санҷишу холгузорӣ ба ин шакли кори хаттӣ нишон дода шудааст, дастрас гардид.

Соли 2016 аз муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ 916 нафар хонанда дар озмоиш иштирок намуд [104]. Шумора ва ҳиссаи иштирокдорон аз ҳар шаҳр ва ноҳия дар расми 16 нишон дода шудааст.




Расми 16. **Иштирокчиёни озмоиш аз рӯйи шумора ва дар таносуби фоиз**

Барои иштирок дар озмоиши соли 2017 аз 33 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 10 162 нафар хонанда номнавис шуда буд. Дар навиштани кори хаттӣ (эссе) 8 571 нафар хонанда иштирок намуд, ки ин 84,34%-и шумораи умумии номнависшудагонро

ташкил медиҳад [105]. Аз шумораи иштирокдорон забони таҳсили 8 278 нафар (96,58%) тоҷикӣ, 178 нафар (2,08%) русӣ ва 115 нафар (1,34%) ӯзбекӣ аст (расми 17).




Расми 17. **Шумораи иштирокдорон аз рӯйи забони таҳсил**

Барои мувофиқа аз 20 то 45 номгӯйи мавзуи кори хаттӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Аз байни мавзуъҳои пешниҳодшуда се мавзуъ барои озмоиш интихоб карда шуд, аз ҷумла, дар озмоиши соли 2016 мавзуъҳои:

– Забони ман – дӯсти ман, забони ман – душмани ман;

– Нақши устод дар ҳаёти ман;

– Дӯстӣ қувваи бузург аст;

ва дар соли 2017 мавзуъҳои

– Ба қадри вақт бирасем;

– Оё дурӯғ гуфтан мумкин аст?

– Ҷавонон ва техникаву технологияи муосир.

Интихоби мавзуъҳо аз тарафи иштирокдорони озмоиши солҳои 2016 ва 2017 дар расми 18 дода шудааст.




Расми 18. **Интихоби мавзуъ аз рӯйи таносуби фоиз**

Яке аз талаботи асосӣ дар навиштани кори хаттӣ (эссе) дар ҳаҷми муайян навиштани эссе буд. Ҳаҷми эссе аз рӯйи мавзуъ ва талабот, инчунин вобаста ба вақти муайяншуда (90 дақиқа) 2 саҳифаи варақи андозааш А4 (21x29,7 см) муайян гардид [89, с. 13]. Аз рӯйи меъёр ҳаҷми эссе ба чор бахш тақсим ва дар ҳошияи варақаи кори хаттӣ шартан бо рақамҳои 0, 1, 2 ва 3 аломатгузорӣ шуд. Яъне, 0 (сифр), ҳаҷми эссе – ним саҳифа (то 100 калима), 1 (як) – ҳаҷми эссе каме зиёдтар аз як саҳифа (101-150 калима), 2 (ду) – ҳаҷми эссе дую  ним саҳифа (151-250 калима) ва 3 (се) ҳаҷми эссе ду саҳифа (беш аз 250 калима)-ро ташкил медиҳад (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Нишондоди ҳаҷми кори хаттӣ (эссе) дар озмоиши соли 2016**

| | **0** | **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳаҷми эссе** | 0-100 калима | 101-150 калима | 151-250 калима | беш аз 250 калима |

Ин нишондодҳо дар озмоиши соли 2017 такмил дода шуд, яъне ҳаҷм на аз рӯйи шумораи калима, балки аз рӯйи саҳифа муайян карда мешавад: 0 (сифр), агар варақ холӣ ва ё эссе дар ҳаҷми камтар аз ним саҳифа, 1 (як) – эссе аз як саҳифа каме зиёдтар, 2 (ду) – ҳаҷми эссе то яку ним саҳифа ва 3 (се) ҳаҷми эссе бештар аз якуним то ду саҳифа бошад (ҷадвали 6). Ин аломатгузории шартӣ бо рақамҳои 0, 1, 2 ва 3 дар ҳошияи варақаи кори хаттӣ нишон дода шуд (замимаи 1).

**Ҷадвали 6. Нишондоди ҳаҷми кори хаттӣ (эссе) дар озмоиши соли 2017**

| **Ҳаҷми эссе** | **0** | **1** | **2** | **3** |
|---|---|---|---|---|
| | Варақ холӣ ва ё эссе дар ҳаҷми камтар аз ним саҳифа аст (то аломатгузории 0). | Эссе аз як саҳифа каме зиёдтар аст (аз аломатгузории 0 то 1). | Эссе то якуним саҳифа аст (аз аломатгузории 1 то 2). | Эссе бештар аз якуним то ду саҳифа аст (аз аломатгузории 2 то 3). |

Дар расми 19 тақсимоти хонандагон аз рӯйи ҳаҷми кори хаттӣ (эссе)-и навиштаашон нишон дода шудааст.




Расми 19. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи ҳаҷми кори хаттӣ (эссе)**

Он гуна ки аз таҳлил ва натиҷагирӣ (расми 19) бармеояд, эссеи навиштаи бештари иштирокчиёни озмоиши соли 2016 дар ҳудуди ҳаҷми 3 (42,03%) ва ҳаҷми 2 (37,01%) аст, вале дар озмоиши соли 2017 ҳиссаи хонандагони дар ин ҳаҷм эссенавишта мутаносибан 25,52% ва 28,79%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи иштирокдорони озмоиш, ки дар ҳудуди ҳаҷми 1 эссе навиштаанд, дар соли 2016 ба 18,34% ва дар соли 2017 ба 29,70% баробар аст. Дар озмоиши соли 2016-ум 2,62% (24 нафар) ва дар соли 2017-ум 15,98% (1370 нафар)-и иштирокчиён варақаро холӣ супоридаанд ё дар ҳудуди ним саҳифа навиштаанд ва ё дар мавзуи дигар (ғайр аз мавзуъҳои пешниҳодшуда) иншо навиштаанд, ки аз рӯйи талаботи муқарраршуда кори онҳо санҷида нашуд ва аз рӯйи ягон меъёр холгузорӣ нагардид.

Корҳои хаттӣ (эссе)-и иштирокдорони озмоишҳо мувофиқи муайянгардида аз рӯйи 2 меъёри асосӣ санҷида ва холгузорӣ шуд: мазмуну мундариҷа ва беғалат навиштан (саводнокӣ).

Мувофиқи «Ҷадвали меъёри холгузорӣ ба мазмуну мундариҷаи кори хаттӣ (эссе)» [89, с. 19] ба эссеи навиштаи иштирокдорони озмоишҳо, агар пурра ба талабот мувофиқ (ҳам аз рӯйи ҳаҷм ва ҳам аз рӯйи чор меъёр: мувофиқати мазмун ба мавзуъ, далелҳои баён, тартибу мантиқи баён ва хулоса) ва беғалат бошад, зиёдаш **24 хол** дода мешавад (12 хол барои мазмуну мундариҷа ва 12 хол барои беғалат навиштан). Дар навбати худ 12 холи ба мазмуну мундариҷаи эссе пешбинишуда ба 4 меъёр ё талаботи муқаррааргардида 3-холӣ тақсимбандӣ шудааст.

Таҳлили натиҷаҳо нишон дод, ки бештари хонандагон дар навиштани кори хаттӣ на ба ҳамаи талабот риоя намудаанд. Ҳиссаи бештари хонандагон дар озмоиши соли 2016 (расми 20) аз рӯйи ҳамаи меъёрҳои мазмун ва мундариҷа 1 ё 2 хол гирифтаанд. Ҳиссаи онҳое, ки 3 хол гирифтаанд, хеле кам аст. Ҳатто дида мешавад, ки 7,86%-и хонандагон аз рӯйи талаботи якум – мувофиқати мазмун ба мавзуъ 12,88%, аз рӯйи талаботи дуюм – тартиб ва мантиқи баён 10,04%, аз рӯйи талаботи сеюм – далелҳои баён ва 41,16%, аз рӯйи талаботи чорум – хулоса ягон хол нагирифтаанд.




Расми 20. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи холи гирифтаашон оид ба мазмун ва мундариҷаи эссе**

Дар озмоиши соли 2017 ин нишондиҳандаҳо фарқ мекунанд (расми 21).




Расми 21. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи гирифтани хол оид ба мазмун ва мундаричаи эссе**

Чунонки аз нишондодҳои расми 21 бармеояд, ҳиссаи хонандагоне, ки аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо хол нагирифтаанд, зиёд аст. Аз рӯйи холгузорӣ ба меъёри чорум метавон ба чунин натиҷа расид, ки қисми зиёди хонандагон (37,46%) ҳангоми навиштани иншо (эссе) фикрашонро хулоса карда натавонистаанд ва ё дар ҷамъбасти фикр душворӣ кашидаанд.

Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи меъёри сеюм низ нишон медиҳад, ки бештари хонандагон ҳангоми навиштани эссе ба тартиб ва мантиқи баён диққат надодаанд. Дар навиштани эссе тартиб ва пайдарҳамии фикр риоя нашудааст, ҷумлаҳо мантиқан харобанд. Бинобар ин аз рӯйи ин меъёр ба иншо (эссе)-и навиштаи 42,29%-и иштирокдорон 1 хол гузошта шудааст. 22,24%-и хонандагон аз рӯйи ин меъёр хол нагирифтаанд.

Аз рӯйи 4 меъёри холгузорӣ ба мазмун ва мундариҷа натиҷаҳо ҳам дар озмоиши соли 2016 ва ҳам дар озмоиши соли 2017 қонеъкунанда нестанд. Дар озмоиши соли 2016 ҳиссаи бештари хонандагон – 75,11% (688 нафар) аз 50%-и холи имконпазири ҳадди аксар ё шумораи имконпазири бештарини холҳо (ШИБХ)-и ин меъёр (12 хол) камтар хол гирифтаанд (ҷадвали 7 ва расми 22).

**Ҷадвали 7. Тақсимоти хонандагон аз рӯйи холи гирифтаашон оид ба мазмун ва мундариҷаи эссе**

| **Хол** | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Чандомад** | 44 | 14 | 57 | 131 | 193 | 125 | 124 | 96 | 61 | 35 | 16 | 16 | 4 |
| **Фоиз** | 4,80 | 1,53 | 6,22 | 14,30 | 21,07 | 13,65 | 13,54 | 10,48 | 6,66 | 3,82 | 1,75 | 1,75 | 0,44 |
| | 75,11 | | | | | | | 24,89 | | | | | |




Расми 22. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи холи гирифтаашон оид ба мазмун ва мундарича**

Аз маълумоти ҷадвали 7 бармеояд, ки аз 7 то 12 хол (>50%-и ШИБХ-и ин меъёр (12 хол))-ро ҳамагӣ 24,89% (228 нафар) соҳиб шудаанд. Дар расми 22 дида мешавад, ки ҳиссаи бештари хонандагон дар ҳудуди холҳои 3-7 қарор доранд. Холи миёнаи иштирокдорони озмоиш аз рӯйи ин меъёр 4,94-ро ташкил дод, ки 41,17%-и ШИБХ-и ин меъёр аст.

Дар озмоиши соли 2017 низ ҳиссаи бештари хонандагон (75,60% ё 6480 нафар) аз 50%-и ШИБХ-и ин меъёр (12 хол) камтар хол гирифтаанд (ҷадвали 8 ва расми 23).

**Ҷадвали 8. Тақсимоти хонандагон аз рӯйи холи гирифтаашон оид ба мазмун ва мундарицаи эссе**

| **Хол** | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Чандомад** | 1479 | 222 | 554 | 1002 | 1394 | 935 | 894 | 835 | 662 | 227 | 169 | 89 | 109 |
| **Фоиз** | 17,26 | 2,59 | 6,46 | 11,69 | 16,26 | 10,91 | 10,43 | 9,74 | 7,72 | 2,65 | 1,97 | 1,04 | 1,27 |
| | 75,60 | | | | | | | 24,40 | | | | | |




Расми 23. **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи холи гирифтаашон оид ба мазмун ва мундаричаи эссе**

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 8 аз 7 то 12 хол (>50%-и ШИБХ-и ин меъёр (12 хол))-ро ҳамагӣ 24,40%-и хонандагон (2091 нафар) соҳиб шудаанд. Ва чунонки дар расми 23 дида мешавад, ҳиссаи бештари иштирокчиён дар ҳудуди 0 (сифр) ва холҳои 3-8 қарор доранд. Холи миёнаи иштрокчиёни озмоиш аз рӯйи ин меъёр 4,33 аст, ки 36,08%-и ШИБХ-и ин меъёрро ташкил медиҳад.

Мувофиқи меъёр холгузорӣ ба саводнокӣ (аз рӯйи шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ) ба ҳаҷми эссе вобаста аст, зеро ҳар қадар ки ҳаҷми эссе зиёд бошад, имкони бештар ғалат кардан низ вуҷуд дорад. Бинобар ин, агар эссе дар ҳаҷми 1, 2 ва 3 ва бе ягон ғалат ва ё бо 1-2 ғалат навишта шуда бошад, мувофиқи меъёри холгузорӣ [89, с. 20] ШИБХ мутаносибан ба 6, 9 ва 12 баробар аст. Агар шумораи ғалатҳо аз 3 зиёд бошад, вобаста ба ҳаҷми эссе ва шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ холи хонанда аз ШИБХ-и 6, 9 ва 12 кам карда мешавад.

Шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ, сарфи назар аз ҳаҷм, дар ҳамаи эссеҳо зиёданд. Аз рӯйи натиҷаҳо метавон чунин хулоса баровард, ки нутқи хаттии хонандагон на он қадар хуб аст. Онҳо калима ва ҷумлаҳоро беғалат навишта наметавонанд. Дар расмҳои 24-26 тақсимоти хонандагон (чандомад ва ҳисса) вобаста ба ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ аз рӯйи ҳаҷми эссе (1-3) дар озмоиши соли 2016 нишон дода шудааст [104, с. 6-7].




- 15 – 51 ғалат – 243 нафар (27,24%),
- 12 – 14 ғалат – 127 нафар (14,24%),
- 9 – 11 ғалат – 135 нафар (15,13%),
- 6 – 8 ғалат – 162 нафар (18,16%),
- 3 – 5 ғалат – 156 нафар (17,49%).
- 0 – 2 ғалат – 69 нафар (7,74%).

Расми 24. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба шумори ғалатҳои имлоӣ**




- 12 – 40 ғалат – 166 нафар (18,61%),
- 9 – 11 ғалат – 136 нафар (15,25%),
- 6 – 8 ғалат – 205 нафар (22,98%),
- 3 – 5 ғалат – 226 нафар (25,34%),
- 0 – 2 ғалат – 159 нафар (17,83%).

Расми 25. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба шумори ғалатҳои китобат**




- 8 – 40 ғалат – 136 нафар (15,25%),
- 5 – 7 ғалат – 214 нафар (23,99%),
- 2 – 4 ғалат – 363 нафар (40,70%),
- 0 – 1 ғалат – 179 (20,07%).

Расми 26. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба шумори ғалатҳои услубӣ**

Мувофиқи маълумоти расмҳои 24-26 дар эссеи навиштаи бештари хонандагони дар озмоиш иштироккнамуда шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ зиёд ба назар мерасад. Ҳатто дида мешавад, ки шумораи ғалатҳо то ба 40-50 мерасад.

Чунин ҳолати зиёд будани шумораи ғалатҳо дар эссеи навиштаи хонандагон дар озмоиши соли 2017 низ дида мешавад [105, с. 8-9] Натиҷаҳо дар расмҳои 27-29 нишон дода шудаанд.




Расми 27. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба шумори ғалатҳои имлоӣ**

Тавре ки дар расми 27 дида мешавад, 27,29%-и иштирокдорон (аз 7 201 нафар хонанда, ки дар ҳаҷми 1-3 эссе навиштаанд) аз 15 то 99 ғалати имлоӣ доранд. 13,40%-и хонандагон аз 12 то 14 ғалат, 15,97% аз 9 то 11 ғалат, 19,21% аз 6 то 8 ғалат ва 17,00% аз 3 то 5 ғалат кардаанд. Танҳо 7,14%-и иштирокдорон (514 нафар) эссеро бе ғалати имлоӣ ва ё бо 1-2 ғалат навиштаанд.

Ҳиссаи хонандагоне, ки эссеро бо бештар аз 12 (то 55) ғалати аломати китобат навиштаанд (расми 28), 17,97%-ро ташкил медиҳад. 15,04%-и иштирокдорон дар навиштани эссе аз 9 то 11 ғалат, 25,64% аз 6 то 8 ғалат ва 28,72% аз 3 то 5 ғалат кардаанд. 12,64% (910 нафар) эссеро беғалат ва ё бо 1-2 ғалат навиштаанд.




Расми 28. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба шумори ғалатҳои китобат**

Дар расми 29 тақсимоти хонандагони дар озмоиш иштироккнамуда вобаста ба шумори ғалатҳои услубиашон нишон дода шудааст.




Расми 29. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба шумори ғалатҳои услубӣ**

Чунонки дар расми 29 дида мешавад, нишондод аз рӯйи ғалатҳои услубӣ беҳтар аст. Ҳиссаи хонандагоне, ки дар ҳамин ҳаҷм эссе навиштаанд, ба ягон ғалати услубӣ роҳ надодаанд ва ё 1 ғалат кардаанд 43,23%-ро ташкил медиҳад. Дар эссеи 40,76%-и иштирокдорон аз 2 то 4 ғалати услубӣ дида мешавад. Эссеи 10,64%-и иштирокдорон аз 5 то 7 саҳифа ва эссеи 5,37% аз 8 то 41 ғалати услубӣ дорад.

Мувофиқи меъёри холгузорӣ вобаста ба ҳаҷми кори хаттӣ (эссе), агар он дар ҳаҷми 1, 2 ва 3, беғалат ва ё бо 1-2 ғалати имлоӣ ва аломати китобат ва 1 ғалати услубӣ навишта шуда бошад, ШИБХ барои саводнокӣ мутаносибан 6, 9 ва 12 аст [104, с. 7-9; 105, с. 9-11].

Бо ҷамъ кардани шумораи хол барои саводнокӣ ва барои мазмуну мундариҷаи эссе холи умумии бадастовардаи хонандагоне, ки дар ҳаҷми 1, 2 ва 3 саҳифа эссе навиштаанд, мутаносибан ба 18, 21 ва 24 баробар мешавад. Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо дар озмоиши соли 2016 дар ҷадвалҳои 9-11 ва расми 30 дода шудааст.

**Ҷадвали 9. Натиҷа аз рӯйи тамоми меъёрҳо, озмоиши соли 2016**

| Меъёри ҳаҷм – **1** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **Холи миёна: 5,26 (29,22%)** |
| **Чандомад** | 3 | 3 | 14 | 27 | 26 | 31 | 16 | 16 | 14 | 6 | 2 | 6 | 2 | 1 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | |
| **Фоиз** | 1,79 | 1,79 | 8,33 | 16,07 | 15,48 | 18,45 | 9,52 | 9,52 | 8,33 | 3,57 | 1,19 | 3,57 | 1,19 | 0,60 | 0,00 | 0,60 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | |
| | **92,86** | | | | | | | | | | **7,14** | | | | | | | | | |

**Ҷадвали 10. Натиҷа аз рӯйи тамоми меъёрҳо, озмоиши соли 2016**

| Меъёри ҳаҷм – **2** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **Холи миёна: 7,89 (37,57%)** |
| **Чандомад** | 5 | 3 | 7 | 16 | 23 | 42 | 33 | 28 | 36 | 34 | 33 | 32 | 19 | 5 | 14 | 3 | 2 | 1 | 3 | 0 | **0** | **0** | |
| **Фоиз** | 1,50 | 0,90 | 2,10 | 4,70 | 6,80 | 12,40 | 9,70 | 8,30 | 10,60 | 10,00 | 9,70 | 9,40 | 5,60 | 1,50 | 4,10 | 0,90 | 0,60 | 0,30 | 0,90 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | |
| | **86,10** | | | | | | | | | | | | **13,90** | | | | | | | | | | |

**Ҷадвали 11. Натиҷа аз рӯйи тамоми меъёрҳо, озмоиши соли 2016**

| Меъёри ҳаҷм – **3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **22** | **23** | **24** | **Холи миёна: 11,90 (49,58%)** |
| **Чандомад** | 4 | 1 | 0 | 4 | 10 | 17 | 21 | 20 | 22 | 33 | 27 | 32 | 28 | 21 | 24 | 26 | 18 | 22 | 13 | 14 | 13 | 3 | 9 | 2 | 1 | |
| **Фоиз** | 1,04 | 0,26 | 0,00 | 1,04 | 2,60 | 4,42 | 5,45 | 5,19 | 5,71 | 8,57 | 7,01 | 8,31 | 7,27 | 5,45 | 6,23 | 6,75 | 4,68 | 5,71 | 3,38 | 3,64 | 3,38 | 0,78 | 2,34 | 0,52 | 0,26 | |
| | **56,88** | | | | | | | | | | | | | **43,12** | | | | | | | | | | | | |

Чунонки дар ҷадвали 9 дида мешавад, шумораи бештари хонандагоне, ки дар ҳаҷми 1 саҳифа иншо (эссе) навиштаанд, аз 18 хол – ШИБХ аз 2 то 8 хол гирифтаанд. Аз ҳисоби умумӣ ягон нафар соҳиби 18 хол нашудааст. Натиҷаи бадастовардаи 92,86%-и иштирокчиён аз 50%-и ШИБХ кам аст. Натиҷаи бадастовардаи ҳамагӣ 12 нафар ё 7,14% аз 10 то 15 холро ташкил медиҳад. Холи миёнаи ин гурӯҳ 5,26 ё 29,22%-и 18 холи максималии ин меъёр аст.

Натиҷаи бадастовардаи хонандагоне ҳам, ки дар ҳаҷми 2 саҳифа иншо (эссе) навиштаанд (ҷадвали 10), қонеъкунанда нест. Ҳиссаи хонандагоне, ки аз ШИБХ-и ин меъёр - 21 хол  то 11 хол гирифтаанд, 86,10%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаи бадастовардаи ҳамагӣ 47 нафар ё 13,90%-и хонандагон аз 12 то 18 хол аст. Холи миёнаи ин гурӯҳи иштирокчиёни озмоиш 7,89 аст, ки 37,57%-и 21 холро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 11 натиҷаи бадастовардаи хонандагоне, ки иншо (ээсе)-ро дар ҳаҷми 3 саҳифа  навиштаанд, нисбатан беҳтар аст. Аз 385 нафар хонандае, ки дар ин ҳаҷм иншо (ээсе) навиштаанд, натиҷаи бадастовардаи 219 нафар (56,86%) то 50%-и ШИБХ-и ин меъёр, яъне аз 0 то 12 холро ташкил медиҳад. Холи бадастовардаи 43,12% аз 50%-и ШИБХ зиёд аст. Аз ин шумора ҳамагӣ 3 нафар (0,78%) 21 хол, 9 нафар (2,34%) 22 хол, 2 нафар (0,52%) 23 хол ва 1 нафар (0,26%) 24 гирифтааст. Холи миёнаи ин гурӯҳи иштирокчиёни озмоиш 11,90 ё 49,58%-и 24 хол аст.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвалҳои 9-11 шумораи хонандагоне, ки кори хаттӣ (эссе)-и навиштаашон дар ҳаҷми 1 аст, 168 нафаранд. Кори хаттӣ (эссе)-и хонандагоне, ки дар ҳаҷми 2 ва 3 саҳифа  навишта шудааст, мутаносибан ба 339 ва 385 баробар аст. Чунонки пештар таъкид намудем, 24 нафар варақаро холӣ супоридаанд ё дар ҳудуди ним саҳифа навиштаанд ва ё дар мавзуи дигар (ғайр аз мавзуъҳои пешниҳодшуда) иншо навиштаанд,  аз рӯйи талаботи муқарраршуда кори онҳо санҷида нашуд ва аз рӯйи ягон меъёр холгузорӣ нагардид. Бо дар назар гирифтани маълумоти ҷадвалҳои 9,11 ва шумораи он хонандагоне, ки кори хаттӣ (эссе)-и навиштаашон санҷида, холгузорӣ нашуд, диаграммаи зерин таҳия гардид (расми 30):




Расми 30. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба холҳо аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундариҷа» ва «Саводнокӣ»**

Маълумоти дар расми 30 дарҷшуда – тақсимоти хонандагон вобаста ба холҳо аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо (мазмуну мундариҷаи иншо (эссе) ва саводнокӣ) нишон медиҳад, ки дараҷаи дониши хонандагон, ба вижа нутқи хаттии онҳо баланд нест. Аз нишондодҳои расми 30 бармеояд, ки аз 916 нафар иштирокчии озмоиши соли 2016 ҳиссаи бештарашон – 81,99% (656 нафар), дар ҳудуди холҳои 3-12 қарор доранд. То 50%-и ШИБХ (24 хол)-ро 720 нафар (78,60%) соҳиб шудаанд. Аз ин шумора 36 нафар (3,93%) ягон хол нагирифтаанд, 294 нафар (32,10%) аз 1 то 6 хол ва 390 нафар (42,58%) аз 7 то 12 хол гирифтаанд.

Шумора ва ҳиссаи хонандагоне, ки аз 50%-и ШИБХ (24 хол) бештарро соҳиб шудаанд, мутаассифона зиёд нестанд: ҳамагӣ 196 нафар ё 21,40%-ро ташкил медиҳад. Аз ин шумора ҳамагӣ 3 нафар (0,33%) 21 хол, 9 нафар (0,98%) 22 хол, 2 нафар (0,22%) 23 хол ва 1 нафар (0,11%) 24 гирифтааст. Холи миёнаи иштирокчиёни озмоиш 8,9 ё 37,04%-и ШИБХ аст.

Чунин натиҷаро дар озмоиши навиштани кори хаттӣ (эссе)-и соли 2017 низ дидан мумкин аст. Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо дар озмоиши соли 2017 дар ҷадвалҳои 12, 14 ва расми 31 дода шудааст.

**Ҷадвали 12. Натиҷа аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо, озмоиши соли 2017**

| Меъёри ҳаҷм – 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **Холи миёна** |
| Чанд-омад | 27 | 87 | 166 | 259 | 391 | 440 | 315 | 288 | 214 | 161 | 96 | 59 | 23 | 15 | 1 | 4 | 0 | 0 | 0 | **5,57 (23,21%)** |
| Фоиз | 1,06 | 3,42 | 6,52 | 10,17 | 15,36 | 17,28 | 12,37 | 11,31 | 8,41 | 6,32 | 3,77 | 2,32 | 0,90 | 0,59 | 0,04 | 0,16 | 0,00 | 0,00 | 0,00 | |
| | **92,22%** | | | | | | | | | | **7,78%** | | | | | | | | | |

**Ҷадвали 13. Натиҷа аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо, озмоиши соли 2017**

| Меъёри ҳаҷм – 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **Холи миёна** |
| Чанд-омад | 7 | 21 | 33 | 52 | 119 | 200 | 210 | 247 | 258 | 282 | 234 | 202 | 179 | 137 | 114 | 83 | 38 | 26 | 14 | 5 | 4 | 3 | **8,99 (37,46%)** |
| Фоиз | 0,28 | 0,85 | 1,34 | 2,11 | 4,82 | 8,10 | 8,51 | 10,01 | 10,45 | 11,43 | 9,48 | 8,18 | 7,25 | 5,55 | 4,62 | 3,36 | 1,54 | 1,05 | 0,57 | 0,20 | 0,16 | 0,12 | |
| | **75,56%** | | | | | | | | | | | | **24,42%** | | | | | | | | | | |

**Ҷадвали 14. Натиҷа аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо, озмоиши соли 2017**

| Меъёри ҳаҷм – 3 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **22** | **23** | **24** | **Холи миёна** |
| **Чанд-омад** | 8 | 7 | 15 | 22 | 37 | 66 | 89 | 102 | 132 | 144 | 164 | 163 | 152 | 164 | 166 | 140 | 145 | 111 | 89 | 65 | 73 | 56 | 41 | 28 | 8 | 12,53 (52,21%) |
| **Фоиз** | **0,37** | **0,32** | **0,69** | **1,01** | **1,69** | **3,02** | **4,07** | **4,66** | **6,04** | **6,58** | **7,50** | **7,45** | **6,95** | **7,50** | **7,59** | **6,40** | **6,63** | **5,08** | **4,07** | **2,97** | **3,34** | **2,56** | **1,87** | **1,28** | **0,37** | |
| | **50,34** | | | | | | | | | | | | | **49,66** | | | | | | | | | | | | |

Он гуна ки дар ҷадвали 12 дида мешавад, ягон нафар соҳиби 18 хол – ШИБХ нашудааст. Натиҷаи бадастовардаи 92,28%-и иштирокчиён аз 50%-и ШИБХ кам аст. Аз 2546 нафар иштирокчии озмоиш, ки дар ҳаҷми 1 саҳифа эссе навиштаанд, натиҷаи бадастовардаи ҳамагӣ 198 нафар ё 7,78% аз 10 то 15 холро ташкил медиҳад. Холи миёнаи ин гурӯҳ 5,57 ё 23,21%-и 18 хол аст.

Натиҷаи бадастовардаи хонандагони дар ҳаҷми 2 саҳифа иншо (эссе) навишта (ҷадвали 13) низ қонеъкунанда нест. Ҳиссаи хонандагоне, ки аз ШИБХ-и ин меъёр – 21 хол, то 11 хол гирифтаанд, 75,56%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаи бадастовардаи 600 нафар ё 24,30%-и хонандагон аз 12 то 20 хол аст. Ҳамагӣ 3 нафар (0,12%) 21 хол гирифтааст. Холи миёнаи ин гурӯҳи иштирокчиёни озмоиш 8,99 аст, ки 37,46%-и 21 холро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 14 натиҷаи бадастовардаи хонандагоне, ки иншо (ээсе)-ро дар ҳаҷми 3 саҳифа навиштаанд, чун озмоиши соли 2016, нисбатан беҳтар аст. Аз 2187 нафар хонандае, ки дар ин ҳаҷм иншо (ээсе) навиштаанд, натиҷаи бадастовардаи 1101 нафар (50,34%) то 50%-и ШИБХ-и ин меъёр, яъне аз 0 то 12 холро ташкил медиҳад. Холи бадастовардаи 49,66% аз 50%-и ШИБХ зиёд аст. Аз ин шумора ҳамагӣ 56 нафар (2,56%) 21 хол, 41 нафар (1,87%) 22 хол, 28 нафар (1,28%) 23 хол ва 8 нафар (0,37%) 24 гирифтааст. Холи миёнаи ин гурӯҳи иштирокчиёни озмоиш 12,53 ё 52,21%-и 24 хол аст.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвалҳои 12-14 шумораи хонандагоне, ки кори хаттӣ (эссе)-и навиштаашон дар ҳаҷми 1 саҳифа аст, 2 546 нафаранд. Кори хаттӣ (эссе)-и хонандагоне, ки дар ҳаҷми 2 ва 3 саҳифа навишта шудааст, мутаносибан ба 2 468 ва 2 187 баробар аст. Чунонки пештар таъкид намудем, 1 370 нафар варақаро холӣ супоридаанд, ё дар ҳудуди ним саҳифа навиштаанд ва ё дар мавзуи дигар (ғайр аз мавзуъҳои пешниҳодшуда) иншо навиштаанд, аз рӯйи талаботи муқарраршуда кори онҳо санҷида нашуд ва аз рӯйи ягон меъёр холгузорӣ нагардид. Бо дар назар гирифтани маълумоти ҷадвалҳои 12, 14 ва шумораи он хонандагоне, ки кори хаттӣ (эссе)-и навиштаашон санҷида, холгузорӣ нашуд, диаграммаи зерин таҳия гардид (расми 31):




Расми 31. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба холҳо аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундарича» ва «Саводнокӣ»**

Натиҷаи бадастовардаи иштирокдорони озмоиши кори хаттӣ (эссе) аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо (мазмуну мундариҷа ва шумораи ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ) на он қадар қонеъкунанда аст. Аз нишондодҳои расми 31 бармеояд, ки 16,47%-и иштирокдорон ё 1 412 нафар ягон хол нагирифтаанд. Қисми зиёди иштирокчиёни озмоиш (5 616 нафар ва ё 65,53%) дар ҳудуди холҳои 3-13 қарор доранд. То 50%-и ШИБХ (аз 0 то 12 хол)-ро гирифтагон 82,15%-ро ташкил медиҳад. Бештар аз 50%-и ШИБХ (аз 13 то 24 хол)-ро 17,85%-и иштирокдорон гирифтаанд. Аз ин қисм 0,48%-и хонандагон (41 нафар) соҳиби 22 хол ва 0,33% (28 нафар) соҳиби 23 хол шудаанд. Ҳамагӣ 0,09%-и иштирокдорон (8 нафар) 24 хол гирифтаанд. Холи миёнаи иштирокдорони озмоиш 7,44 аст, ки 31,00%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад.

Азбаски дар озмоиши кори хаттии соли 2017 шумораи муайяни хонандагон бо забони таҳсилашон тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ иштирок намуданд, мо зарур донистем, ки натиҷаҳои бадастовардаи ҳар гурӯҳи хонандагонро дар муқоиса нишон диҳем. Чунонки дар расми 17 (Шумораи иштирокдорон аз рӯйи забони таҳсил) дида шуд, аз 8 571 нафар иштирокдори озмоиш забони таҳсили 8 278 нафар (96,58%) тоҷикӣ, 178 нафар (2,08%) русӣ ва 115 нафар (1,34%) ӯзбекӣ аст.

Натиҷаи санҷиши кори ҳар гурӯҳ ва холгузорӣ ба онҳо аз рӯйи 2 меъёри асосӣ – мазмуну мундариҷа ва саводнокӣ нишон медиҳад, ки вазъ дар ҳамаи гурӯҳҳо қариб як хел: натиҷа на он қадар қонеъкунанда аст. Дар расмҳои 32, 34 натиҷаи дастоварди хонандагони ҳар гурӯҳ аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи эссе оварда шудааст.




Расми 32. **Холгузорӣ ба мазмун ва мундариҷаи эссеи хонандагони русзабон**

Аз нишондодҳои расми 32 бармеояд, ки қисми бештар (42,70%)-и хонандагоне, ки бо забони русӣ таҳсил менамоянд, аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи эссе хол нагирифтаанд. Холи бадастовардаи 55,62% аз 1 то 8 холро ташкил медиҳад. 1,12%-и хонандагони ин гурӯҳ 9 хол ва 0,56% 11 хол гирифтаанд.




Расми 33. **Холгузорӣ ба мазмун ва мундариҷаи эссеи хонандагони ӯзбекзабон**

Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи эссе 47,83%-и хонандагони ӯзбекзабон хол нагирифтаанд (расми 33). Аз рӯйи мазмун ва мундариҷа холи баландтарини бадастовардаи ин гурӯҳ 10 хол аст, ки 0,87%-и хонандагон онро соҳиб шудаанд. Натиҷаи бадастовардаи 43,48%-и хонандагони ӯзбекзабон аз 1 то 6 хол аст.




Расми 34. **Холгузорӣ ба мазмун ва мундариҷаи эссеи хонандагони тоҷикзабон**

Нисбатан баландтар будани натиҷаи бадастовардаи гурӯҳи хонандагоне, ки бо забони тоҷикӣ таҳсил мекунанд, албатта, ба зиёд будани шумораи онҳо низ вобаста аст. Аз маълумоти расми 34 бармеояд, ки холи бадастовардаи қисми бештари ин гурӯҳи хонандагон (74,06%) аз рӯйи мазмуну мундариҷаи эссе дар ҳудуди 2-8 хол аст. 2,55%-и хонандагон 1 хол гирифта бошанд, 16,28% ягон хол нагирифтаанд. Дар ин гурӯҳ 5,79%-и хонандагон 9-11 хол ва 1,32% 12 хол гирифтаанд.

Холгузорӣ ба саводнокӣ (аз рӯйи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ) ба ҳаҷми эссе вобаста аст. Дар расмҳои 35-37 натиҷаи дастовард (холи гирифта)-и хонандагони ҳар гурӯҳ вобаста аз шумораи ғалатҳо дар доираи ҳамаи меъёрҳои ҳаҷм (1-3) оварда шудааст.




Расми 35. **Холгузорӣ вобаста аз шумори ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ (забони таҳсил – русӣ)**

Чунонки дида мешавад, (расми 35) 50%-и хонандагоне, ки забони таҳсилашон русӣ аст, бинобар зиёд будани шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ ягон хол нагирифтаанд. Аз ин гурӯҳ 1,69%-ӣ аз ҳама баландтарин 9-10 хол гирифтаанд. Холи гирифтаи қисми боқимонда дар ҳудуди 1-7 хол аст.




Расми 36. **Холгузорӣ вобаста аз шумори ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ (забони таҳсил – ӯзбекӣ)**

Аз рӯйи ин меъёр (холгузорӣ вобаста аз шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ) натиҷаи хонандагони таҳсилашон ба забони ӯзбекӣ низ ба натиҷаи хонандагони гурӯҳи таҳсилашон русӣ монанд аст. Дар

расми 36 дида мешавад, ки 46,96%-и ин гурӯҳ бинобар зиёд будани шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубиашон ягон хол нагирифтаанд. Қисми хеле ками хонандагон (6,96%) аз ҳама баланд 7-10 хол доранд. Холи бадастовардаи 46,09% дар ҳудуди 1-6 хол аст.




Расми 37. **Холгузорӣ вобаста ба шумори ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ (забони таҳсил – тоҷикӣ)**

Дар байни хонандагоне, ки забони таҳсилашон тоҷикист, ҳиссаи нафарони хол нагирифта (аз рӯйи шумори ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ) низ кам нест, он ба 23,77% баробар аст (расми 37). 12 холи имконпазири ҳадди аксар аз рӯйи ин меъёрро 0,57%-и хонандагон ба даст овардаанд. Холи гирифтаи ҳиссаи бештари ин гурӯҳ (61,28%) низ дар доираи 1-6 аст.

Тақсимоти хонандагон вобаста ба ҷамъи холҳо аз рӯйи шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ ва мазмуну мундариҷаи эссе барои ҳар гурӯҳи хонандагон дар расмҳои 38-40 нишон дода шудааст.




Расми 38. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба холҳо аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундарича» ва «Саводнокӣ» (забони таҳсил – русӣ)**

Расми 38 нишон медиҳад, ки натиҷаи бадастовардаи хонандагони забони таҳсилашон русӣ қонеъкунанда нест. 41,01%-и хонандагони ин гурӯҳ ягон хол нагирифтаанд. Холи бадастовардаи қисми бештари хонандагон аз ШИБХ (24 хол) дар ҳудуди 4-10 аст. Ҳиссаи иштирокдороне, ки то 50%-и ШИБХ-ро гирифтаанд, 93,29%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаи бадастовардаи 6,17%-и хонандагони ин гурӯҳ  дар доираи 13-18 хол аст. Ҳамагӣ 0,56% (1 нафар) 21 хол гирифтааст. Холи миёнаи хонандагони забони таҳсилашон русӣ 4,43 аст, ки 18,46%-и ШИБХ (24)-ро ташкил медиҳад.




Расми 39. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба холҳо аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундарича» ва «Саводнокӣ» (забони таҳсил – ӯзбекӣ)**

Натиҷаи умумии хонандагони забони таҳсилашон ӯзбекӣ низ аз рӯйи шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат ва услубӣ ва мазмуну мундариҷаи эссе нигаронкунанда аст (расми 39). Дар ин гурӯҳ низ 46,09%-и хонандагон ягон хол нагирифтаанд. Холи бадастовардаи қисми бештари хонандагон дар ҳудуди 4-10 аст. Ҳиссаи иштирокдороне, ки то аз 50%-и ШИБХ-ро гирифтаанд, 92,19%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаи бадастовардаи 6,96%-и хонандагони ин гурӯҳ аз дар доираи 13-18 хол аст. Ҳамагӣ 1 нафар (0,87%) 20 хол гирифтааст. Холи миёнаи хонандагони забони таҳсилашон ӯзбекӣ 4,37 аст, ки 18,21%-и ШИБХ (24)-ро ташкил медиҳад.




Расми 40. **Тақсимоти хонандагон вобаста ба холҳо аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундариҷа» ва «Саводнокӣ» (забони таҳсил – тоҷикӣ)**

Он гуна ки дар расми 40 дида мешавад, натиҷаи бадастовардаи хонандагони забони таҳсилашон тоҷикӣ аз рӯйи мазмуну мундариҷаи эссе ва саводнокӣ нисбат ба хонандагони забони таҳсилашон русӣ ва ӯзбекӣ беҳтар аст, ҳарчанд ки 15,54%-и ин гурӯҳ низ ягон хол нагирифтаанд. Ҳиссаи хонандагоне, ки то аз 50%-и ШИБХ-ро гирифтаанд, 81,77%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаи бадастовардаи 17,30%-и хонандагони ин гурӯҳ дар доираи 13-21 хол аст. 0,50% (41 нафар) 22 хол, 0,34% (28 нафар) 23 хол ва 0,10% (8 нафар)-и хонандагон 24 хол гирифтаанд. Холи миёнаи хонандагони забони таҳсилашон тоҷикӣ 7,55 аст, ки 31,46%-и ШИБХ (24)-ро ташкил медиҳад.

## Хулосаи боби 2

Навиштани кори хаттӣ ҳангоми дохилшавӣ ба МТТОК аз ҷумлаи корҳои муҳим ва мақсаднок ба ҳисоб меравад. Аз натиҷаи озмоиши навиштани диктант дар ММТ маълум гардид, ки дар аксари ҳолатҳо матни диктант гуногун буда, меъёри хондани он ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ, бо назардошти ҷузъҳои муҳимми корҳои хаттӣ навиштани эссе дар ИМД ба мақсад мувофиқ дониста шуд. Яъне, таҳлилу баррасиҳо нишон доданд, ки аз ҷумлаи корҳои хаттии мавҷуда навиштани эссе ба ҳадафҳои ИМД мувофиқ мебошад, зеро бо навиштани эссе дараҷаи саводнокии хонандагон боло рафта, нутқи хаттиву маҳорати фикр кардан ва дар шакли мураттаб баён кардани он ба хонанда муяссар мегардад.

Аз рӯйи масъалаҳое, ки дар боби 2-юми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, метавон чунин хулоса кард:

1) озмоишҳои кори хаттӣ, ки ММТ дар давоми солҳои 2011-2013 ва ММТНПҶТ дар давоми солҳои 2016-2017 гузаронид, пурра ба талаботи баргузории озмоишҳо ҷавобгӯ буда, ба раванди баргузории онҳо аз тарафи коршиносони хориҷӣ – мушовирони байналмилалии ММТ ва ММТНПҶТ баҳои баланд дода шуд;

2) диктант ҳамчун воситаи одилона баҳо додан ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон дар ИМД ба МТТМОК қобили қабул нест;

3) меъёрҳои коркардшудаи холгузорӣ ба мазмун ва мундариҷаи эссе ва саводнокии довталаб, ки дар озмоишҳо истифода гардиданд, бо дарназардошти ҳаҷми эссе дар ИМД қобили истифодаанд;

4) кори хаттӣ (эссе) ва меъёри холгузорӣ ба он, ки дар чанд давр озмуда шуданд, қобили қабул аст ва ҳамчун воситаи хуби андозагирии малакаю маҳоратҳо барои гурӯҳҳои пешбинишудаи довталабон муассир арзёбӣ мегардад.

5) абзори кори хаттӣ (эссе) аз рӯйи сифат боэътимод аст ва барои истифода дар ИМД ба МТТМОК пешниҳод карда мешавад;

6) коркарди технологии маълумоти аз кори хаттӣ бадастомада имконпазир аст, аммо тарзи истифодаи захираҳои технологияҳои иттилоотӣ,

сари вақт ворид намудани маълумот ва таҳлилу натиҷагирӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ба довталабон дастрас намудани натиҷаҳои имтиҳон бозбинӣ карда мешавад;

7) ҳамкории мутахассисони шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ бо гурӯҳи санҷишгарони кори хаттӣ дуруст ба роҳ монда шудааст, аммо барои ИМД-и солҳои минбаъда беҳтар кардани ин раванд имкон дорад;

8) раванди омода намудани омӯзгороне, ки ба санҷиши кори хаттӣ (эссе) ҷалб мешаванд, хуб аст, вале дар баробари ин, бояд барои беҳтар кардани тартиби интихоби омӯзгорон дар иштирок дар санҷишҳо тадбирҳо андешида мешавад;

9) ба роҳ мондани санҷиш ва назорати раванди санҷиш (таъмини бехатарӣ ҳангоми интиқоли мавод аз ММТНПҶТ ба марказҳои санҷишӣ ва аз он ҷо ба ММТНПҶТ) бо ҷалби шумораи камтари санҷишгарон имконпазир аст, вале ин ба шумораи довталабон ва вақти барои санҷиш муайяншуда вобаста мебошад;

10) тарзи ташкили Марказҳои санҷиши кори хаттӣ (эссе) ва равиши санҷишу холгузории он қонеъкунанда аст, аммо дар ИМД-и солҳои минбаъда боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани ин раванд пешниҳод мешавад;

11) аз таҳлили натиҷаҳои озмоиши кори хаттӣ (эссе) бармеояд, ки доираи андеша ва ҷаҳонбинӣ, дараҷаи саводнокӣ ва дониши забонӣ, бавежа нутқи хаттии як қисми ками хонандагони МТМУ-и ҷумҳурӣ ба талабот ҷавобгӯй аст, вале доираи андеша ва ҷаҳонбинӣ, дараҷаи саводнокӣ ва дониши забонии қисми бештари хонандагон қонеъкунанда нест;

12) дар қисми бештари хонандагони МТМУ маҳорати мустақилона баён кардани фикр (тафаккури эҷодӣ – мустақилона баррасӣ кардани масъала ва хулосабарорӣ) рушд наёфтааст ва қобилияти мустақилона баррасӣ кардани масъаларо надоранд. Бо надоштани дониши хуби забонӣ ва рушд накардани нутқи хаттиашон дар бисёр мавридҳо ба мантиқ ва тартиби баён риоя карда наметавонанд;

13) тарзи баёни нодуруст ва ҷумлаҳои пурғалати хонандагон далели онанд, ки таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ, бахусус, таълими забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилашон бо забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст;

14) дар МТМУ омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимашон ба забони ғайритоҷикӣ бештар ба қориазёд кардани қоидаҳои забон диққат медиҳанд, на ба порчаҳои шеърии пандуандарзӣ ва рушди тафаккури хонандагон ва мантиқи баёни онҳо;

15) хонандагон ба маънои калимаю ибораҳо дуруст сарфаҳм намераванд, ҷойи корбурди онҳоро намедонанд, бештар бо лаҳҷаи худ менависанду суҳбат мекунанд, на бо забони адабӣ.

# БОБИ 3. ТЕХНОЛОГИЯИ АРЗЁБИИ ДАРАҶАИ ДОНИШ ВА МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ДОВТАЛАБОН АЗ РӮЙИ НАТИҶАҲОИ КОРИ ХАТТӢ (ЭССЕ)

## 3.1. Талаботи навиштан ва меъёри холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии соли 2018

Мувофиқи маълумоти ММТНПҶТ дар имтиҳони кори хаттӣ – навиштани эссе, ки рӯзи 4-уми июли соли 2018 баргузор гардид, 15 370 нафар довталаб иштирок намуд. Аз ин шумора 495 нафар (3,22%) кори хаттиро бо забони русӣ ва 14 875 нафар (96,78%) бо забони тоҷикӣ навиштанд [104]. Бинобар ин мо таҳлилу натиҷагириро дар таҳқиқоти худ аз рӯйи дастовардҳои 14 875 нафар довталабе, ки кори хаттӣ (эссе)-ро бо забони тоҷикӣ навиштанд, анҷом медиҳем.

Дар ИМД-и соли 2018 барои навиштани эссе чанд талаботи муҳим пешниҳод гардид, ки риояи онҳо барои довталабон ҳатмӣ дониста мешуд. Ин талабот пас аз озмоиши соли 2017 ва пеш аз имтиҳон дар соли 2018 дар «Тавсияҳои методӣ оид ба навишт, санҷиш ва холгузории кори хаттӣ (эссе)» [89, с. 7-10; 90, с. 6-9] ва «Дастур доир ба тарзи таълифи эссе» [34, с. 9-12] муайян ва ба МТМУ дастрас карда шуданд.

Яке аз талаботи асосӣ дар ҳаҷми муайян навиштани кори хаттӣ (эссе) аст. Ҳаҷми эссе вобаста ба вақти муқарраршуда дар ИМД (90 дақиқа) 2 саҳифаи варақи андозааш А4 (21х29,7 см) муайян гардид. Бо дар назар гирифтани дараҷаи омодагии довталабон ва дониш ва малакаю маҳорати онҳо, меъёри ҳаҷм ба чор бахш тақсим ва дар ҳошияи варақаи кори хаттӣ шартан бо рақамҳои 0, 1, 2 ва 3 ишора карда шуд [90, с. 17-18]. Ба довталабоне, ки варақаи санҷиширо холӣ супоридаанд, ё кори хаттиро камтар аз ним саҳифа навиштаанд 0 (сифр) ва ба довталабоне, ки аз як саҳифа зиёдтар навиштаанд 1 (як) хол ва ба довталабоне, ки то яку ним саҳифа навиштаанд 2 (ду) хол, ба эссеи довталабоне, ки ҳаҷми навиштаашон бештар аз яку ним ё ду саҳифаро ташкил медиҳад 3 (се) хол гузошта шуд (ҷадвали 15).

**Ҷадвали 15. Нишондоди ҳаҷми кори хаттӣ (эссе)**

| Ҳаҷм | Шарҳ |
|---|---|
| **0** | Варақ холӣ ва ё эссе дар ҳаҷми камтар аз ним саҳифа аст. |
| **1** | Ҳаҷми эссе аз як саҳифа каме зиёдтар аст. |
| **2** | Ҳаҷми эссе то яку ним саҳифа аст. |
| **3** | Ҳаҷми эссе аз яку ним то ду саҳифа аст. |

Талаботи дигари муайяншуда навиштани кори хаттӣ мувофиқи сохтори эссе аст. Аз рӯйи ин сохтор довталаб бояд фикрашро дар доираи мавзуъ дар як сарсухани кӯтоҳ, тезисҳо – «мазмуни асосии нигошта ё ҳадафи нависанда, ки мухтасаран дар як ё чанд ҷумла баён шуда, овардани далелҳоро талаб менамояд (мулоҳизаронӣ, баёни мухтасари фикр)» [90, с. 7] ва хулоса ифода намояд. Довталаб дар ҳар тезис барои дурустии фикр далели мантиқӣ меорад. Далелҳои баён (суханҳои бузургони илму адаб, иқтибос аз асарҳои адабию таърихӣ ва сиёсӣ, мисолҳо аз ҳаёти шахсиятҳои маъруф ва ё дидаю шунидаҳои худи муаллиф) барои исбот ва ё тақвияти ғоя ё фикри асосӣ оварда мешаванд. Агар барои андешаҳои баёншуда (ҳар тезис) як ё чанд далел оварда шавад, андешаронии муаллиф хуб ва мавзуъ пурра баррасишуда ба ҳисоб меравад. Мукаммалии эссе, яъне ҳаматарафа баррасӣ шудани мавзуъ, ба пайванди мантиқии сарсухан, тезисҳо ва хулоса вобаста аст.

Ҳангоми навиштани эссе ба назар гирифтани нуктаҳои зерин низ зарур дониста шуд:

**1. Масъалагузорӣ (ё гузоштани савол) дар сарсухан:** *“Мехоҳам, доир ба ин масъала андешаамро баён намоям”, “Моҳияти масъалаи гузошташуда аз чӣ иборат аст?”, “Чаро ин мавзуъ муҳим аст?”, “Ман ба ин ақида (ё сухани овардашуда) розиям”, “Ба ин андеша (ё гуфта) ман розӣ шуда наметавонам”* ва монанди инҳо.

**2. Аз сатри нав навиштани ҳар тезис ва фикри нав.** Дар ҳар тезис масъалаи гузоштashуда бо тартиб таҳлил ва бо далел (иқтибосҳо аз гуфтор ё осори шахсиятҳои маъруф, мисол(ҳо), факту рақам ва ғайра) асоснок карда

мешавад. Далелҳо бояд равшану фаҳмо, мулоҳизарониҳо мантиқӣ бошанд, пайванди мантиқию маъноии андешаҳо риоя шавад.

**3. Таъкид дар хулоса:** *"Аз таҳлили мавзуъ чунин хулоса бармеояд, ки ...", "Ман ба чунин хулоса омадам, ки ...", "Таъкид бояд кард, ки ..."* ва монанди инҳо. Хулоса ҷамъбасти фикр ва бо таъкиди ғоя ё андешаи асосӣ бозгашт ба сарсухан аст (пайванди мантиқӣ байни пешгуфтор ва хулосаи эссе).

Бо тартиби муайян баён кардани андеша, матлабро то ҳадди имкон пурра, вале кӯтоҳу возеҳ ифода кардан муҳим аст. Аз такрори фикр, дароз кардани сухан (суханбозиҳои беҳуда) ва овардани далелҳое, ки ба мавзуъ мувофиқ нестанд, худдорӣ бояд кард.

**Талаботи муҳимми дигар риояи меъёрҳои забони адабӣ аст.** Довталаб дар навиштани эссе (дар баррасии мавзуъ) аз пургӯйӣ, истифодаи калимаю ибораҳои мушкилфаҳм ва вожаҳои шевагӣ, калимаю ифодаҳое, ки ба меъёри забони адабӣ мувофиқ нестанд, бояд худдорӣ намояд. Аммо дар баробари ин, метавонад, воситаҳои таъсирбахши луғавӣ, фразеологӣ, санъатҳои бадеӣ ва лафзии сухан (тавсиф, маҷоз, ташбеҳ, муболиға, таҷнис, такрор), савол, ибораву ҷумлаҳои ҳамвазну ҳамқофия ва монанди инҳоро ба кор барад.

Ҳангоми санҷиш ва холгузорӣ ба эссеи довталабон то кадом андоза риоя гардидани ин талабот аз тарафи онҳо ба назар гирифта шуд.

**Меъёри холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе).** Вобаста ба талаботи зикршуда дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёри холгузорӣ, ки дар озмоишҳои солҳои 2016-2017 истифода гардид, тағйирот ворид карда шуд. Ҳангоми санҷиши кори хаттӣ (эссе) ва холгузорӣ ба он мазмуну мундариҷа ва риояи қоидаҳои имло, грамматика услуб ва истифодаи аломатҳои китобат ба назар гирифта мешавад [85, с. 61-68; 90, с. 10]. Меъёри холгузорӣ дар асоси талаботи баҳогузорӣ ба кори хаттӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, таҳия гардидааст [26, с. 37; 27, с. 19; 4, с. 142-150]. Ҳангоми таҳияи меъёрҳо таҷрибаи дигар давлатҳо, аз ҷумла

Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Украина дар хол (баҳо)-гузорӣ ба эссе (иншо) низ ба назар гирифта шуд.

Мазмун ва мундариҷаи кори хаттӣ (чунонки дар озмоиши соли 2017 муқаррар шуда буд) бояд ба 4 талабот ҷавобгӯ бошад: *мувофиқати мазмун ба мавзуъ, хулоса, далелҳои баён, мантиқ* ва *тартиби баён*.

Вобаста ба ин меъёрҳо нишон додани муносибат ва мавқеи шахсии довталаб ба мавзуи пешниҳодшуда, масъалаи мавриди назарро пурра дарк ва баррасӣ кардани ӯ ба назар гирифта мешавад. Мавзуъро пурра таҳлилу баррасӣ кардани довталаб далели он аст, ки ӯ масъаларо дуруст дарк кардааст ва доир ба он фаҳмишу маълумоти хуб дорад.

Ҳолатҳои риояи нагардидани қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат дар ҳошияи вараҳи кори хаттӣ бо аломатҳои шартӣ ишора гардида, шумораи онҳо дар хоначаи ғалатҳо нишон дода мешавад. Бояд гуфт, ки мувофиқи тартиби муайяншуда, бо мақсади дуруст ва воқеӣ баҳо гузоштан (холгузорӣ) як кори хаттиро ду санҷишгар (ҳар кадом алоҳида) месанҷад. Ҳар санҷишгар, ки рамзи худро дорад, шумораи ғалатҳои баровардаашро дар катакчаҳои махсуси варақаи кори хаттӣ менависад (расми 41). Холҳои ба мазмуну мундариҷаи эссе гузошта ва шумораи ғалатҳои ишоракардаи ду санҷишгар ба ҳам мувофиқат кунанд, хуб аст, аммо дар сурати мувофиқат накардан, корро санҷишгари сеюм месанҷад.




Расми 41. **Холгузорӣ ба эссе ва навиштани шумораи ғалатҳо**

Дар расми 41 дида мешавад, ки холҳои ба мазмуну мундариҷаи эссе гузошта ва шумораи ғалатҳои ишоракардаи ду санҷишгар ба ҳам мувофиқат кардаанд. Ин кори хаттӣ ба санҷишгари сеюм дода намешавад. Холҳои

гузошта ва шумораи ғалатҳои ишоракардаи ду санҷишгар ниҳоӣ дониста шуда, холи довталаб аз рӯйи ҳамин санҷишҳо ҳисоб карда мешавад.

Кори хаттӣ ё эссе аз рӯйи меъёр ҳаҷм ба чор бахш тақсим ва дар ҳошияи вараҷи кори хаттӣ шартан бо рақамҳои 0, 1, 2 ва 3 аломатгузорӣ шудааст (замимаи 2). Вобаста ба ин, агар ҳаҷми эссе 0 бошад, ба он аз рӯйи ягон меъёр хол гузошта намешавад.

Аз рӯйи расми 41 маълум мешавад, ки ҳаҷми ин кори хаттӣ аз рӯйи меъёри муайяншуда ба 2 баробар аст.

Мувофиқи меъёрҳои муайяншуда ба эссеи навиштаи довталаб, агар ба талабот мувофиқ ва беғалат ва ё бо 1-2 ҳолати риоя накардани қоидаи имло ва истифодаи аломатҳои китобат ва 1 ҳолати риояи нагардидани қоидаҳои грамматика, услуб бошад, вобаста ба ҳаҷми 3, 2 ва 1 мутаносибан ҳадди аксар 30, 27 ва 24 хол дода мешавад:

- 18 хол барои мазмун ва мундариҷа, вобаста ба ҳаҷми эссе (1, 2 ва 3);
- агар матн беғалат бошад, вобаста ба ҳаҷми эссе
  - 12 хол (дар ҳаҷми 3),
  - 9 хол (дар ҳаҷми 2),
  - 6 хол (дар ҳаҷми 1) гузошта мешавад.

Дар навбати худ 18 холи барои мазмуну мундариҷаи эссе пешбинигардида дар доираи 4 талабот, аз ҷумла барои мувофиқати мазмун ба мавзуъ ва хулоса 0, 1, 2, 3-холӣ ва барои далелҳои баён ва мантиқу тартиби баён 0, 2, 4, 6-холӣ тақсим мешавад. Албатта, бояд дар назар дошт, ки гузоштани 2, 4 ва 6 хол барои далелҳои баён ва мантиқу тартиби баён метавонад, дар зеҳни хонанда савол ба миён орад, ки ба чӣ асос 2, 4 ва 6 хол гузошта шудааст? Чаро 1, 3 ва 5 хол не? Оё метавон барои далелҳои баён ва мантиқу тартиби баён низ 1, 2, 3-холӣ гузошт? Дуруст аст, мантиқ низ талаб мекунад, ки чунин бошад. Чунонки дар меъёри холгузорӣ ба иншо дар имтиҳони ягонаи давлатӣ (ИЯД)-и Федератсияи Русия дар соли 2018 ба таври асоснок барои мазмун ва мундариҷаи иншо аз 0 то 3 хол ва барои мантиқ ва тартиби баён аз 0 то 2 хол муайян шудааст [186; 189; 190]. Аммо дар имтиҳони

ягонаи давлатии соли 2019 бо ворид намудани тағйирот ба меъёри холгузорӣ барои мазмун ва мундариҷаи иншо аз 0 то 5 хол муайян гардидааст [188]. Чунин тарзи холгузории асоснок дар арзёбии мустақили беруна (ЗНО)-и Ҷумҳурии Украина ба мазмун ва мундариҷаи иншо аз забони украинӣ аз рӯйи 6 меъёр аз 0 то 2 хол муайян шудааст [187].

Меъёри холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) дар ИМД низ 0 дар натиҷаи якчанд озмоиши кори хаттӣ дар давоми солҳои 2011-2013 таҳия шуда буд. Ин меъёри холгузорӣ пас озмоиши кори хаттӣ (эссе) дар солҳои 2016-2017 такмил дода шуд. Мувофиқи ин меъёри холгузорӣ ба ҳар як талаботи мазмун ва мундариҷа *(1) мувофиқати мазмун ба мавзуъ, (2) далелҳои баён, (3) мантиқ ва тартиби баён ва (4) хулоса)* ва риояи қоидаҳои навишт аз 0 то 3 хол дода мешуд. Холи имконпазири ҳадди аксар 24-ро ташкил медод: 12 хол барои мазмун ва мундариҷаи хуб ва 12 хол барои риояи қоидаҳои навишт [89]. Коршоямии чунин меъёри холгузорӣ ҳамчун воситаи арзёбии дурусти дониш ва малакаю маҳорати хонандагон дар озмоиши калони кори хаттӣ (эссе) дар соли 2017 муайян гардид. Вале соли 2018, пеш аз оғози ИМД, бе ҳеҷ асоси илмӣ бо дастури вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри холгузорӣ ба мазмун ва мундариҷаи кори хаттӣ (эссе) тағйир дода шуд: холи ҳадди асксар ба мазмун ва мундариҷа аз 12 ба 18 бардошта шуд. Вобаста ба ин холгузорӣ ба 4 меъёр ва ё талабот – мувофиқати мазмун ба мавзуъ, хулоса, далелҳои баён ва мантиқу тартиби баён (ҷадвали 15) муайян гардид [85, с. 65-67; 90, с. 12-19]

Агар кори хаттӣ дар ҳаҷми 1, 2 ва 3 ва бе ягон ғалат ва ё бо 1-2 ғалат навишта шуда бошад, мувофиқи меъёри холгузорӣ холи ҳадди аксар вобаста ба риоя гардидани қоидаи имло, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат мутаносибан ба **6, 9** ва **12** баробар аст, зеро ҳар қадар ки ҳаҷми кори хаттӣ зиёд бошад, имкони бештар ғалат кардан низ вуҷуд дорад. Агар шумораи ғалатҳои имлоӣ ва аломати китобат аз 3 ва ғалати грамматикӣ/услубӣ аз 2 зиёд бошад, вобаста ба ҳаҷми кори хаттӣ ва шумораи ғалатҳо холи довталаб аз холи имконпазири ҳадди аксари 6, 9 ва 12 кам карда мешавад (ҷадвали 16):

**Ҷадвали 16. Холгузорӣ аз рӯйи ҳаҷм ва риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат**

| Ҳаҷми эссе | 0 | 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳолатҳо** | **Холи имконпазири ҳадди аксар** | | | |
| Риояи қоидаи имло | 0 | 3 | 4 | 5 |
| Истифодаи дурусти аломатҳои китобат | 0 | 2 | 3 | 4 |
| Риояи қоидаҳои грамматика, услуб | 0 | 1 | 2 | 3 |
| | | **6** | **9** | **12** |

Агар ҳаҷми эссе ба 1 баробар бошад, ба кори довталаб аз рӯйи ҷадвали 17, ҳаҷми эссе ба 2 баробар бошад, аз рӯйи ҷадвали 18 ва ҳаҷми эссе ба 3 баробар бошад, аз рӯйи ҷадвали 19 хол гузошта мешавад.

**Ҷадвали 17. Холгузорӣ аз рӯйи ҳаҷми 1 ва риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат**

| Шумораи ғалатҳои имлоӣ | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-2 | **3** |
| 3-5 | **2** |
| 6-8 | **1** |
| 9 .... | **0** |

| Шумораи ғалатҳои аломати китобат | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-2 | **2** |
| 3-5 | **1** |
| 6 .... | **0** |

| Шумораи ғалатҳои грамматикӣ, услубӣ | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-1 | **1** |
| 2 ... | **0** |

**Ҷадвали 18. Холгузорӣ аз рӯйи ҳаҷми 2 ва риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат**

| Шумори ғалатҳои имлоӣ | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-2 | **4** |
| 3-5 | **3** |
| 6-8 | **2** |
| 9-11 | **1** |
| 12 ... | **0** |

| Шумори ғалатҳои аломати китобат | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-2 | **3** |
| 3-5 | **2** |
| 6-8 | **1** |
| 9 ... | **0** |

| Шумори ғалатҳои грамматикӣ/услубӣ | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-1 | **2** |
| 2-4 | **1** |
| 5 ... | **0** |

**Ҷадвали 19. Холгузорӣ аз рӯйи ҳаҷми 3 ва риояи қоидаҳои имло, грамматика/услуб ва истифодаи аломатҳои китобат**

| Шумори ғалатҳои имлой | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-2 | **5** |
| 3-5 | **4** |
| 6-8 | **3** |
| 9-11 | **2** |
| 12-14 | **1** |
| 15…. | **0** |

| Шумори ғалатҳои аломати китобат | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-2 | **4** |
| 3-5 | **3** |
| 6-8 | **2** |
| 9-11 | **1** |
| 12 …. | **0** |

| Шумори ғалатҳои грамматикӣ, услубӣ | Холи имкон-пазир |
|---|---|
| 0-1 | **3** |
| 2-4 | **2** |
| 5-7 | **1** |
| 8 .... | **0** |

Пас аз санҷиш ва ҳангоми коркард барномаи махсуси компютерӣ аз рӯйи холҳои ба мазмун ва мундариҷаи эссе ва риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат гузошташуда вобаста ба ҳаҷми кори хаттӣ холи умумии бадастовардаи довталабро ҳисоб мекунад.

Дигар аз талаботи муҳим дар навиштани кори хаттӣ (эссе) дар ИМД-и соли 2018 интихоби мавзуъ ва дар доираи мавзуи интихобкарда навиштани андешаи худ буд. Доир ба мавзуъҳои эссе, ки дар ИМД-и соли 2018 пешниҳод шуданд, бояд гуфт, ки, мутаассифона, на ҳамаи он мавзуъҳо ба мавзуи эссе мувофиқ буданд. Мавзуъҳое, ки доир ба онҳо эссе навишта мешаванд, мавзуъҳои озод ва проблемавӣ дар масъалаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва монанди инҳоянд. Довталаб доир ба мавзуе эссе менависад, ки дар он хислату кирдор, орзуҳо ва хостаҳои шахсии худаш баррасӣ мешавад. Ва ё доир ба ягон ғоя ё сухани адибону олимон, шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ ва монанди инҳо эссе менависад: ӯ доир ба ин ғоя ё сухан фикрашро баён намуда, тарафдор ё муқобили он будани худро бо далелҳо исбот менамояд. Чунин фикру андешаҳо дар навиштаҳои олимони соҳа ба таври возеҳу равшан инъикос гардидаанд.

Бинобар хусусиятҳои рӯзнома, муҳокимаронӣ, очерк, мақола ва ҳикояро доро будани эссе ва дар он баён гардидани нуқтаи назар ва мавқеи шахсии

эссенавис баррасии рӯзгор ва осори адибон, таҳлили симоҳо ва накди асарҳои бадеӣ наметавонанд мавзуи эссе бошанд. Дар дастурҳо низ ин андеша ба таври возеъ зикр гардидааст: “Довталабдар навиштани эссе аз пургӯиву истифодаи калимаю ибораҳои якранги забонзада ва ҳам шеваги́ парҳез намуда, бояд меъёри имлои нави забони тоҷикиро риоя намояд. Дар баробари ин хонанда метавонад, бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ва дигар воситаҳои забониэҷодиёти хешро таъсирбахшу ҷолибтар намояд.” [ с. 4].

Дар эссе танҳо як савол, як ғоя, як сухан ва ё як мавзуи мушаххаси рӯзмарра ба таври озод баррасӣ мешавад, на якчанд ғоя ва мавзуъҳои асарҳои бадеию илмӣ. Вале сарфи назар аз ин хусусиятҳои эссе бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2018, №355 мавзуъҳое барои навиштани эссе дар муассисаҳои таълимӣ ва низ дар ИМД ба МТТМОК ҶТ (дар соли 2018) пешниҳод гардиданд, ки на ба мавзуи эссе, балки ба мавзуи иншоҳои муқаррарӣ монанд буданд. Номгӯйи ин мавзуъҳои тасдиқгардида дар ҳафтаномаи «Омӯзгор» [147] ба чоп расид. Бо вуҷуди номувофиқ будани мавзуъҳо ММТНПҶТ наметавонист дар имтиҳон аз ин мавзуъҳо сарфи назар намояд. Бинобар ин аз байни ин мавзуъҳо барои имтиҳон 3 мавзуъ аз адабиёти классикӣ ва 3 мавзуъ аз адабиёти муосир интихоб гардид. Мавзуъҳои озодро мувофиқи тартиби муайяншуда ММТНПҶТ пешниҳод намуд. Ҳамагӣ дар имтиҳони асосӣ барои навиштани кори хаттӣ 15 мавзуъ ва дар имтиҳони иловагӣ 5 мавзуъ (дар як вариант 1 мавзуъ аз адабиёти классикӣ, 1 мавзуъ аз адабиёти муосир ва 3 мавзуи озод), ҳамагӣ 20 мавзуъ, пешниҳод гардид.

1. Ақидаҳои ватандӯстӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ
2. “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ – асари таълимию ахлоқӣ
3. “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва аҳаммияти тарбиявии он
4. Мавзуъ ва мундариҷаи асосии “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
5. Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти муосири тоҷик
6. Рӯзгор ва осори Абулқосим Лоҳутӣ
7. Мавзуи сулҳу дӯстӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода

8. Таҳлили мундариҷавии “Палатаи кунҷакӣ”-и Фазлиддин Муҳаммадиев
9. Мегӯянд: *“Ҷавонон ояндаи миллатанд.”* Ин сухан чӣ маънӣ дорад?
10. Кадом саҳифаи таърихи миллатамон боиси ифтихори Шумост ва чаро?
11. Донистани таърих чӣ аҳаммият дорад?
12. Неруи сухан
13. Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек.
14. Тоҷикистонро чӣ тавр тавоно созем?
15. Чаро забонҳои хориҷиро омӯхтан зарур аст?
16. Ҷавонони асри XXI чӣ гуна бошанд?
17. Садриддин Айнӣ гуфтааст: *“Ба олам ҳар касе бекор гардад, Ба чашми аҳли олам хор гардад.”* Шумо дар ин бора чӣ андеша доред?
18. Шумо дар бораи *“сиёсати дарҳои боз”*, ки Тоҷикистон пеш гирифтааст, чӣ андеша доред?
19. Оё мо аз захираҳои моддии диёрамон дуруст истифода менамоем? Чӣ бояд кард?
20. Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфтааст, ки *беҳтарини касон касест, ки ба халқ бештар нафъ мерасонад.* Шумо хизмат ба мардумро чӣ гуна мефаҳмед?

Довталабон мувофиқи тартиби муайяншуда бо интихоб намудани яке аз ин мавзуъҳо андешаҳояшонро дар доираи талаботи пешниҳодгардида навиштанд.

## 3.2. Методикаи арзёбии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар имтиҳони кори хаттӣ (эссе)

Яке аз талаботи муҳим дар низоми арзёбии дастовардҳои таълимӣ истифодаи абзор ва меъёри ягона аст. Яъне, санҷиш (имтиҳон) бояд аз рӯйи тартиби муайян ва дар шароити якхела ба роҳ монда шавад ва дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати имтиҳонсупорандагон ба воситаи як абзори босифат ва меъёри ягона арзёбӣ гардад. Дар низоми ИМД, ки низоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аст, ки бо мақсади арзёбии воқеӣ ва одилонаи донишу маҳорати довталабон ва тақсимоти онҳо ба муассисаҳои номбурда ба воситаи Маркази миллии тестии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст, ҳамасола ин талаботи муҳим пурра риоя карда мешавад.

Агар ба кори ММТ назар афканем, дар кори хаттӣ шафофият пурра таъмин карда мешавад ва ба ин васила ормонҳои чандинсолаи мардуми Тоҷикистон амалӣ гардиданд. Ин нуктаро муҳаққиқон низ хуб баррасӣ кардаанд: «Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасии баробари шаҳрвандон ба ИМД, шаффоф баргузор гардидани ин имтиҳонҳо ва арзёбии одилонаи донишу малакаи довталабон имкону шароити мусоидро фароҳам овардааст» [85, с. 8].

Имтиҳони кори хаттии соли 2018 низ дар шароити мусоид барои ҳамаи довталабон ва бар асоси тартиби ягона баргузор гардид. Натиҷаҳои бадастовардаи довталабон ҳам аз рӯйи меъёри ягонаи холгузорӣ, ки дар раванди чанд озмоиш такмил ёфта, минбаъд қобили истифодаи он ҳамчун воситаи хуби андозагири малакаю маҳоратҳо эътироф гардидааст, арзёбӣ карда шуд.

Бар асоси тартиби муқаррааргардида яке аз талабот, аз рӯйи як мавзуи интихобшуда навиштани андешаи худ аст. Дар бахши 3.1 тартиби пешниҳоди мавзуъҳо ва номгӯйи мавзуъҳои пешниҳодгардида маълумоти муфассал дода шуд. Аз таҳлили натиҷаҳои имтиҳон бармеояд, ки бештари довталабон аз мавзуъҳои пешниҳодгардида мавзуъҳои озодро интихоб намудаанд (расми 42).




Расми 42. **Чандомад ва ҳиссаи довталабон аз рӯйи интихоби мавзуъ**

Дар расми 42 нишон дода мешавад, ки 92,24%-и довталабон мавзуи озодро интихоб намудаанд. Ин интихоб дуруст ва мантиқист, зеро фарох будани доманаи мавзуъҳое чун «Мавзуъ ва мундариҷаи асосии «Бадоеъ -ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» ва ё «Таҳлили мундариҷавии «Палатаи кунҷакӣ»-и Фазлиддин Муҳаммадиев» имкон надорад, ки дар ҳаҷми то ду саҳифа дар ин мавзуъҳо эссе  навишта шавад. Аз ин ҷост, ки 2,10% мавзуъҳоро аз адабиёти классикӣ ва 4,44% аз адабиёти муосир интихоб намудаанд. 1,23% дар мавзуъҳои дигар, ғайр аз мавзуъҳои пешниҳодгардида, эссе навиштаанд.

Агар аз як тараф навиштани кори хаттии пурмазмун талаботи муҳим бошад, аз ҷониби дигар дар ҳаҷми муайян (1, 2 ва 3) навиштани кори хаттӣ аст. Дар расми 43 таносуби шумораи довталабон ва ҳаҷми кори хаттӣ (эссе) нишон дода шудааст.




Расми 43. **Таносуби шумораи довталабон ва ҳаҷми эссе**

Он гуна ки дар маълумоти расми 1 дида мешавад, аз 14 875 нафар довталаби дар имтиҳони кори хаттӣ иштирокнамуда, 7 425 нафар, ки аз 100% 49,92%-ро ташкил медиҳад, кори хаттиро дар ҳаҷми ду саҳифа (3), 5 018 нафар (33,73%) дар ҳаҷми то якуним саҳифа (2) ва 2019 нафар (13,57%) дар ҳаҷми як саҳифа (1) навиштаанд. 413 нафар, ки 2,78% аз шумораи умумии довталабонро ташкил медиҳад, варақро холӣ супоридаанд ё дар ҳудуди ним саҳифа навиштаанд ва ё дар мавзуи дигар (ғайр аз мавзуъҳои пешниҳодшуда) эссе навиштаанд, ки аз рӯйи талаботи муқарраршуда кори онҳо санҷида нашуд ва аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо 0 (сифр) гузошта шуд.

Яке аз талаботҳои муҳимми кори хаттӣ (эссе) ин мазмунноки ва мувофиқати он ба мавзуъ мебошад. Талаботи дигар он аст, ки барои хуб эҷод шудани эссе нависандаи он бояд хуб ва ҳаматарафа мавзуъро донад. Бисёриҳо мавзуъро надониста, дар бораи ин ё он мавзуъ иншо менависанд. Таҳлили натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) нишон медиҳад, ки бештари довталабон дар навиштани кори хаттӣ на ба ҳамаи талабот ё меъёри мазмун ва мундариҷа риоя намудаанд. Азбаски ин қисми довталабон доир ба мавзуъҳои пешниҳодшуда дониши кофӣ надоранд, мавзуъро дуруст намедонанд, натавонистаанд, ки аз рӯйи талаботи 1-уми меъёри мазмун ва мундариҷа – мувофиқати мазмун ба мавзуъ холи баланд бигиранд. Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи ин талабот дар расми 44 дода шудааст.




Расми 44. **Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи талаботи 1-ум**

Чунонки дар расми 44 дида мешавад, ҳиссаи бештари онҳо (52,94% ё 7 875 нафар) аз рӯйи талаботи 1-ум (мувофиқати мазмун ба мавзуъ) 2 хол гирифтаанд. 10,91%-и довталабон (1 623 нафар) 3 хол ва 29,75% (4 426 нафар) 1 хол гирифтаанд. Ба кори хаттӣ (эссе)-и 6,39%-и довталабон (951 нафар) бинобар номувофиқатии мазмун ба мавзуъ ё дар мавзуи дигар навиштан ва ё холӣ будани варақи кори хаттӣ хол гузошта нашуд.

Аз рӯйи талаботи 2-юми меъёри мазмун ва мундарича (хулоса) низ натиҷа на он қадар хуб мебошад, зеро ҳиссаи бештари хонандагон дар ҳудуди 0 ва 1 хол қарор доранд (расми 45).




Расми 45. **Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи талаботи 2-юм**

Мувофиқи маълумоти расми 45 ба кори хаттӣ (ээсе)-и навиштаи 19,42%-и довталабон (2 889 нафар) аз рӯйи ин меъёр хол гузошта нашудааст. 47,61% (7 082 нафар) 1 хол, 28,24% (4 200 нафар) 2 хол ва 4,73% (704 нафар) 3 хол гирифтаанд. Аз рӯйи холгузорӣ ба ин меъёр метавон ба чунин натиҷа расид, ки қисми зиёди довталабон ҳангоми навиштани кори хаттӣ (эссе) фикрашонро хулоса карда наметавонанд. Дар кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи бештари онҳо ҷамъбасти фикр дида намешавад ё онҳо дар ҷамъбасти фикрашон душворӣ кашидаанд. Ин қисми довталабон муҳокимаронию хулосабарории озодона надоранд, фикрашонро бо далелҳо ҷамъбаст карда наметавонанд. Аз 14 875

нафар довталаб ҳамагӣ 704 нафар (4,73%) тавонистааст, ки мустақилона ибрози андеша ва хулосабарорӣ карда, фикрашро бо далелҳо ҷамъбаст намояд.

Натиҷаи бадастовардаи довталабонро аз рӯйи талаботи 3-юми меъёри мазмун ва мундариҷа (далелҳои баён) низ наметавон қонеъкунанда гуфт, зеро ҳамагӣ 4,75%-и онҳо (707 нафар) тавонистаанд, ки аз далелҳои баён хуб истифода намуда, андешаҳояшонро бо иқтибосҳо (зиёда аз се иқтибос) тақвият диҳанд (расми 46).




Расми 46. **Натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи талаботи 3-юм**

Аз маълумоти расми 46 бармеояд, ки аз рӯйи ин талабот 4 135 нафар (27,80%) соҳиби 4 хол ва 7 591 нафар (51,03%) соҳиби 2 хол гардидаанд. 2 442 нафар довталаб (16,42%) дар кори хаттӣ (эссе)-и навиштааш ягон далел наовардааст ва ё далелҳои овардааш ба мавзуъ мувофиқ нест. Чунонки дида мешавад, қисми ками довталабон тавонистаанд, аз рӯйи ин талабот холҳои баланд (4 ва 6 хол) гиранд. Далелҳои овардаи ин довталабон ба мавзуъ мувофиқ аст. Онҳо аз далелҳои адабӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ҳаётӣ хуб истифода намуда, андешаҳояшро бо иқтибосҳо (на камтар аз 2 далел ва ё зиёда аз 2-3-то иқтибос) тақвият дода тавонистаанд. Вале овардани далелҳои дурусту мувофиқ на ба ҳамаи довталабон муяссар шудааст.

Аз далелҳои овардаи қисми бештари довталабон метавон ба чунин натиҷа расид, ки онҳо ба маънои калимаю иборaҳо дуруст сарфаҳм намераванд, ҷойи корбурди онҳоро намедонанд. Аз ин рӯ, барои исбот ва ё тақвияти фикрашон аз далелҳо истифода карда наметавонанд. Инчунин вобаста ба ин натиҷагирӣ мо бар ин назарем, ки хонандагони муассисаҳои таълимӣ вақташонро бештар ба қориазёд кардан, ақидаи бегонаро чун ақидаи худ баён кардан  сарф мекунанд, на ба таҳлилу дарёфтани маъниҳои матнҳо ва асарҳои барои омӯзиш пешниҳодшуда. Аз ин ҷост, ки хонандагон дар кори хаттӣ (эссе)-и навиштаашон далелҳои бемаънӣ меоранд, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва байтҳо ва порчаҳои шеъриро нодуруст ва ғалат менависанд. Масалан, *«Ҳатто бузургони сухан гуфтаанд, ки вақти сухани нағз гӯи мор, аз хонааш баромадааст»* ё *«Оре чунин гуфтаанд: сухан дониста гӯй то дӯстро душман насози...»* ва ё *«Бузургворе гуфтааст: забон дар даҳон посбони сар аст, аз даҳон берун дарди сар аст»* [106]. Ва низ:

*Дӯстон оинаи якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

Боз:

*Ҳунар омӯз к-аз ҳунарманди*
*На даркушои куни на дарбанди.*

Боз:

*Дуст ояд гарм дар оғуш гир*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ.*

Боз:

*Дар ҷавонӣ сайъ кун гар бехалаф хоҳи амал*
*Меваат гар хом бошад аз дарахти навбар аст* [106].

Илова бар ин ки далелҳо – порчаҳои шеърӣ нодуруст ва пур аз  ғалатҳои имлоӣ навишта шудаанд, дар чанд маврид далелҳои овардаи довталабон ба мавзуъ мувофиқат намекунанд. Чунончи, дар иншои як нафар дар мавзуи “Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти муосири тоҷик” порчаи шеърие оварда шудааст, ки пурғалат ва ба мавзуъ ҳеч рабте надорад: «*Чуноне, ки шоир фармудааст:*

*Хомаамро бо ҳавас дар оби зар тар мекунам,*

*Номи некат зеби дафтар мекунам.*

*Навбати гуфтор чун ояд маро дар анҷуман,*

*Сарсухан бо номи ту аз пой дафтар мекунам,*

*Ҷон фидои Тоҷикистон мекунам.*

*Парчаматро доимо пар-парафшон мекунам.*

*Ин буд маълумоти мухтасар дарбораи С.А.*» [106].

Дар кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи дигар довталабон дар ҳамин мавзуъ маълумоти нодуруст ва ғайримантиқӣ, агарчи далел ҳам набошанд, зиёданд. Чунончи, «*Устод Садриддин Айнӣ соли 1878 дар вилояти Балҷувони ноҳияи Узбекистон ба дунё омадааст. Падари устод Садриддин Айнӣ Саидмуродхоҷа буда, дар оилаи заминдор ба дунё омадааст.*» Ё «*Вақте Садриддин Айнӣ ба синни 6 солагӣ расид, падару модараш ҳуҷҷатҳои ӯро бурда ба мактаби №10 -и шаҳри Душанбе супориданд.*» Ва ё «*Садриддин Айнӣ дар ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст.*» Ва ё «*Садриддин Айнӣ дар деҳаи айнӣ ба дунё омадааст... Айниро дар чилсолагӣ бо ҳамсараш туй мекунанд»* [104].

Қисми бештари довталабон аз надонистани таърих далелҳои нодуруст ва ғайримантиқӣ меоранд. Барои намуна аз ду кори хаттӣ (эссе) мисол меорем: (1) «*Тоҷикистон аввалин бор соли 1991 Конститутсия қабул намуд ва онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо талошу заҳмат ба тоҷикон ҳадя намуд.*» (2) «*Аввалин парадро дар Душанбе дар майдони Сурх гузарониданд»* [104].

Ин ҳама мисолҳои овардашуда бе тағйирот аз кори хаттии (эссе)-и довталабон дар ИМД соли 2018 гирифта шудааст.

Донишманди шинохта А. Мулло зимни овардани қоидаҳои иқтибос дар иншо менависад, ки; «Иқтибос зеби иншо аст, бо кумаки он маънию ғояи асари бадеӣ равшан инъикос меёбад» [74, с. 332] ва дар зимн чор қоидаи муҳимро зикр мекунад.

Чунонки аз таҳлили кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи довталабон бармеояд, ҳиссаи бештари онҳо умуман ин қоидаҳоро риоя намекунанд. Бинобар ин

навиштаҳояшон пурғалат, иқтибосҳои овардаашон нодурусту ғайримантиқианд. Азбаски тафаккурашон рушд накардааст, мантиқи баёнашон хароб, барои исбот ва ё тақвияти фикрашон аз далелҳо истифода карда наметавонанд.

Аз натиҷаи холгузорӣ аз рӯйи талаботи 4-уми меъёри мазмун ва мундариҷа (тартиб ва мантиқи баён) низ бармеояд, ки бештари хонандагон ин талаботро риоя накардаанд (расми 47).




Расми 47. **Холгузорӣ аз рӯйи меъёри 4-ум**

Чунонки дар расми 47 дида мешавад, ба кори хаттӣ (эссе)-и 13,29%-и довталабон (1 977 нафар) бинобар мувофиқ набудан ба талабот аз рӯйи ин меъёр хол гузошта нашудааст ва ё бинобар ҷо-ҷо бо тартиб баён кардани андеша ба иншо (эссе)-и 48,96% (7 283 нафар) 2 хол дода шудааст. Ба кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи 33,94% (5 049 нафар) бинобар риояи тартиби баён 4 хол ва ба кори хаттӣ (эссе)-и 3,81% (566 нафар) бинобар хуб будани тартиби баён ва мустақилона андешаронӣ кардан 6 хол дода шудааст.

Мувофиқи талабот мукаммалии эссе, ҳаматарафа баррасӣ шудани мавзуъ, ба пайванди мантиқии сарсухан, тезисҳо (мулоҳизаронииҳо) ва хулоса вобаста аст. Яъне мулоҳизаронииҳои эссенавис бояд мантиқӣ бошанд, пайванди мантиқию маъноии андешаҳо дар сарсухан, тезисҳо ва хулоса риоя шавад.

Риоя нагардидани пайванди мантиқию маъноии андешаҳо – набудани пайванди мантиқии сарсухан, мулоҳизарониҳо ва хулоса далели он аст, ки нависандаи эссе масъаларо дуруст дарк накардааст ва доир ба он фаҳмишу маълумоти хуб надорад [6-М; 8-М; 9-М; 10-М].

Ҳангоми санҷиш ва холгузорӣ ба кори хаттии довталабон маълум гардид, ки қисме аз онҳо дар навиштани кори хаттӣ (эссе) ба тартиб ва мантиқи баён диққат намедиҳанд. Бинобар надоштани дониши хуби забонӣ ва рушд накардани нутқи хаттӣ дар кори хаттӣ (эссе)-и ҳиссаи бештари довталабон (62,25%) тартиб ва пайдарҳамии фикр на ҳамеша риоя шудааст.

Илова бар ин тарзи баёни довталабон дар бисёр ҳолатҳо нодуруст ва мантиқи ҷумлаҳо хароб аст. Чунонки дар ин ҷумла мебинем: *«Ғайр аз ин – вақте ки мо аз омухтани ин гуна илмҳои хориҷӣ саркаши намоему наомузем ба мисли шоири забардасти тоҷик Аҳмади Дониш мегардем.»* [106]. Ва ё дар эссеи навиштаи довталаби дигар дар мавзуи «Ҷавонони асри XXI чӣ гуна бошанд?» чунин ҷумлаҳо дида шуд, ки ҳеч пайванде бо дигар мулоҳизарониҳои ӯ надорад: *«Ин гуфтаҳои пешвои миллатро ҷавонон пазируфта ба дунёи рангину пурмоҷаро, ҳавасмандгардонии онҳо гардид. Имрӯзҳо ҷавонон дар пояи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, дӯстиву рафоқати зиндагии осоишта мегузаронанд. Ҷавонон дар соҳаи гуногун яъне: омӯзгор, духтур, ронанда, деҳқон, усто ва дигар ҳунарҳои миллии хешро бо сарбаландона кор ва фаъолият менамоянд, ки боиси ифтихори президентамон мегардад»* [106].

Дар бештари кори хаттӣ (эссе)-ҳо чунин тарзи баёни нодуруст ва ҷумлаҳои мантиқан хароб дида мешавад. Маълум мешавад, ки омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва забони давлатӣ дар МТМУ ба таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик бетаваҷҷуҳӣ зоҳир менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаи бадастовардаи довталабон аз рӯйи чор талаботи меъёри мазмун ва мундариҷаи кори хаттӣ (эссе) на он қадар қонеъкунанда аст (расми 48).




Расми 48. **Тақсимоти довталабон аз рӯйи натиҷаи чор талаботи меъёри мазмун ва мундариҷаи кори хаттӣ (эссе)**

Чунонки аз нишондодҳои расми 48 бармеояд, аз рӯйи ин меъёр аз шумораи умумӣ 6,18%-и довталабон хол нагирифтаанд. 16,54%-и довталабон дар ҳудуди 1-5 хол ва 66,46% дар ҳудуди 6-12 хол қарор доранд. Ҳиссаи довталабоне, ки аз 13 то 17 хол гирифтаанд, 9,73%-ро ташкил медиҳад. Ҳамагӣ 1,09%-и довталабон (аз 14 875 нафар 162 довталаб) аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи кори хаттӣ 18 холи имконпазири ҳадди аксар (ШИБХ)-ро ба даст овардаанд. Холи миёнаи довталабон аз рӯйи ин меъёр 7,85 аст, ки 43,61%-и ШИБХ (18 хол)-ро ташкил медиҳад.

Донишманди тоҷик Б. Камолиддинов дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум» навиштааст, ки «Риояи меъёри забон дар гуфтору навиштаҷот аз саводнокии шахс, маданияту дониши ӯ шаҳодат медиҳад» [43, с. 219]. Ва ё С. Аминов дар китоби «Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» яке аз вазифаҳои омӯзиши забон дар синфҳои 10-11-ро «такмили саводи имлоӣ ва аломатҳои китобат» [16, с. 3] донистааст. Агар натиҷаҳои бадастовардаи довталабонро аз рӯйи ин нуқтаи назарҳо таҳлил намоем, наметавонем, ки бештари онҳоро саводнок ва дорои маданияту дониш бидонем ва вазифаҳои омӯзиши забон дар синфҳои 10-11-ро иҷрошуда ҳисобем.

Таҳлили кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи довталабон аз рӯйи меъёри саводнокӣ нишон медиҳад, ки меъёри забон риоя нашудааст: шумораи ғалатҳои имлоӣ, аломати китобат, грамматикӣ ва услубӣ, сарфи назар аз ҳаҷми кори хаттӣ, дар ҳамаи корҳои хаттӣ зиёданд. Бештари довталабон калима ва ҷумлаҳоро беғалат навишта наметавонанд. Дар расмҳои 49-51 чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба риоя нагардидани қоидаҳои имло, грамматикава, услуб ва истифодаи аломати китобат нишон дода шудааст.




Расми 49. **Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба риоя нагардидани қоидаҳои имло**

Дар расми 49 дида мешавад, ки дар кори хаттӣ (эссе)-и 38,16%-и довталабон беш аз 15 ғалати имлоӣ роҳ ёфтааст. Кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи 13,58%-и довталабон аз 12 то 14 ғалат, 15,31% аз 9 то 11 ғалат, 15,53% аз 6 то 8 ғалат ва кори хаттӣ (эссе)-и 12,75% аз 3 то 5 ғалат дорад. Танҳо 4,67%-и довталабон кори хаттӣ (эссе)-ро бе ғалати имлоӣ ва ё бо 1-2 ғалат навиштаанд.

Ҳолатҳои риоя нагардидани қоидаҳои имло дар кори хаттӣ (эссе)-и довталабон хеле зиёданд. Мо чанд ҳолатро дар зер номбар мекунем.

1. Имлои нодурусти ҳарфи ӯ дар калимаҳои *кӯшиш (кушиш), хӯрдан (хурдан), Ӯзбекистон (Узбекистон), нагӯед (нагуед), дӯст (дуст), тӯй (туй), омӯхтан (омухтан), омӯзгор (омузгор), ҷустуҷӯ (ҷустуҷу), рӯзгор (рузгор), оғӯш (оғуш)* ва ғайраҳо.

2. Имлои нодурусти ҳарфи ӣ дар калимаҳои решагии *курсӣ (курси), водӣ (води), маънӣ (маъни)* ва ғайра.

3. Имлои нодурусти пасванди исмсози -ӣ дар калимаҳои *некӣ (неки), хушбахтӣ (хушбахти), зебоӣ (зебои), бесаводӣ (бесаводи), саркашӣ (саркаши), ҳунармандӣ (ҳунарманди), даркушоӣ (даркушои), дарбандӣ (дарбанди)* ва ғайра.

4. Имлои нодурусти пасванди сифатсози -ӣ дар калимаҳои *тоҷикӣ (забони тоҷики), ғарбӣ (кишварҳои ғарби), ...* ва ғайра.

5. Имлои нодурусти бандаки феълии -ӣ дар калимаҳои *рафтӣ (рафти), тавонӣ (то тавони), гӯӣ (сухани нағз гӯи)* ва ғайра.

6. Афтидани ҳарфи ъ дар калимаҳои *баъд (бад аз истиқлолият), суръат (бо сурат), бемаънӣ (сухани беманӣ)* ва ғайра.

7. Имлои нодурусти исмҳои хоси *Президент (президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), Пешвои миллат (пешвои миллат), Саъдии Шерозӣ (Саъди Шерозӣ), Қорӣ-ишкамба (Қорӣ-Ишкамба), Майдони Сурх (майдони Сурх), Айнӣ (деҳаи айнӣ), Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон (донишкадаи “Славянский” дар шаҳри Душанбе)* ва ғайра.

8. Имлои нодурусти пешояндҳои *ба (шумоба), дар (да и ҷо), дар бораи (да бораи, дарбораи), оид ба (оиди асарҳои Айнӣ), нисбат ба (нисбати ӯ).*

9. Имлои нодурусти калимаҳои *фоида (фойида), парафшон (пар-парафшон), саъй (сайъ), бехалал (бехалаф), 6-солагӣ (6 солагӣ)* ва ҷумлаҳои *ҷавоб медиҳад (ҷавоб метият), гум макун (гум накун)* ва ғайра.

10. Имлои нодурусти зарфҳои *дарҳол (дар ҳол аз ту хафа мешавад), барвақт (Ман бар вақт ин орзуро мекардам...)* ва пайвандаки *чунонки (Чуноне, ки шоир фармудааст...)* ва ғайра.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки такмили саводи имлоӣ ва аломатҳои китобат бо хатми мактаби миёна ба охир намерасад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар низ дар дарсҳои забони тоҷикӣ таълими имло идома меёбад, то донишомӯзон минбаъд ба дурусту беғалат навиштан одат кунанд. Ин ҷо ба як навиштаи муаллифони китоби дарсии «Забони тоҷикӣ

(дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултети иқтисод ва идора» метавон ишора намуд: «Қоидаҳои навишти дурустро дар бахши имло меомӯзанд. Якҷоя навиштан, бо дефис, аз ҳам ҷудо навишта шудани калима, аз сатр ба сатри дигар кӯчондани ҳиссаи калима, бо ҳарфи калон ва хурд навишта шудани он аз мавзуъҳои имло ба шумор меравад» [47, с. 25].

Д. Хоҷаев, Ф. Зикриёев ва М. Саломов дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ (Наҳв). Китоби дарсӣ барои синфи 9-ум» дуруст навиштаанд, ки «Аломатҳои китобат дар нутқи хаттӣ вазифаҳои муҳимми маъноӣ ва грамматикӣ доранд. Онҳо ҳиссаҳои ҷумларо ҷудою таъкид карда, ҳудуди ҷумлаҳоро муайян менамоянд. Матне, ки бо риояи аломатҳои китобат таълиф шудааст, фаҳмо, пуртаъсир ва хондани он равону осон аст» [100, с. 12].

Мутаассифона, матн (ээсе)-и довталабон на ҳамеша бо риояи аломатҳои китобат навишта шудааст. Аз ин ҷост, ки эссеи навиштаи бештари довталабон нофаҳмову бетаъсир ва ҳатто, пурғалату бемаъност. Ҳиссаи довталабон вобаста ба риоя нагардидани қоидаҳои истифодаи аломати китобат дар расми 50 нишон дода шудааст.




Расми 50. **Ҳиссаи довталабон вобаста ба риоя нагардидани қоидаҳои истифодаи аломати китобат**

Ҳиссаи довталабоне, ки кори хаттӣ (эссе)-ро бо бештар аз 12 ғалати аломати китобат навиштаанд (расми 50) 21,59% (3 123 нафар)-ро ташкил медиҳад. 17,90%-и довталабон (2 589 нафар) дар навиштани кори хаттӣ аз 9 то 11 ғалат, 26,85% (3 883 нафар) аз 6 то 8 ғалат ва 25,04% (3 621 нафар) аз 3 то 5

ғалати аломати китобат кардаанд. 8,62% (1 246 нафар) иншоро бе ғалат ва ё бо 1-2 ғалати аломати китобат навиштаанд.

Чунонки дида мешавад, ҳолатҳои риоя нагардидани қоидаҳои истифодаи аломати китобат дар кори хаттӣ (эссе)-и довталабон низ зиёд аст. Дар зер чанд ҳолатро зикр мекунем.

1. Гузоштани аломати вергул дар пайвандакҳои таркибӣ: *вақте, ки; барои он, ки; ба шарте, ки; бо вуҷуди он, ки* ва ғайра.

2. Нагузоштани аломати вергул пеш аз пайвандакҳо: "С*ухан дониста гӯй то...", "Ҳунар омӯз к-аз ҳунарманди...", "Дар ҷавонӣ сайъ кун гар бехалаф хоҳи амал...", "Меваат гар хом бошад...", "Ғайр аз ин – вақте ки мо...",* "*Одам вақте ки ба дунё меояд..."* ва ғайра.

3. Нагузоштани аломати вергул пас аз ҳиссача: "*Оре чунин гуфтаанд..", "Бале мардуми мо...", "Не мо бояд ба дӯстамон сухани бад нагӯем."* ва ғайра.

4. Нагузоштани аломати нохунак дар нутқи айнан нақлшуда: "*Оре чунин гуфтаанд: дӯстро душман насози.", "Бузургворе гуфтааст: забон дар даҳон посбони сар аст, аз даҳон берун дарди сар аст."* ва монанди инҳо.

5. Нагузоштани аломатҳои вергул ва нуқта дар порчаҳои шеърӣ:

*Ҳунар омӯз к-аз ҳунарманди*
*На даркушои куни на дарбанди*

*Дар ҷавонӣ сайъ кун гар бехалаф хоҳи амал*
*Меваат гар хом бошад аз дарахти навбар аст*

*Дуст ояд гарм дар оғуш гир*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ*

5. Нагузоштан ва ё ноҷо гузоштани аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаб: *"Ғайр аз ин – вақте ки мо аз омӯхтани ин гуна илмҳои хориҷӣ саркаши намоему наомӯзем ба мисли шоири забардасти тоҷик Аҳмади Дониш мегардем.", "Ин гуфтаҳои пешвои миллатро ҷавонон пазируфта ба дунёи рангину пурмоҷаро, ҳавасмандгардонии онҳо гардид.", "Ҷавонон дар соҳаи*

*гуногун яъне: омӯзгор, духтур, ронанда, деҳқон, усто ва дигар ҳунарҳои миллии хешро бо сарбаландона кор ва фаъолият менамоянд, ки боиси ифтихори президентамон мегардад."* ва ғайраҳо.

6. Гузоштани нуқта ба ҷойи аломати савол: "*Аз кадом одам Худо безор аст гуфтаанд.", "Магар Тоҷикистон бе техника ва технологияи нав пеш меравад."* ва ғайраҳо.

7. Барои идома ва такмили донишҳои мактабӣ дар муассисаҳои олии кишвар низ аломатҳои китобат ҳангоми таълими фанни забони тоҷикӣ омӯзонда мешаванд. Чунончи, дар мавзуи " Наҳв ва аломатҳои китобат" зикр мегардад, ки "Аломатҳои китобат ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: аломатҳое, ки дар дохили ҷумла меоянд ва аломатҳое, ки дар охири ҷумла гузошта мешаванд. Фақат барои гузоштани аломати вергулдаҳ ҳолатро зикр мекунанд." Муаллифон доир ба тамоми аломатҳои китобат ҳудуди 36 саҳифа бо овардани мисолҳо маълумот пешниҳод кардаанд. [ с. 99-134]

Нишондод аз рӯйи риояи қоидаҳои грамматика/услуб нисбатан беҳтар аст (расми 51).




Расми 51. **Ҳиссаи довталабон вобаста ба риоя нагардидани қоидаҳои грамматика ва услуб**

Чунонки дар расми 51 дида мешавад, ҳиссаи довталабоне, ки ба ягон ғалати грамматикӣ, ё услубӣ роҳ надодаанд ва ё 1 ғалат кардаанд 35,94%-ро

ташкил медиҳад (5 197 нафар). Дар кори хаттӣ (эссе)-и 39,22%-и довталабон (5 672 нафар) аз 2 то 4 ғалати грамматикӣ, ё услубӣ дида мешавад. Кори хаттӣ (эссе)-и 15,22% (2 201 нафар) аз 5 то 7 ва 9,63% (1 392 нафар) зиёда аз 8 ғалати грамматикӣ, ё услубӣ дорад.

Ҳарчанд нишондодҳо, мувофиқи расми 51, хуб ба назар мерасанд, вале ҳолатҳои риоя гардидани қоидаҳои грамматика ва услуб дар кори хаттӣ (эссе)-и довталабонро наметавон қаноатбахш ҳисобид. Зеро дар бисёр мавридҳо алоқаи калимаҳо дар ҷумла нодуруст ва ҷумлаҳо бемаънию дур аз мантиқанд. Мо ин ҷо ба чор ҳолати риоя нагардидани қоидаҳои грамматика ва услуб ишора мекунем.

1. Мувофиқат накардани хабари ҷумла ба мубтадо:

“*Он ҳайвоне, ки сухан карда наметавонанд, мо бо инсони комил будани худ мефахрем.*”; “*Одам бояд пеш аз сухан кардан ба рӯйи ҳамон одам нигоҳ кардан даркор аст.*”; *Одам вақте ки ба дунё меояд, яъне фарзанди ҳар як шахс падару модари ӯ кушиш мекунад, ки ӯро ба мактаб диҳад ва ба ӯ одобу рафтори нек диҳад ва таҳти назорати фарзандаш бошад, намонад.*”; “*Бузургон гуфтааст, ки забондонӣ – ҷаҳондонӣ.”, “Нақши устод дар ҳаёти ман падарам мебошанд”* ва ғайра.

2. Истифодаи  калима бо маънои дигар:

“*Дар ҷавонӣ сайъ кун гар бехалаф хоҳи амал.”; “Сарсухан бо номи ту аз пой дафтар мекунам.”; “Бояд ба мисли дарахти себ саҳм гузошта бошем.”; “Бояд пеши роҳи ин гуна ҷавонони номатлубро гирем.”*; “*Пас, биёед, ҳамаи мо орзуҳои ширинамонро аз овони дил мепарваридем.”*; “*Ҳунар калиди сарчашмаи инсоният мебошад.”; “Тоҷикистон бо дигар сайёраҳо робитаи зич дорад.”; “Ғайр аз ин – вақте ки мо аз омӯхтани ин гуна илмҳои хориҷӣ саркаши намоему наомӯзем ба мисли шоири забардасти тоҷик Аҳмади Дониш мегардем.”, “Худованд ҳамеша ба муридони худ мегӯяд, ки шумо ҳеҷ гоҳ худро пиру кампир нагуед...”, “Ҷавонони мо Ватанамро хиёнат намекунам.”; “Тоҷикистонро бо будани асарҳои таърихӣ ва ҳунарҳои мардуми қадим намуна ва ягона мебошад.”, “Мо намегузорем, ки дар байни дӯстиамон хор халад.”* ва ғайраҳо.

3. Истифодаи калимаҳои шевагӣ ва омиёна:

*“Ҳозир ҳама давлатҳо хеле ганда ривоҷ мешудааст. Тоҷикистон ҳам хеле гандаи ганда нею лекин миёнтар.”; “Ман ҳам ба техника ганда қизиқ мешавам.”; “Хулоса одами дурӯғгӯро Худовандам шум мебина.”; “Бачаҳои ёш техникаба қизиқ доранд.”, “Инсон бояд суханлаққӣ накунад ...”* ва монанди инҳо.

4. Надонистани вазифаи грамматикии пешоянду пасояндҳо:

“... *бо сарбаландона кор ва фаъолият менамоянд.*”; *“Ҷавонони мо Ватанамро хиёнат намекунам.”; “Тоҷикистонро бо будани асарҳои таърихӣ ва ҳунарҳои мардуми қадим намуна ва ягона мебошад.”* ва ғайраҳо.

Овардани далелҳои бемаънӣ ва ба мавзуъ рабтнадошта, маълумоти нодуруст ва бемантиқ, нодуруст ва бо ғалат навиштани зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, байтҳо ва порчаҳои шеърӣ низ ба ҳамин гурӯҳи ғалатҳо дахл доранд, ки мо пештар ба намунаҳои онҳо ишора намудем.

Бо холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе)-и навиштаи довталабон вобаста ба риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат маълум гардид, ки нишондиҳандаи натиҷаи бадастовардаи ҳиссаи бештари онҳо қонеъкунанда нест (расми 52).




Расми 52. **Тақсимоти довталабон аз рӯйи меъёри «Саводнокӣ»**

Аз маълумоти расми 52 бармеояд, ки аз аз шумораи умумии довталабон бештарашон (65,36%) аз рӯйи меъёри саводнокӣ (риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат) 1-6 хол гирифтаанд. Ҳиссаи довталабони 7-10 холгирифта 19,36%-ро ташкил медиҳад. Ҳамагӣ 2,83%-и довталабон (аз 14 875 нафар 420 довталаб) кори хаттӣ (эссе)-ро бе ғалат ё бо 1-2 ғалати имлоӣ ва аломати китобат ва 1 ғалати грамматикӣ/услубӣ навишта, соҳиби 11-12 хол гардидаанд. 1 852 нафар (12,45%) аз рӯйи ин меъёр хол нагирифтаанд. Холи миёнаи довталабон аз рӯйи ин меъёр 3,97 аст, ки 33,10% -и 12 холро ташкил медиҳад.

Бо ҳисоби холи гирифтаи довталабон аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо (мазмуну мундариҷа ва саводнокӣ – риояи қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат) маълум гардид, ки натиҷаи умумии бадастовардаи онҳо на он қадар қонеъкунанда аст (ҷадвали 20 ва расми 53).

Аз нишондодҳои ҷадвали 20 ва расми 53 бармеояд, ки ҳиссаи довталабоне, ки то 50%-и ШИБХ (аз 0 то 15 хол)-ро гирифтаанд, 71,85%-ро ташкил медиҳад. Аз ин гурӯҳ 3,85% (572 нафар) хол нагирифтаанд, вале 11,29% дар ҳудуди 1-5 хол ва ҳиссаи бештар (56,71%) дар ҳудуди аз 5 то 15 хол қарор доранд. Беш аз 50%-и ШИБХ (аз 16 то 30 хол)-ро 28,15%-и довталабон гирифтаанд. Аз ин қисм 23,93% аз 16 то 23 хол, 4,05% аз 24 то 29 хол ва ҳамагӣ 0,17% (25 нафар) 30 холи имконпазири ҳадди аксарро гирифтаанд. Холи миёнаи довталабон аз рӯйи ҳамаи меъёрҳо 11,82 аст, ки 39,40%-и ШИБХ 30 холро ташкил медиҳад.

Мувофиқи меъёрҳои холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) андешаронии ҳамагӣ 4,22%-и довталабон муфассалу пурра ва фарогири муҳтавои мавзуъ аст. Ин гурӯҳи довталабон тавонистаанд, ки мустақилона ибрози андеша ва хулосабарорӣ намуда, фикрашонро бо далелҳо исбот ва ҷамъбаст намоянд. Мантиқи баён, пайдарпайии андеша дар кори онҳо риоя шудааст. Бинобар ин ба кори хаттии ин довталабон холи баланд гузошта шуд.

**Ҷадвали 20. Холгузорӣ аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундариҷа» ва «Саводнокӣ» (натиҷаи умумӣ)**

| **Меъёри ҳаҷм – 0-3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хол** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **22** | **23** | **24** | **25** | **26** | **27** | **28** | **29** | **30** | **Холи миёна** |
| **Чанд-омад** | 572 | 306 | 276 | 313 | 343 | 442 | 666 | 901 | 102 | 100 | 941 | 893 | 804 | 776 | 728 | 695 | 683 | 568 | 521 | 488 | 402 | 355 | 312 | 231 | 145 | 136 | 109 | 82 | 68 | 63 | 25 | |
| **Ҳисса** | 3,85 | 2,06 | 1,86 | 2,10 | 2,31 | 2,97 | 4,48 | 6,06 | 6,89 | 6,76 | 6,33 | 6,00 | 5,41 | 5,22 | 4,89 | 4,67 | 4,59 | 3,82 | 3,50 | 3,28 | 2,70 | 2,39 | 2,10 | 1,55 | 0,97 | 0,91 | 0,73 | 0,55 | 0,46 | 0,42 | 0,17 | |
| | **71,85%** | | | | | | | | | | | | | | | | **28,15%** | | | | | | | | | | | | | | | **11,82** |




Расми 53. **Холгузорӣ аз рӯйи меъёрҳои «Мазмун ва мундариҷа» ва «Саводнокӣ»**

## 3.3. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ

Дар диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар имтиҳони кори хаттӣ (эссе) аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ: шумораи довталабони аз ҳар минтақа дар имтиҳон иштироknамуда ва холи миёнаи бадастовардаи онҳо таҳлил карда шуд.

Дар ҷадвали 21 шумораи довталабони дар имтиҳони кори хаттӣ (эссе)-и соли 2018 иштироkнамуда аз ҳар минтақа ва ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ дода шудааст.

**Ҷадвали 21. Шумораи иштирокдорони имтиҳон аз шаҳру ноҳияҳо ва хориҷи кишвар**

| № т/р | Ноҳия/шаҳр | Шумораи довталаб | № т/р | Ноҳия/шаҳр | Шумораи довталаб |
|---|---|---|---|---|---|
| **Шаҳри Душанбе** | | | 9 | н. Варзоб | 192 |
| 1 | н. Сино | 699 | 10 | н. Шаҳринав | 182 |
| 2 | н. Фирдавсӣ | 474 | 11 | н. Файзобод | 155 |
| 3 | н. Шоҳмансур | 321 | 12 | н. Рашт | 129 |
| 4 | н. И. Сомонӣ | 272 | 13 | н. Лахш | 87 |
| **Ҷамъ:** | | **1766** | 14 | н. Нуробод | 61 |
| **ШНТҶ** | | | 15 | ш. Роғун | 36 |
| 5 | н. Рӯдакӣ | 568 | 16 | н. Сангвор | 34 |
| 6 | ш. Ваҳдат | 388 | 17 | н. Тоҷикобод | 33 |
| 7 | ш. Турсунзода | 365 | **Ҷамъ:** | | **2593** |
| 8 | ш. Ҳисор | 363 | | | |
| | | | 27 | н. Ҷ. Расулов | 208 |
| 18 | н. Б. Ғафуров | 718 | 28 | ш. Конибодом | 144 |
| 19 | ш. Панҷакент | 361 | 29 | н. Мастчоҳ | 93 |
| 20 | ш. Истаравшан | 339 | 30 | н. Зафаробод | 86 |
| 21 | ш. Хуҷанд | 321 | 31 | ш. Гулистон | 77 |
| 22 | н. Ашт | 288 | 32 | н. Шаҳристон | 60 |
| 23 | ш. Исфара | 268 | 33 | ш. Бӯстон | 58 |
| 24 | н. Айнӣ | 252 | 34 | н. Кӯҳистони Мастчоҳ | 32 |
| 25 | н. Спитамен | 219 | 35 | ш. Истиқлол | 8 |
| 26 | н. Деваштич | 216 | **Ҷамъ** | | **3748** |

**Ҷадвали 21. Шумораи иштирокдорони имтиҳон аз шаҳру ноҳияҳо ва хориҷи кишвар (давомаш)**

| № т/р | Ноҳия/шаҳр | Шумораи довталаб | № т/р | Ноҳия/шаҳр | Шумораи довталаб |
|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Хатлон** | | | | | |
| 36 | ш. Кӯлоб | 683 | 49 | н. Шаҳритус | 198 |
| 37 | н. Восеъ | 541 | 50 | н. Панҷ | 195 |
| 38 | н. Фархор | 409 | 51 | н. Қубодиён | 189 |
| 39 | н. Данғара | 379 | 52 | н. Дӯстӣ | 147 |
| 40 | н. Ҳамадонӣ | 367 | 53 | н. Хуросон | 132 |
| 41 | н. Кӯшониён | 346 | 54 | н. Темурмалик | 125 |
| 42 | н. Ёвон | 307 | 55 | н. Ҷайҳун | 112 |
| 43 | н. Ҷ. Балхӣ | 307 | 56 | н. Ховалинг | 99 |
| 44 | н. Вахш | 281 | 57 | ш. Леваканд | 96 |
| 45 | н. Муъминобод | 267 | 58 | ш. Норак | 80 |
| 46 | н. Ш. Шоҳин | 236 | 59 | н. Балҷувон | 61 |
| 47 | ш. Бохтар | 224 | 60 | н. Н. Хусрав | 48 |
| 48 | н. А. Ҷомӣ | 209 | **Ҷамъ:** | | **6038** |
| **ВМКБ** | | | | | |
| 61 | н. Ишкошим | 167 | 67 | н. Дарвоз | 56 |
| 62 | н. Шуғнон | 122 | 68 | н. Мурғоб | 1 |
| 63 | н. Рӯшон | 106 | **Ҷамъ:** | | **729** |
| 64 | н. Роштқалъа | 104 | **Хориҷи кишвар** | | **1** |
| 65 | н. Ванҷ | 103 | **Ҳамагӣ** | | **14875** |
| 66 | ш. Хоруғ | 70 | | | |

Мувофиқи маълумоти ММТНПҶТ дар имтиҳони кори хаттӣ (эссе) 15 370 нафар довталаб иштирок намуд. Аз ин шумора 14 875 нафар (96,78%) кори хаттиро бо забони тоҷикӣ навиштанд, ки дар ҷадвали 21 нишон дода шуд. Мувофиқи ин ҷадвал шумораи камтарини иштирокчиён 1 нафар аз хориҷи кишвар ва ноҳияи Мурғоб ва 8 нафар аз шаҳри Истиқлол ва шумораи бештарин – 718 нафар аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аст. Шумораи довталабони шаҳри Душанбе – 1 766 нафар, ШНТҶ – 2 593 нафар, вилояти Суғд – 3 748 нафар, вилояти Хатлон – 6 038 нафар ва ВМКБ 729 нафарро ташкил медиҳад.

Яке аз талаботи муҳим дар арзёбии дастовардҳои таълимӣ муайян намудани холи миёнаи иштирокчиёни санҷиш ва ё имтиҳон аст. Холи миёна нишондиҳандаи умумии сифати таълим ва ё дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати гурӯҳи муайяни хонандагон аст. Он имкон медиҳад, то дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои як ё якчанд гурӯҳи хонандагон дар муқоиса арзёбӣ карда шавад. Қимати холи миёнаро бо ҷамъ кардани холҳои бадастовардаи ҳамаи хонандагони дар санҷиш ё имтиҳон иштироknамуда ва тақсими он ба шумораи умумӣ муайян мекунанд [25, с. 79; 48, с. 108].

Аз рӯйи шумораи довталабони ҳар шаҳру ноҳия ва шумораи умумӣ холи миёнаи бадастовардаи онҳо ҳисоб карда шуд. Қимати холи миёнаи ҳамаи довталабон аз кори хаттӣ (эссе) дар миқёси ҷумҳурӣ 11,82 аст, ки 39,40%-и ШИБХ (30 хол)-ро ташкил медиҳад.

Агар холи миёнаи бадастовардаи довталабони шаҳру ноҳияҳои ҳар минтақаро алоҳида дар муқоиса бо холи миёна дар ҷумҳурӣ аз назар гузаронем, (расмҳои 54-58) мебинем, ки натиҷаи бадастовардаи довталабони якчанд шаҳру ноҳияҳо хуб ва қонеъкунанда аст.




Расми 54. **Муқоисаи холи миёнаи довталабони ноҳияҳои шаҳри Душанбе**

Аз маълумоти расми 54 чунин бармеояд, ки холи миёнаи довталабони ноҳияҳои шаҳри Душанбе аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд аст. Аз 30 холи ШИБХ холи миёнаи довталабони ноҳияи Сино аз ҳама баландтарин (13,92 хол) ва холи миёнаи довталабони ноҳияи Шоҳмансур аз ҳама пасттарин (12,41 хол) аст, ки ин мутаносибан 46,40% ва 41,37%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад. Холи

миёнаи довталабони ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Фирдавсӣ мутаносибан 12,86 (42,87%-и ШИБХ) ва 12,73 (42,43%-и ШИБХ) аст.

Агар холҳои миёнаи довталабони ноҳияҳои шаҳри Душанберо бо тарзи рейтинги ҳамгиро ва ё интегралӣ аз назар гузаронем, аз рӯйи холҳои миёнаи нисбатан баландтар ва пасттар дар ҷойи 1-ум довталабони ноҳияи Сино ва дар ҷойи охир довталабони ноҳияи Шоҳмансур қарор мегиранд.

Муқоисаи холи миёнаи довталабони ШНТҶ дар расми 55 дода шудааст.




Расми 55. **Муқоисаи холи миёнаи довталабони ШНТҶ**

Муқоисаи холи миёнаи довталабони ШНТҶ (расми 55) нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи натиҷаи бадастовардаи довталабони ноҳияҳои Варзоб, Файзобод, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Сангвор ва шаҳрҳои Ҳисор, Турсунзода ва Ваҳдат аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд ва натиҷаи бадастовардаи довталабони шаҳри Роғун ва ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Лахш ва Тоҷикобод аз он паст аст. Холи миёнаи аз ҳама баландтарин – 14,53-ро довталабони ноҳияи Варзоб ва аз ҳама пасттарин 6,52-ро довталабони ноҳияи Тоҷикобод гирифтаанд, ки ин мутаносибан 48,43% ва 21,73%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад.

Бо тарзи рейтинги ҳамгиро ва ё интегралӣ таҳлил намудани натиҷаҳои бадастовардаи довталабони ШНТҶ нишон медиҳад, ки аз рӯйи холҳои миёнаи нисбатан баландтар ва пасттар дар ҷойи 1-ум довталабони ноҳияи Варзоб ва дар ҷойи охир довталабони ноҳияи Тоҷикобод қарор мегиранд.

Нишондиҳандаи дастовардҳо – холи миёнаи довталабони вилояти Суғд ба таври муқоиса, дар расми 56 дода шудааст.




Расми 56. **Муқоисаи холи миёнаи довталабони вилояти Суғд**

Чунонки аз муқоисаи холи миёнаи довталабони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бармеояд (расми 56), холи миёнаи довталабони шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Бӯстон, Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Гулистон, Истиқлол ва ноҳияҳои Б. Ғафуров, Айнӣ ва Ашт аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд ва холи миёнаи довталабони ноҳияҳои Зафаробод, Деваштич, Мастчоҳ, Шаҳристон, Ҷ. Расулов, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Спитамен аз он паст аст. Агар бо истифода аз рейтинги интегралӣ натиҷаҳоро таҳлил кунем, холҳои миёнаи аз ҳама баландтаринро довталабони шаҳрҳои Исфара, Конибодом ва Бӯстон (мутаносибан 15,25, 15,25 ва 15,09 хол) ва холи миёнаи аз ҳама пасттарин 9,97-ро довталабони ноҳияи Спитамен гирифтаанд. Яъне дар ҷойҳои аввалро довталабони шаҳрҳои Исфара, Конибодом ва Бӯстон ва ҷойи охиринро довталабони ноҳияи Спитамен ишғол мекунанд.

Дастоварди довталабони шаҳрҳои Исфараю Конибодом (50,83%) ва Бӯстон (50,30%) бештар аз 50%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад, ки ба ин нишондод дастоварди довталабони ноҳияи Б. Ғафуров (48,80%) ва шаҳри Хуҷанд (47,63%) наздик аст. Аммо натиҷаи бадастовардаи довталабони ноҳияҳои Ҷ. Расулов,

Кӯҳистони Мастчоҳ ва Спитамен мутаносибан 35,10%, 34,07% ва 33,23%-и ШИБХ аст.

Дар расми 57 муқоисаи холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон дода шудааст.




Расми 57. **Муқоисаи холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон**

Муқоисаи холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон (расми 57) нишон медиҳад, ки танҳо холи миёнаи довталабони шаҳри Норак ва ноҳияи Данғара аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд аст, ки мутаносибан 14,06 ва 11,93 хол ва ё 48,87% ва 39,77%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад. Холи миёнаи довталабони шаҳру ноҳияҳои дигари вилояти Хатлон аз холи миёна дар ҷумҳурӣ паст аст. Дар байни ин шаҳру ноҳияҳо натиҷаи аз ҳама пасттаринро довталабони ноҳияҳои Шаҳритус ва Носири Хусрав, мутаносибан 6,65 ва 5,63 хол ва ё 22,17% ва 18,77%-и ШИБХ, нишон додаанд.

Агар натиҷаҳои бадастовардаи довталабони вилояти Хатлонро бо истифода аз рейтинги интегралӣ таҳлил намоем, аз рӯйи холи миёна дар ҷойи аввал довталабони шаҳри Норак ва дар ҷойи охир довталабони ноҳияи Носири Хусрав қарор мегиранд.

Муқоисаи холи миёнаи довталабони ВМКБ-ро (расми 58) аз назар мегузаронем.




Расми 58. **Муқоисаи холи миёнаи довталабони ВМКБ**

Аз муқоисаи холи миёнаи довталабони ВМКБ (расми 58) бармеояд, ки натиҷаи бадастовардаи довталабони ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ин минтақа аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд аст.

Чунонки дида мешавад, нишондиҳандаи ноҳияи Мурғоб 21,00 хол аст. Дар ин маврид бояд гуфт, ки аз ноҳияи Мурғоб ҳамагӣ 1 нафар довталаб дар имтиҳони кори хаттӣ иштирок намуда, соҳиби 21 хол шудааст. Холи гирифтаи ин довталаб наметавонад нишондиҳандаи сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дастоварди таълимии довталабони ноҳияи Мурғоб бошад. Ва ё 1 нафар довталабе, ки аз хориҷи кишвар дар имтиҳон иштирок намуда, бо риоя накардани талаботи навиштани эссе хол нагирифтааст. Бинобар ин мо онро дар муқоисаҳо нишон надодем.

Аз маълумоти расми 58 бармеояд, ки қимати холи миёнаи довталабони ноҳияи Ишкошим аз ҳама баландтарин – 14,60 хол ё 48,67%-и ШИБХ ва холи миёнаи довталабони шаҳри Хоруғ аз ҳама пасттарин 12,01 хол ё 40,03%-и ШИБХ аст.

Он гуна ки дар расмҳои 54-58 дида шуд, нишондиҳандаи дастоварди довталабони шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Норак, Шуғнон, Синои шаҳри Душанбе, Файзобод, Истаравшан, Ҳисор, Айнӣ, Роштқалъа, Шаҳринав, Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, Дарвоз, Панҷакент, Фирдавсии шаҳри Душанбе ва чанде дигар низ аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд, вале дастоварди довталабони ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Лахш, Ҷайҳун, Шаҳритус, Тоҷикобод ва Носири Хусрав ниҳоят паст аст. Як нуктаро ин ҷо таъкид бояд кард, ки ин нишондиҳандаҳо на

ба он маънност, ки дониш ва малакаю маҳорати ҳамаи довталабони шаҳру ноҳияҳои нишондиҳандаашон баланд, қонеъкунанда ва дониш ва малакаю маҳорати ҳамаи довталабони шаҳру ноҳияҳои нишондиҳандаашон паст, ғайриқаноатбахш аст. Чунин фикр ғалат аст. Бояд гуфт, ки дар байни довталабони шаҳру ноҳияҳои нишондиҳандаашон баланд, довталабонеро ҳам метавон пайдо намуд, ки дастоварди таълимиашон қонеъкунанда нест ва баръакс дар байни довталабони шаҳру ноҳияҳои нишондиҳандаашон паст, довталабоне низ ҳастанд, ки дастоварди таълимиашон хубу қонеъкунанда аст.

Холи миёнаи нишондиҳандаи умумии сифати таълим ва ё дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабони ин ва ё он шаҳру ноҳия аст. Дар расми 59 муқоисаи холҳои миёнаи довталабон аз рӯйи минтақаҳо дода шудааст.




Расми 59. **Муқоисаи холҳои миёнаи довталабон аз рӯйи минтақаҳо**

Чунонки дар маълумоти расми 59 дида мешавад, ки холи миёнаи довталабони шаҳри Душанбе – 12,98, вилояти Суғд – 12,62 ва ВМКБ 14,00 аст ва ин нишондиҳандаҳо аз холи миёна дар ҷумҳурӣ баланд мебошанд. Вале холи миёнаи довталабони ШНТҶ (11,33) ва вилояти Хатлон (9,88) аз холи миёна дар ҷумҳурӣ паст аст. Холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо аз 50%-и ШИБХ камтар аст. Яъне, холи миёнаи довталабони шаҳри Душанбе – 43,27%, вилояти Суғд – 42,07%, ВМКБ – 46,67%, ШНТҶ – 37,77% ва вилояти Хатлон 32,93%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад.

Агар холҳои миёнаи довталабони тамоми минтақаҳоро бо тарзи рейтинги ҳамгиро ва ё интегралӣ таҳлил ва муқоиса намоем, аз рӯйи холҳои миёнаи

нисбатан баландтар бо паст шудани он, дар ҷойи 1-ум довталабони ВМКБ, дар ҷойи дуюм довталабони шаҳри Душанбе, дар ҷойи сеюм довталабони вилояти Суғд, дар ҷойи чорум довталабони ШНТҶ ва дар ҷойи панҷум довталабони вилояти Хатлон қарор мегиранд.

### 3.4. Таҳлили омилҳои ба натиҷаи дастовардҳои таълимии довталабон таъсиррасон

Чунонки аз таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз кори хаттӣ (эссе) бармеояд, дараҷаи дониши хаттии довталабон паст буда, малакаю маҳорати андешаронӣ, хулосабарорӣ, баёни дуруст ва мураттаби фикри онҳо ба талабот ҷавобгӯй нест. Агар аз рӯйи талаботи навиштани кори хаттӣ (эссе) ва меъёрҳои муқарраршудаи баҳо(хол)-гузорӣ ба он нигарем, мебинем, ки қисми бештари довталабон дар баёни андеша мушкилӣ мекашанд, ҳангоми навиштан ба меъёрҳои забони адабӣ – қоидаҳои имло, грамматика, услуб, истифодаи аломатҳои китобат риоя намекунанд.

Бинобар кифоят накардани захираи луғавиашон, наметавонанд «воситаҳои таъсирбахши луғавӣ, фразеологӣ, санъатҳои маънавӣ ва лафзии сухан (тавсиф, маҷоз, ташбеҳ, муболиға, таҷнис, такрор), савол ва нидои риторикӣ, ибораву ҷумлаҳои ҳамвазну ҳамқофия ва монанди инҳоро ба кор баранд» [90, с. 6], балки бештар умумигӯйӣ мекунанд, «вожаҳои шевагӣ, калимаю ифодаҳое, ки ба меъёри забони адабӣ мувофиқ нестанд» [90, с. 6], истифода мебаранд. Мувофиқи талабот ва меъёрҳои муайянгардида [85, с. 65; 90, с. 19] ин қисми довталабон ҳангоми навиштани кори хаттӣ (эссе) дар доираи мавзуи додашуда дуруст масъалагузорӣ карда, мустақилона андешаронӣ намуда, хулоса бароварда, фикрашонро бо далел (иқтибосҳо аз гуфтор ё осори шахсиятҳои маъруф, мисол(ҳо), факту рақам ва ғайра) асоснок карда наметавонанд. Агар далел биёранд ҳам, тавре ки дида шуд, далелҳояшон беасос ва дур аз мавзуъ аст.

Натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) нишон медиҳад, ки воқеан ҳам сатҳи дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳоратҳо)-и довталабон (хатмкардагони МТМУ-и ҷумҳурӣ) қонеъкунанда нест, таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТУ  ба таври шоиста ба роҳ монда нашудааст.

Вобаста ба ин ба чанд омил, ки, ба андешаи мо, ба натиҷаҳои дастовардҳои таълимии довталабон таъсири манфӣ мерасонанд, ишора мекунем.

**1. Таълими нодурусти фанҳои забон ва адабиёти тоҷик.** Ҳарчанд ки дар санадҳои муҳимме чун «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» [6] ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [7] дар бораи гузариш аз низоми анъанавии ба дониш асосёфта, ба низоми таълими ба салоҳият нигаронидашуда ва бо ин роҳ баланд бардоштани сифати маълумот, ба маълумоти сатҳи ҷаҳонӣ ворид намудани Тоҷикистон ва рақобатпазир гардонидани сифати маълумот таъкид шудааст, вале натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) нишон медиҳад, ки таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ ҳанӯз ҳам дар асоси низоми синфӣ-дарсӣ ба роҳ монда шудааст.

Риоя нашудани меъёрҳои забони адабӣ дар кори хаттии довталабон далели онанд, ки қонуну қоидаҳо (меъёрҳо)-и забони тоҷикӣ дар мактабҳо дуруст таълим дода намешавад, хонандагон қоидаҳои наҳвии забонро дуруст намедонанд. Донишманди тоҷик Баҳриддин Камолиддинов ҷое доир ба риоя нагардидани меъёрҳои забони адабӣ дар матбуот андешаронӣ намуда, таъкид мекунад, ки «... хуб надонистани имконоти наҳвии забон, алалхусус, қолабҳои гуногуни ифодаи фикр боиси он мегардад, ки матлаб бо як тарзи ҷумлабандӣ якрангу якнавохт баён карда шавад» [45, с. 232]. Ҳарчанд ки ин сухан дар бораи ғалатҳо дар ҷумлабандии забони матбуот гуфта шудааст, вале онро метавон дар ҳар маврид, барои ҳар соҳибзабон, хусусан, хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба кор бурд. Вақте донишомӯз қолабҳои гуногуни ифодаи фикрро намедонад, дар вақти навиштани кори хаттӣ – нақли хаттӣ, иншо, эссе ва ғ., чунонки дида шуд, ба ғалатҳои грамматикию услубӣ роҳ медиҳад. Таълими нодурусти меъёрҳои забони ададӣ дар муассисаҳои таълимӣ на танҳо сабаби харобии тафаккур ва бесаводии хонандагон мешавад, инчунин замина фароҳам меорад, ки ин меъёрҳо аз тарафи онҳо ва дигар соҳибзабонон риоя нагардад ва забони адабӣ зина ба зина нотавон гардад. Вобаста ба ин Б. Камолиддинов ҷойи дигар менависад: «Қудрату тавоноии забони адабӣ ба он ҳам вобаста аст, ки меъёрҳои

он дар қоидаҳои талаффуз (орфоэпия), имло, истифодаи унсурҳои луғавӣ, фразеологӣ, тарзу воситаҳои калимаву таркибсозӣ, шаклсозӣ, ибораю ҷумлабандӣ то чӣ андоза устуворанд ва дар гуфтору навиштор, дар услубҳои мухталифи баёни фикр аз тарафи соҳибзабонон риоя мешаванд» [44, с. 5].

Ин андешаи Б. Камолиддинов бори дигар зарурати аз низоми анъанавии синфӣ-дарсӣ ба низоми таълими ба салоҳият нигаронидашуда гузаштанро таъкид менамояд.

Доир ба хусусиятҳои низоми синфӣ-дарсӣ ва истифодаи методологияи шарҳӣ-аёнӣ дар он ба таври муфассал дар навиштаи методистон Қ. Мухторӣ ва Ф. Мирзоёров [75, с. 5-7] дода шудааст, ки мо аз шарҳи  он худдорӣ мекунем. Танҳо ба ҳамин нукта, чунонки ин методистон таъкид намудаанд, бояд таваҷҷуҳ кунем, ки «Дар таълими шарҳӣ-аёнӣ диққати асосӣ ба хотира равона шуда, хусусияти бахотиргирӣ дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидани (ё хондани) маълумот онро бояд дар хотир гирад, дертар ба хотир орад ва бозгӯйӣ карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад» [75, с. 6]. Аз ин суханон бармеояд, ки ин низом асосан ба рушди хотира равона гардидааст, на ба тафаккур ва қобилияти эҷодии хонанда. Чунонки Қ. Мухторӣ ва Ф. Мирзоёров ва ҳам муаллифони «Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Модули 1» аз як ақидаи Р. Аткинсон доир ба норасоии ин низом ёд намудаанд: «Дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолии хонандагон таъсири кам мерасонад. Илова бар ин миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад» [75, с. 9; 79, с. 7].

Воқеан ҳам, аз натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) бармеояд, ки қобилияти эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолии довталабон ташаккул наёфтааст. Онҳо фикрашонро бо далел асоснок карда наметавонанд. Агар барои асоснок кардани фикрашон далеле  биёранд, чун наметавонанд, ки порчаҳои шеърӣ ва суханони бузургонро ба хотир оранд, далелҳояшон нодурусту беасос ва дур аз мавзуъ

мебарояд. Албатта, ин натиҷаи низоми анъанавии таълими ба дониш асосёфта аст.

Ба андешаи мо самаранокии низоми анъанавии таълим, ки танҳо ба дониш (маълумоти гирифта) такя мекунад, бо рушди рӯзафзун ва дигаргуниҳои назаррас дар соҳаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотӣ рӯз то рӯз камрангтар гардид ва, ҳатто, ин низом дигар ба талаботи имрӯз ҷавоб намедиҳад. Бинобар ин зарурати гузариш ба низоми таълими ба салоҳият нигаронидашуда пеш омад.

Дуруст аст, ки гузариш ба низоми таълими ба салоҳият нигаронидашуда ба барномаву китобҳои дарсии босифат ва, хусусан, ба омӯзгори мусаллаҳ ба донишҳои зарурӣ ва босалоҳият вобастагӣ дорад. Методист Ҷ. Саидзода дуруст таъкид намудааст, ки «Агар муаллим ба дониши зарурӣ мусаллаҳ бошад ва тарзу усулҳои наву пурманфиатро дар таълим корбаст намояд, шогирдон мавзуъҳоро хуб аз бар мекунанд ва барномаро ба таври бояду шояд ҳазм менамоянд...» [86, с. 6]. Ба таври бояду шояд ҳазм намудани барнома, ба андешаи мо, чунонки дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» зикр шудааст, фарогирии салоҳиятҳои коммуникативӣ ва салоҳиятҳои забонӣ ва дар ин замина рушди шахсияти хонанда аст, ки «меъёрҳои забони адабии тоҷикиро фаро гирифта, қобилияти озодона баён кардани фикр ва ҳиссиёти худро дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ бо назардошти меъёрҳои ахлоқии муомила дорад» [4, с. 6].

Татбиқи низоми таълими ба салоҳият нигаронидашуда омӯзгорро водор мекунад, ки аз усулҳои муосири таълим истифода кунад, дарси ҳозиразамон ва ба ташаккули малакаю маҳоратҳои хонандагон равонашударо ба роҳ монад.

Доир ба усулҳои муосири таълим ва истифодаи онҳо дар дарсҳои забон ва адабиёт, ба роҳ мондани дарси ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ ва бо ин роҳ рушд додани ҷаҳонбинӣ ва шахсияти хонанда дар навиштаҳои донишмандону методистон [17; 18; 20; 40; 46; 47; 62; 63; 70; 72; 74; 75; 77; 78; 79; 80; 86; 94; 101; 107; 115; 116; 117; 129; 130; 131; 133; 141; 143; 144; 145; 146; 150; 151; 153; 157; 167] маълумоти муфассал дода шудааст.

Танҳо ҳамин нуктаро бояд таъкид намуд, ки бо истифода аз усулҳои муосири таълим мо метавонем салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативии

донишомӯзонро рушд диҳем, то онҳо тавонанд, фикрашонро озодона баён намоянд ва воҳидҳои забониро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дурусту бамавқеъ ба кор баранд.

**2. Инкишоф наёфтани нутқи хонандагон.** Натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) нишон медиҳад, ки нутқи бархе аз хонандагон (хатмкардагон)-и МТМУ-и кишвар дуруст инкишоф наёфтааст. Ин масъалаи муҳимми ҳаётии хонандагон боз ҳам рабт мегирад ба таълими нодурусти фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТУА ва МТМУ.

Мо бо муҳаққиқи тоҷик М.Н. Тиллохоҷаева комилан мувофиқ ҳастем, ки менависад: «Ҳадафи инкишофи нутқи хонандагон ин, аз як тараф, вусъати дониш, аз ҷониби дигар, малакаи корбурди забон мебошад, зеро чунонки аз мушоҳидаҳо бармеояд, дар дарсҳо аксари хонандагон дар ифодаи фикрашон ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ душворӣ мекашанд» [151]. Дурустии ин андеша дар диссертатсияи мо ба исбот расидааст. Дар иншо (эссе)-и навиштаи аксарияти хонандагон мувофиқат накардани хабари ҷумла ба мубтадо, ба маънои дигар истифода шудани калимаҳо, истифодаи калимаҳои шевагӣ ва омиёна, надонистани вазифаи грамматикии пешоянду пасояндҳо, овардани маълумоти пурғалату бемантиқ, нодуруст навиштани зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, байтҳо ва порчаҳои шеърӣ зиёд дида мешавад ва ин ҳама нишондидандаи инкишоф наёфтани нутқи хонандагон аст.

Дуруст аст, ки инкишоф додани нутқи хонандагон аз вазифаҳои муҳимтарин дар доираи омӯзиши фанҳои забони модарӣ (тоҷикӣ) ва адабиёти тоҷик мебошад. Донишманди шинохтаи рус В.Н. Мешеряков навишта буд, ки курси мактабии забони модарӣ дар маҷмуи фанҳои таълимӣ (таърих, биология, физика ва ғайра) фанни махсус мебошад. Мо бо омӯзондани забони модарӣ, ташаккул додани сохтори грамматикии нутқи хонандагон, ворид намудани меъёрҳои забони адабӣ ба нутқи гуфтории мактаббачагон, ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон ва шинос намудани онҳо бо жанрҳо ва шаклҳои муоширати гуфтории муҳимми иҷтимоӣ қобилияти нутқию тафаккурии ҳар хонандаро тавсиъа медиҳем, ӯро ба шаклҳои гуногуни фаъолият – хондан, гӯш додан, навиштан ва гуфтор, ки ба дигар фанҳои таълимӣ низ нисбат доранд,

омода мекунем. Чунонки аз таҳқиқоти равоншиносон бармеояд, ташаккул наёфтани сохтори грамматикии нутқи хонандагон ба он оварда мерасонад, ки онҳо наметавонанд то 20% маълумотро аз худ кунанд [71, с. 3].

Ин андешаи В.Н. Мешеряков тасдиқи ин нукта аст, ки инкишоф додани нутқи шифоҳию хаттии хонандагон ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимми таълим ба ҳисоб мерафтааст. Имрӯз низ дар ин раванд воситаи хеле самарабахш истифодаи дурусти корҳои хаттӣ ва усулҳои нави таълим, бахусус, муносибати босалоҳият ба таълим, таълими интерактивӣ ва ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда дар дарсҳои забони модарӣ (тоҷикӣ) ва адабиёти тоҷик мебошад. Зеро, маҳз, фанни забони тоҷикӣ чун воситаи дарки воқеияти забони тоҷикӣ рушди фикрӣ ва қобилияти эҷодкории хонандаро таъмин сохта, тафаккури таҷридӣ (абстракт), хотира ва тасаввуроти ӯро инкишоф ва малакаҳои мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, худомӯзӣ ва худтатбиққунии ононро ташаккул медиҳад ва дар дарси адабиёт ба ташаккули шахсият ва ривоҷи тафаккури илмию мантиқии ҳамаҷонибаи фардӣ, ки дар ҷомеа зарур аст, замина гузошта мешавад.

Доир ба роҳҳои инкишоф додани нутқи хаттию шифоҳии хонандагон методистон ва донишмандони соҳа тавсияҳои хубу арзишманд додаанд [17; 18; 20; 40; 46; 47; 62; 63; 70; 72; 74; 75; 77; 78; 79; 80; 86; 94; 101; 107; 115; 116; 117; 129; 130; 131; 133; 141; 143; 144; 145; 146; 150; 151; 153; 157; 167], бахсусус, дар самти омӯхтани луғат ва навиштани корҳои гуногуни хаттӣ, ки омӯзгорони фанҳои забони тоҷикӣ (забони давлатӣ) ва адабиёти тоҷик бояд аз онҳо дурусту самаранок истифода кунанд.

**3. Камтаваҷҷуҳӣ ба фаъолияти эҷодии хонандагон.** Дуруст аст, ки рушд додани малакаю маҳорат ва қобилияти эҷодии хонандагон, дар баробари таълими дигар фанҳо аз вазифаҳои муҳимтарини таълими босифати фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ба шумор меравад. Азбаски таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТУ ба тарви шоиста ба роҳ монда нашудааст, қобилияти эҷодии хонандагон низ он гуна ки мебояд, рушд намекунад.

Донишманди тоҷик А. Мулло ҳам яке аз сабабҳои рушд накардани қобилияти эҷодии хонандагон ва оҷизу бебаҳра мондани онҳо «аз фаҳмидани матни бадеӣ, ҳунари эҷодӣ, балоғати сухан ва ғояи осори адабӣ» дар нодуруст ба роҳ мондани дарси адабиёт дар синфҳои болоӣ медонад [74, с. 49]. Ба андешаи олими шинохта М. Лутфуллоев сабаби ин дар набудани муносибати ҷиддӣ ба таълим ва ғайрифаъол будани хонандагон дар дарс аст. Ӯ менависад: «Талаба дар дарс ҳар қадар пассив (ғайрифаъол) бошад, ҳамон қадар фаъолияти эҷодии таълим, заҳмати зеҳнии омӯзиш барояш дилгиркунанда, нолозим ва бори гарон менамояд. Бояд таъкид кард, ки раванди таълим худ заҳматталаб аст. Вай ҳар гуна муносибати рӯякӣ ва сарсариро намеписандад. Муносибати ҷиддӣ ба таълим ин пеш аз ҳама таъмини фаъолиятнокӣ ва мустақилии талабаҳо дар дарс мебошад» [63, с. 57].

Вобаста ба ин барои рушд додани қобилиятҳои эҷодии хонандагон, таъмини фаъолнокӣ ва мустақилияти талабаҳо дар дарс дар навиштаҳои методистону олимони соҳа [40; 57; 72; 80; 86] тавсияҳои муфид дода шудааст ва дар диссертатсия ба зарурати истифода гардидани онҳо аз тарафи омӯзгорон таъкид гардидааст.

М. Лутфуллоев ба роҳ мондани корҳои тарҳи эҷодидошта дар дарсҳоро тавсия медиҳад: «Тараққии қобилияти эҷодии бачаҳо яке аз вазифаҳои муҳимми мактаб аст. Аз ин рӯ, дар ҷараёни тадрис корҳои зиёди тарҳи эҷодидошта тавсия мешаванд, ки онҳо бештар ба характери фанни таълимӣ вобастаанд. Масалан, нақли хаттӣ, иншо, тартиб додани нақша (план), ба саволҳо ҷавоб навиштан, имлоҳои эҷодӣ, тартиб додани масъала ва ҳалли он, лоиҳакашию муҷассамасозӣ ва ғайра» [63, с. 193-194] ва ё ҳамчун вазифаҳои муҳим ба назар гирифтани фаъолияти маърифатҷӯӣ ва эҷодии хонандагон зимни чараёни таълимро тавсия додаанд, ки «Ин вазифа боиси он мегардад, ки: а) қонуниятҳои тафаккури талабаҳо дар робита бо психологияи умумӣ омӯхта шуда, тафаккури мантиқӣ, танқидӣ ва миллӣ рушд ёбад; б) талабаҳо на танҳо фикр карданро омӯзанд, инчунин фикри худро асоснок намоянд ва ба қарори муайян оянд» [63, с. 41].

Донишмандону методистони дигар, ба монанди А. Мулло ба роҳ мондани «муносибатҳои нави муаллиму хонанда, омодагӣ ба ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва

муҳокимаву андешаронихҳои мустақил дар муҳити омӯзишу парвариш» [74, с. 19], Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев, Н. Қодиров, М. Иргашева ва Қ. Зиёев таълими хонандамеҳвар [78], З. Тошбоева ва Ф. Ниёзов ба роҳ мондани дарсҳои интерактивӣ ва истифода аз навъҳои гуногуни арзёбиҳои педагогӣ  [94], Н.С. Каримов ва О.Б. Қурбонов омӯзиши хусусиятҳои забон ва низоми сарфиву наҳвии он бо ҳифз намудани матну луғоти гуногунро [46, с. 4] тавсия додаанд.

Муҳаққиқи шинохта Б. Камолиддинов ҷое ба риоя нагардидани як нуктаи муҳимми илми иншо ишора карда, таъкид намудаанд, ки «Равшан ифода кардани фикр, фасоҳати калом, пеш аз ҳама, ба интихоб ва мавқеи истеъмоли калима вобаста аст. Агар калима ё таркиб мафҳуми ашё, аломат, амалу ҳолатро дақиқ ифода кунад ва дар мавқеи худ кор фармуда шуда бошад, дар ҷумла мақсади гӯянда ё нигоранда саҳеҳ ифода меёбад» [45. с. 14]. Азбаски хонандагон ва хатмкардагони муассисаҳои таълимии мо (довталабон) он гуна ки бояд луғат намеомӯзанд, маънои калимаҳо ва мавқеи истеъмоли онҳоро дуруст намедонанд, ҳангоми навиштани иншо фикрашонро саҳеҳ баён карда наметавонанд ва ба ғалатҳои ҷиддӣ роҳ медиҳад. Бинобар ин, Ф. Олимова [80] ба омӯзгорон истифодаи усулҳои муосири инкишофи малакаҳои хондан, навиштан, таълими грамматика ва имло, луғат, таҳлил, таркиб ва арзёбии мавзуъ, сохтор ва унсурҳои асотир, назм ва насри адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикро пешниҳод менамояд.

**4. Дуруст ба роҳ намондани иншонависӣ дар муассисаҳои таълимӣ.** Иншо нишондиҳандаи дараҷаи дониши хаттӣ, инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ, натиҷаи фаъолияти таълимӣ, доираи ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои хонандагон аст. Ҳарчанд ки навиштани иншо дар муассисаҳои таълимӣ аз синфҳои ибтидоӣ ба нақша ва барномаи таълим ворид карда шуда, то хатми синфи 11 идома меёбад, вале боз ҳам бо хатми муассисаи таълимӣ хонандагон ба тарзе ки бояд иншоро ба тартиби муайян нависанд,  навишта наметавонанд. Албатта, ин масъала ба усули таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, таҷриба ва дараҷаи тахассуси омӯзгор сахт вобаста аст.

Ҳанӯз соли 1985 методистон А. Аминов ва З. Воҳидов навишта буданд, ки: «Дар синфҳои болии мактаб баъзе талабагоне ба назар мерасанд, ки чӣ навъ навиштани иншоро намедонанд... Сабаби ин, ба назари мо, дар он аст, ки дар мактаб ба малакаи кори мустақилонаи талабагон кам эътибор дода мешавад...» [13, с. 5]. Чунонки мебинем, аз он замон то ба имрӯз вазъият тағйир накардааст: натиҷаҳои имтиҳони кори хаттӣ (эссе) нишон медиҳад, ки қисми бештари хонандагон, хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чи тарз навиштани иншоро намедонанд.

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон то ба имрӯз чандин мақолаҳо ва дастурҳои навиштани иншо ва эссе нашр шуданд, дар асару мақолаҳои методию таҳлилӣ тарзу усулҳои навиштани иншо ва роҳҳои рушд додани нутқи хаттии донишомӯзон нишон дода шудааст, вале натиҷаҳо қонеъкунанда нестанд. Аз натиҷаи имтиҳони кори хаттӣ (эссе) бармеояд, ки дониши хаттии қисми зиёди хатмкардагони МТУ-и ҷумҳурӣ қонеъкунанда нест, қобилияти эҷодкорӣ, доираи ҷаҳонбинии ин хонандагон инкишоф наёфтааст.

Вобаста ба ин моро зарур аст, ки дар робита ба татбиқи низоми нави таълим – муносибати босалоҳият ба таълим дарси махсуси иншонигориро дар МТУ ҷорӣ намоем. Ҳарчанд ки мувофиқи қарори мушовараи ВМИ ҶТ аз 27.08.2018, №16/31 дар ҳамаи МТУ низоми таълими эссе ҷорӣ карда шудааст, мо ин масъаларо дар дастури методии худ [10-М] нишон додаем.

**5. Набудани низоми ягонаи баҳо (хол)-гузорӣ ба кори хаттӣ.** Дигар аз омилҳои муҳим, ки, ба андешаи мо, ба натиҷаҳои дастовардҳои довталабон таъсиргузор аст, набудани низоми ягонаи баҳо (хол)-гузорӣ ба кори хаттии донишомӯзон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва довталабон дар ИМД ба МТТМОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Набудани чунин як низоми баҳо (хол)-гузорӣ нофаҳмиҳои зиёдеро дар байни омӯзгорон ба вуҷуд меорад, ки ин ба сифати таҳсил ва натиҷаҳои дастовардҳои таълимӣ бетаъсир нахоҳад буд. Дуруст аст, ки дар МТУ ба корҳои хаттӣ, аз ҷумла, ба иншо мувофиқи талаботи дар санадҳои меъёрӣ муайянгардида [4; 26; 27] аз рӯйи низоми 5-хола баҳо гузошта мешавад, вале дар низоми ИМД ва низ мувофиқи дастурҳои методӣ, ки дар ММТНПҶТ ба нашр расидаанд [89; 90], холгузорӣ ба эссе (кори хаттӣ) бо

тарзи дигар ба роҳ монда шудааст, ки мо онро дар бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия нишон додем.

Дар муқоиса бо низоми 5-холаи баҳогузорӣ низоми холгузории пешниҳоднамудаи ММТНПҶТ дақиқтар ва воқеитар аст. Дар низоми 5-холаи баҳогузорӣ меъёрҳо дақиқ нестанд, ҳарчанд ки дар санадҳои меъёрӣ [4; 26; 27] тарзи баҳогузорӣ муайян шудааст. Бо вуҷуди ин дар баҳогузорӣ ба мазмун ва мундариҷаи иншо бештар андешаи шахсии омӯзгор нақш дорад. Имкон дорад, ки як омӯзгор ба мазмун ва мундариҷаи иншои хонанда баҳои хуб гузорад, вале омӯзгори дигар аз дидгоҳи худ метавонад ба он баҳои баландтар ва ё пасттар диҳад. Чунин тарзи баҳогузориро диссертант ҳамчун аъзои гурӯҳи санҷишгарони кори хаттӣ (иншо, эссе)-и иштирокдорони олимпиадаи фаннии даври ҷумҳуриявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳар сол аз тарафи ММТНПҶТ баргузор мешавад, борҳо мушоҳида намудааст. Аммо дар ин низоми пешниҳоднамудаи ММТНПҶТ меъёри холгузорӣ ба ҳар талабот дақиқ муайян шудааст. Ҳарчанд ки тартиби санҷишу баҳогузории эссе (кори хаттӣ), ки ММТНПҶТ пешниҳод намудааст, бар асоси талабот ва меъёрҳои муайянкардаи ВМИ ҶТ [4; 26; 27] таҳия гардидааст. Ҳангоми санҷиши кори хаттӣ (эссе) аз рӯйи ҳар як меъёр холи мушаххас гузошта, дар охир ҷамъ карда, пас аз он, агар зарур дониста шавад, аз рӯйи ҷадвал (шкала)-и 5-бала ба баҳо баргардонида мешавад, ки мо инро дар ҷадвали мувофиқати хол ва баҳо [9-М; 10-М] нишон додаем.

Албатта, дар МТУ омӯзгорон наметавонанд, низоми муқарраргардидаро вайрон кунанд ва аз рӯйи хости худашон низоми холгузории пешниҳоднамудаи ММТНПҶТ-ро истифода баранд. Бинобар ин, ба андешаи мо, вақти он расидааст, ки низоми ягонаи баҳо (хол)-гузорӣ ба корҳои хаттӣ ба роҳ монда шавад. Бо дар назар гирифтани масъалаи гузариш ба низоми 10-холаи баҳогузорӣ, ки тартиби холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе)-и пешниҳоднамудаи ММТНПҶТ ба он мувофиқат мекунад, ин низом бояд дар ҳамаи МТУ-и кишвар татбиқ карда шавад.

Дар ин замина мебояд нуктаеро, ки дар моддаи 27-уми боби 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” таъкид шудааст, ба назар бигирем: «Идоракунии сифати таҳсилот сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маорифро

амалӣ карда, низоми ягонаи миллии баҳогузорӣ ба сифати таҳсилотро муайян ва самаранокии онро таъмин менамояд» [2. с. 6]. Агар чунин низоми ягонаи баҳогузорӣ ба кори хаттӣ (иншо ва эссе) низ дар МТУ татбиқ шавад, ба дастовардҳои таълимии хонандагон таъсири мусбат хоҳад расонд.

Ҳамчунин вобаста ба ин имкон дорад, ки нуктаҳои зерини дар «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» [177] пешбинишуда бомуваффақият татбиқ шаванд:

− таҳияи барномаи ягонаи омӯзиши забони тоҷикӣ, инчунин дастурҳои таълимӣ-методӣ барои муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ;

− ташкили низоми ягонаи таълими мутахассисони забони тоҷикӣ;

− такмили барнома, нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии забони тоҷикӣ барои факултетҳои филологияи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ.

## Хулосаи боби 3

Аз таҳлили натиҷаҳои дастоварди довталабон аз имтиҳони кори хаттӣ (эссе)-и соли 2018, ки дар боби 3-и диссертатсия баррасӣ гардид, метавон чунин хулоса баровард:

1) кори хаттӣ (эссе) яке аз муҳимтарин ва дақиқтарин абзорҳои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон, махсусан, маҳорати арзёбии мустақилонаи масъала (тафаккури эҷодӣ, дарку баррасии масъала ва хулосабарорӣ), баёни дуруст ва мураттаби хаттии фикр ва дараҷаи саводнокии онҳост;

2) таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва забони давлатӣ на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дуруст ба роҳ монда шудааст;

3) омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бештар ба қориазёд кардани қоидаҳои забон ва порчаҳои шеърӣ диққат медиҳанд, на ба рушди тафаккури хонандагон ва мантиқи баёни онҳо;

4) доираи андеша ва ҷаҳонбинӣ, дониши забонӣ ва дараҷаи саводнокии як қисми ками довталабон (28,15%-е, ки беш аз 50%-и холи имконпазири ҳадди аксар (30 хол)-ро гирифтаанд) ба талабот ҷавобгӯст;

5) мувофиқи меъёрҳои холгузорӣ ба кори хаттӣ (эссе) андешаронии ҳамагӣ 4,22%-и довталабони дар имтиҳони кори хаттӣ иштироккнамуда муфассалу пурра ва фарогири муҳтавои мавзуъ аст;

6) доираи андеша ва ҷаҳонбинӣ, дараҷаи саводнокӣ ва дониши забонии қисми бештари довталабон (71,85%) қонеъкунанда нест. Дар ин гурӯҳи довталабон маҳорати мустақилона баён кардани фикр (тафаккури эҷодӣ – мустақилона баррасӣ кардани масъала ва хулосабарорӣ) рушд наёфтааст ва қобилияти мустақилона баррасӣ кардани масъаларо надоранд;

7) қисми зиёди довталабон ҳангоми навиштани иншо фикрашонро хулоса карда наметавонанд. Ин қисми довталабон андешаронию хулосабарории озодона надоранд, дар ҷамъбасти фикрашон душворӣ мекашанд, барои исбот ва ё тақвият ва ҷамъбасти фикрашон аз далелҳо истифода карда наметавонанд;

8) тартиб ва мантиқи баёни на ҳамаи довталабон ба талабот ҷавобгӯй аст. Дар кори хаттии ин довталабон пайдарҳамии фикр дида намешавад, мантиқи ,ҷумлаҳои навиштаашон хароб аст. Ин гурӯҳи довталабон ба маънои калимаю ибораҳо дуруст сарфаҳм намераванд, ҷойи корбурди онҳоро намедонанд. Аз ин рӯ, дар эссеҳои навиштаашон далелҳои бемаънӣ меоранд, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва байтҳо ва порчаҳои шеъриро нодуруст ва ғалат менависанд;

9) дараҷаи саводнокии ҳиссаи бештари довталабон ба талабот ҷавобгӯй нест. Дар кори хаттии ин гурӯҳи довталабон меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ (қоидаҳои имло, грамматика, услуб ва истифодаи аломатҳои китобат) риоя нагардидаанд. Чунонки дар кори хаттии 82,58%-и довталабон (дар 1-2 саҳифа) аз 6 то 15 ва беш аз ин ғалати имлоӣ, дар кори хаттии 66,35% аз 6 то 12 ва беш аз ин ғалати китобат ва дар кори хаттии 24,84% аз 5 то 8 ва беш аз ин ғалати грамматикию услубӣ роҳ ёфтааст;

10) довталабон мавриди истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва байтҳои машҳури адибони шинохтаи тоҷикро намедонанд;

11) доираи андешаю ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи саводнокии довталабони якчанд шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, Исфара, Конибодом, Бӯстон, Хуҷанд, Норак, Истаравшан, Ҳисор, Бобоҷон Ғафуров, Ишкошим, Варзоб, Шуғнон, Синои шаҳри Душанбе, Файзобод, Айнӣ ва Роштқалъа хуб ва қонеъкунанда аст. Дар баробари ин натиҷаи дастовардҳои довталабони ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Рашт, Балҷувон, Кӯшониён, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Нуробод, Дӯстӣ, Қубодиён, Лахш, Ҷайҳун, Шаҳритус, Тоҷикобод ва Носири Хусрав аз кори хаттӣ (эссе) ғайриқаноатбахш аст;

12) омилҳое чун таълими нодурусти фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва наомӯзонидани иншонависӣ дар МТТУ, инкишоф наёфтани нутқи хонандагон, беэътиборӣ ба фаъолияти эҷодии хонандагон, набудани низоми ягонаи баҳо (хол)-гузорӣ ба кори хаттӣ ба натиҷаҳои дастовардҳои таълимии довталабон таъсири манфӣ мерасонанд.

Аз натиҷаи таҳлилу баррасиҳои кори хаттӣ (эссе) дар соли 2018 бармеояд, ки бештари довталабон қоида ва меъёри навиштро риоя намекунанд, навиштаашон пурғалат аст ва фикрашонро бо далелҳо тақвият дода наметавонанд. Аз ин рӯ, барои навиштани кори хаттӣ дар МТТУ ҶТ шарт ва зарур аст (махсусан, дар МТТУ фанни забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ таълим дода мешавад), ки ба навиштани корҳои хаттӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд, то дар оянда хонандагон тавонанд, дар ҳама ҳолат бомуваффақият аз уҳдаи навиштани корҳои хаттӣ бароянд.

Ҳамин тариқ, навиштани кори хаттӣ (эссе) чун санҷиши савияи дониши хонандагон ҳангоми дохилшавӣ ба МТТМОК амри ногузир шуморида мешавад. Агар навиштани кори хаттӣ ба низоми ИМД ворид карда шавад, хонандагон водор мешаванд, ки дар навиштани ҳама гуна корҳои хаттӣ як дараҷа масъулият ҳис кунанд. Ба ин васила таълими фанҳои забони тоҷикӣ (давлатӣ) ва адабиёти тоҷик босамар гардида, омӯзиши ин фанҳои бунёдӣ вусъати тоза пайдо мекунад ва дар баробари омӯзиши қоидаҳои имло, услубиёти забон, инчунин тавассути хониши зиёди матнҳо луғатдонӣ ва маънавиёти насли ҷавон рушд меёбад.

# ХУЛОСА

Вобаста ба таҳқиқи анҷомдодашуда дар мавзуи “Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)” метавон чунин хулоса кард:

**1.** Истифодаи корҳои хаттӣ (диктант, нақли хаттӣ, иншо) дар дарсҳои забони модарӣ (тоҷикӣ) ва адабиёти тоҷик на танҳо воситаи самарабахши инкишоф додани нутқи хонандагон, инчунин яке аз муҳимтарин воситаҳои арзёбии дастовардҳои таълимӣ, бахусус дониши хаттии хонандагон (дуруст баён карда тавонистан (навиштан)-и андеша ва дар ин замина риояи меъёрҳои забон, қоидаҳои навишт ва мувофиқи услуб истифода кардани воситаҳои забонӣ) ба шумор меравад [1-М; 3-М; 11-М; 12-М; 13-М].

**2.** Эссе ба мисли иншо аз ҷумлаи корҳои хаттӣ ва эҷодии хонанда аст. Ба таври хаттӣ дуруст баён намудани андеша ё жанри мувофиқ барои баёни андешаҳои шахсист, ки хонанда (донишҷӯ) доир ба мавзуи пешниҳодшуда андешаашро бо як тартиби муайян дар як сарсухани кӯтоҳ, мулоҳизаронихои мухтасар бо далел ва хулоса баён менамояд. Навиштани эссе аз хонанда/донишҷӯ дониши амиқ, майл ба андеша ва осонии баёнро талаб мекунад [3-М; 6-М; 8-М; 9-М; 10-М; 11-М].

**3.** Эссе бо тафовутҳое, ки аз иншо дорад, бо ин шакли кори хаттӣ дорои умумият низ мебошад. Ба воситаи иншо ва эссе дараҷаи саводнокӣ ва нутқи хаттии хонандагон, дараҷаи ҷаҳонбинӣ, маҳорати андешаронию хулосабарорӣ ва баёни дурусту мураттаби фикри онҳо муайян ва арзёбӣ карда мешавад. Ҳар ду намуди кори хаттӣ ба воситаи таҳлили матни адабӣ, андешаронӣ доир ба ягон масъалаи муҳим ва ғайра тафаккури интиқодии хонандагонро рушд медиҳад [1-М; 3-М; 10-М].

**4.** Эссе ҳамчун шакли кори хаттӣ ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ, бахусус корбурди он дар байни омӯзгорону хонандагон ба туфайли талаботи ИМД ба МТТМОК ворид гашт [3-М; 6-М; 8-М; 12-М].

**5.** Абзори кори хаттӣ (эссе) ва меъёри холгузорӣ ба он, ки дар чанд давр озмуда шуданд ва аз рӯйи сифат боэътимоданд, ҳамчун воситаи асосии арзёбии

